АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА ВА СИЁСАТШИНОСИИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВ

ВБД 1 (091)
ТКБ 87.3 (2 тоҷик)
З-57

Бо ҳуқуқи дастнавис



ЗИЁЕВА ЗЕБОНИССО ИДИБЕКОВНА

ФАЛСАФАИ ИБНИ АРАБӢ

АВТОРЕФЕРАТИ
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафа

ДУШАНБЕ – 2026

Диссертатсия дар шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ омода гардидааст.

Мушовири илмӣ: **Карематулло Олимов –** академик, доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими илмии Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ

Муқарризони расмӣ: Амирхон Шоҳусайн Талбонӣ – доктори илмҳои фалсафа, и.в. профессор, мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Латифӣ Зебинисо Абдулатиф - доктори илмҳои фалсафа, мудири кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи факултети таърих ва ҳуқуқӣ МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Султонзода Соқи Аслон - доктори илмҳои фалсафа, мудири кафедраи забонӣ фарасавии факултети забонҳои Аврупо ва Осиёи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муасисаи пешбар: Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

Ҳимояи диссертатсия «07» январи соли 2027, соати «14^{00}» дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-092-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 33) баргузор мегардад.

Матни диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо суроғаи 731025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33 ва сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон www.tnu.tj дастрас мебошад.

Автореферат «___» _____ соли 2026 фиристода шудааст.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои фалсафа Ҳаитов Ф.Қ.

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи (предмет) таҳқиқот. Тасаввуф яке аз падидаҳои маънавӣ мебошад, ки дар марҳаллаҳои мухталифи тамаддуни инсонӣ дар байни халқҳои гуногуни ҷаҳон вуҷуд доштааст. Аммо тасаввуф, ба мисли ҳар кадом шаклҳои гуногуни ирфон дорои хосиятҳои худ мебошад, ки дар муҳити муайяни умумифарҳангие ташаккул ёфта, фарҳанги онро дар партави ҷиҳатҳои хоси худ инъикос намудааст. Худи ҳамин ба ҷиҳатҳои хоси тасаввуф дар доираи «кулли умумиисломӣ» низ дахл дорад, ки то андозаи муайян тасаввуфро аз дигар ҷараёнҳои бузург ва мактабҳои исломӣ фарқ мекунонад. Дар баробари ин тасаввуф, яке аз унсурҳои бунёдии ин «кулли умумимусулмонии маданият»-ро бо ҳама ҷараёнҳо ва таълимотҳои гуногун, инчунин дастовардҳое, ки дар соҳаи илм ва фаъолияти амалӣ, ташкил медиҳад, алоқаманд намудааст. Ғайр аз ин метавон гуфт, ки тасаввуф яке аз намунаҳои назарӣ ва амалии маданияти мусулмонӣ мебошад.

Ҳамаи ин гуфтаҳо арзиши баланди тасаввуфро дар шинохти ҷанбаҳои маънавии ақли назариявӣ ва амалии исломӣ ба миён меоваранд. Ин самтҳо дар аксари ҳолатҳо аз доираи «ҷаҳонбинии мусулмонӣ» берун баромада, тобеъи ҷараёни умумии пешрафти намунаҳои беҳтарини таҷрибаи инсонӣ мешаванд. Маҳз ҳамин ҳолатҳо то ҳанӯз ҳам сабаби баҳсу мунозираҳо дар атрофи моҳият ва хусусиятҳои тасаввуфи исломӣ будаву ҳоло ҳам ҳастанд. Дар вай ҳамчунин яке аз ангезаҳои гносеологӣ ва маънавии омӯзиши тасаввуфи исломӣ пинҳон аст, ки таваҷҷуҳи рӯзафзуни муҳаққиқони оламро ба худ ҷалб мекунад. Ин раванд, ки беинтиҳо ба назар мерасад, ду сабаби асосӣ дорад. Аввалан, ин беинтиҳо будани проблемаҳоест, ки тасаввуф дар назди ақл ва интуитсияи (кашфи) инсонӣ гузоштааст. Сониян, дар шаклҳои гуногуни он ва нодир будани ҳар кадоми он нуҳуфта аст, ки имкони шарҳу баёнҳои гуногуни онро дар ҳар марҳалаи нави пешрафт ва фаъолияти амалӣ, ба вуҷуд меоварад.

Муҳиддин Ибни Арабӣ (560 х.ш./1165-638 ҳ.ш./1240) аз назари мақоми таърихӣ ва нуфуз дар тасаввуфи исломӣ дар афкори назариявӣ ва амалӣ, яке аз шахсиятҳои нодир ва нотакроре мебошад, ки омӯзиши амалӣ ва фалсафии ӯ дорои

аҳамияти болиғ мебошад. Сухан на дар бораи шахсияте меравад, ки ҳанӯз дар замони зиндагиаш сазовори унвони олитарин ва ифтихории «шайхи акбар» – «устоди бузург» ё «қутб-ул-ақтоб» (қутби қутбҳо) гардидааст, балки нуфузи бузург ва асарҳои ниҳоят зиёди эҷодкардаи ӯст, ки ҳар яке аз файласуфони бузург дар таърихи инсоният гузоштааст.

Ирфони исломӣ ва ё тасаввуф – шакли махсуси худошиносӣ ва тарзи инкишоф додани донишҳо оид ба Худо, олам ва инсон мебошад. Нақши таълимоти ирфонӣ дар ҳаёти маънавӣ ва сиёсии олами муосир муҳим арзёбӣ мегардад. Чунин ба назар мерасад, ки гуё дини расмӣ қабл аз ҳама мутаваҷҷеҳи оммаи мардум буда, на ҳама вақт қодир аст ниёзҳои маънавии фарди алоҳидаро ҳаматарафа қонеъ гардонад. Сарчашмаи доимии мавҷудияти ориф ва заминаи асосии пешрафти ғояҳои ирфонӣ маҳз дар ҳамин нуҳуфта мебошад. Рушди бе майлон ва тӯлонии ирфон, аз ҷиҳати ташкилӣ, боиси дар тӯли асрҳои XII-XIII бунёди силсилаҳои ақлонӣ (ратсионалӣ) ва ғоявӣ ҳукмрон гардидани теософияи ирфонӣ гардид.

Муҳиммияти мавзӯи рисолаи илмӣ ҳамчунин дар нукоти зерин ифода меёбад:

1. Омӯзиш ва таҳқиқи тасаввуфи Ибни Арабӣ ва умуман мутафаккирони барҷастаи Шарқ дар шароити муосир имкон фароҳам меоварад, ки на танҳо умқи таълимоти дар тӯли асрҳо ташаккулёфта ва таҳаввулёфта, ҷойгоҳи арзишҳои маънавии инсоният дар фарҳанги муосир равшантар гардад ва зуҳуроти ботинӣ ва зоҳирии инсон мавриди омӯзиши ҷиддии муҳаққиқон қарор мегирад. Таълимоти гуногуни ӯ ваҳдати вуҷуд, ваҳдати адён, аъёни собита, нақши калидии ишқ дар ҳаёти одамӣ, аз ҷумлаи аносири аслии ташкилдиҳандаи дастгоҳи фикрии Ибни Арабӣ эътироф гардидаанд.

2. Зарурати он фаро расидааст, ки масъалаи муаяйн намудани ҷойгоҳ ва мақоми Ибни Арабӣ дар таърифи фалсафаи Шарқ ва таъсири нуфузи ғояҳои ӯ дар тасаввуф ва ирфони исломӣ ва умуман фалсафаи муосир дар доираи илмҳои фалсафӣ, сотсиологӣ, антропологӣ аз мавқеи таҳлили интиқодӣ анҷом дода шавад.

3. Ибни Арабӣ аввалин андешаманди мусулмон аст, ки бо усули сабки нигориш, таълимотеро асос гузоштааст, ки қаблан

дар таърихи фалсафаи исломӣ назири онҳо вуҷуд надошт. Ҳамин нуктаро низ бояд ёдовар шуд, ки забони осори ӯ дар ниҳояти камол ва ларбрезу саршори истиораву маҷоз, рамзҳо ва символизм мебошад, ки фаҳму дарки маънии гуфтаҳои ӯ на ба ҳар муҳаққиқ дастрас мебошад.

4. Ибни Арабӣ орифи бузурги олами ислом аст, ки аксари муҳаққиқони ҷаҳон ӯро бунёдгузори ирфони назарӣ номида, таваҷҷуҳ ба осор ва андешаҳои ӯ тайи солҳои ахир рӯ ба афзунӣ дорад. Осори ӯ ба рағми теъдоди зиёди мухолифон ва мувофиқонаш дар бештари кишварҳо дар ҳоли интишор, тарҷума ва таҳқиқ қарор дорад.

5. Соли 1964 аҳли илму фарҳанги араб бояд 700-мин соли таваллуди Ибни Арабиро тибқи барномаи бузургдошти ӯ таҷлил менамуд, аммо он бо сабабҳои гуногун баргузор нагардид. Сарфи назар аз таваҷҷуҳи аксари муҳаққиқон ба таълимоти пешниҳод кардаи ӯ, таълимоти ваҳдати вуҷуд дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор дорад, зеро ин назария асос ва меҳвари андешаҳои Ибни Арабиро ташкил медиҳад ва дар воқеъ афкори дигари вай бар асоси ҳамин назария устувор мебошанд.

6. Сарфи назар аз он ки муҳаққиқон осор ва афкори ӯро «фалсафаи сӯфиёна» ё «тасаввуфи фалсафӣ» ном мебаранд, Ибни Арабӣ орифест, ки бар наслҳои баъд аз худ таъсири фаровон дошта, баҳсу мунозираҳои донишмандон дар атрофи меҳвари назарияи ваҳдати вуҷуд оғозу анҷом мегиранд. Осор ва афкори ӯ, ҳам дар миёни суннимазҳабон ва ҳам шиъимазҳабон тарафдорон ва мухолифони зиёд дорад.

7. Дар ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳаввулоти азиме мадди назар қарор гирифтааст, ки бо таъсирпазирӣ аз ҷараёни глобализм бегонашавии фарҳангӣ ва косташавии ахлоқ назаррас мебошад. Аз ин хотир, масъалаи бо ҳам муқобилгузории тамаддунҳо, яке аз масъалаҳои ҷиддӣ ва хатарзоест, ки имкони воқеии онро дорад, ки заволи ахлоқии башариятро тақвияту таҳким бахшад. Аз ин рӯ, таҳлил ва омӯзиши гуногунҷабҳаи осор ва мероси мутафаккирони сатҳи ҷаҳонӣ имкон дорад, ки дар боло бурдани маънавиёт ва арзишҳои умумибашарӣ бар пояи ҳуқуқ ва сиёсат гардида, шароити шиддатнокӣ ва тезутундшавии муқобилгузории фарҳангҳо нақши калидӣ дошта бошад. Қабл аз ҳама дар мадди аввал қарор додани талаботи маънавии ҷомеаи

таҳаввулёбанда ва тағйирёбандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, ки метавонад сурат ва симои комилан нав бигирад. Дар ин самт омӯзиш ва таҳқиқи таълимоти ваҳдати динҳо ва нақши калидии ишқ дар ҳаёти одамӣ дорои аҳамияти болиғ мебошад. Ҳақ ҷониби Президенти муҳтарами кишвар аст, ки дар ин маврид таъкид намудааст: «Мероси таърихии фарзандони барӯманди миллатамон имрӯз низ барои худшиносии миллӣ, муаррафӣ намудани тоҷикон дар сатҳи ҷаҳонӣ ва дар гуфтугӯи тамаддунҳо аҳамияти муҳими байналмиллалӣ дорад» [97, С. 125].

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Осор ва мероси Ибни Арабӣ ҳанӯз аз давраи зиндагиаш таваҷҷуҳи донишмандони гуногуни ҷаҳонро ба худ ҷалб кардаву дар шароити муосир низ ҷанбаҳои гуногуни таълимоти ӯ мавриди омӯзиш ва тадқиқи донишмандони гуногуни ҷаҳон қарор доранд. Муҳаққиқони осори Ибни Арабиро тибқи дараҷаи имрӯзаи омӯзиш, тарҷума ва таҳқиқи онҳоро шартан метавон ба шаш гурӯҳ тақсим намуд.

Ба гурӯҳи якум, метавон осори мутафаккирони асримиёнагиеро дохил намуд, ки аввалин маълумоти тарҷумаҳолӣ, шарҳи андешаҳои алоҳида, назарияҳо ва таълимоти ӯро дар ин ва ё он шакл шарҳу баён намуданд. Ба ин гурӯҳ асарҳои бо забони арабӣ навиштаи ҳамасрон, шогирдон, мухолифон ва ҷонибдорони таълимоти Ибни Арабӣ дохил мешаванд.

Аввалин маълумоте, ки дар бораи Ибни Арабӣ ва шахсияти ӯ то замони мо расидаанд, дар осори таърихнигорон ва донишмандони мусулмони зиёде: Аз-Заҳабӣ [1], Ибн Касир [20], Ибн Имод [10], Ибн Тақрибурдӣ [64], Ҷомӣ [34; 35; 36; 37; 39; 76], Ҷалолуддин ал-Суютӣ [4] ва дигарон пайдо намудан мумкин аст. Аз ҷумла, қисмати зиёди маълумоти онҳо хусусияти тарҷумаҳолӣ, номгӯи осор ва андешаҳои ӯро зикр намудаанд.

Таълимоти ҳастишиносӣ ва маърифатшиносии Ибни Арабӣ имкон медиҳад, ки манзараи ҳаматарафаи барқароршавии инфиродии он ва инкишофи таҷрибаи шахсии ӯро бозтакрор намоем. Дар он ягонагии ҷанбаҳои онтологӣ, гносеологӣ, ахлоқӣ ва ваҳдати вуҷудии фалсафаи ӯ мушоҳида мегардад, ки яке аз муҳимтарини онҳоро назарияи “ваҳдати вуҷуд»ташкил медиҳад. Ба қавли дигар, маҳз маърифати ҳақиқӣ имкон медиҳад, ки

инсон ба камол бирасад. Тамоми ин ҳолатҳо муҳиммияти интихоби мавзуи тадқиқоти мазкурро ба миён овардаанд [2; 7; 8].

Гурӯҳи дуюмро он мутафаккироне ташкил медиҳанд, ки тасаввуфи Ибни Арабиро комилан ҷонибдорӣ карда [10; 45], таълимоташро ҳимоя, пуштибонӣ ва ҳатто ғояҳои ӯро дар гушаҳои гуногун ва бо забонҳои гуногуни олами исломӣ, таблиғу ташфиқ кардаанд. Дар миёни онҳо Кошонӣ [23] ва Қунавиро [26] метавон ҷудо кард, вале Абдулваҳҳоб Шаъронӣ [7; 8] дорои ҷойгоҳи хоса мебошад.

Дар воқеъ, атрофи таълимоти Ибни Арабӣ, дар ҳалқаҳои илмӣ баҳсу мунозираҳои шадид сурат гирифтаанд, ки номгӯи он китобҳо аз ин шаҳодат медиҳад: [15] «Барҳазар доштани аҳмақон оид ба кофир будани Ибни Арабӣ ва посух ба он» ва «Барҳазар доштани аҳмақон оид ба бегуноҳ будани Ибни Арабӣ» мебошанд, ки аввалинаш китоби Бурҳониддин ал-Буқоӣ (1406-1480) ва дуввумаш асари Ҷалолиддин Суютӣ (1445-1505) мебошанд, ки ҳар ду аз донишмандони мифтоҳии исломӣ мебошанд.

Гурӯҳи сеюмро муҳаққиқони муосири аврупоие ташкил медиҳанд, ки асарҳои онҳо хусусияти тарҷумаи ҳолии Ибни Арабӣ ташкил медиҳанд. Масалан, «Ҷустуҷуи кибрити сурх»-и Клод Аддас (1993), ки эҳтимолан яке аз тарҷумаҳои ҳоли пурраи Ибни Арабӣ мебошад.

Аммо **гурӯҳи муҳаққиқони** дигари аврупоӣ мебошанд, ки дар замони муосир дар омӯзиш ва тадқиқи фалсафаи Ибни Арабӣ ба ном шарқшиносон мебошанд, ки ба методикаи илмии муосир такя мекарданд, нақши асосиро бозида тавонистаанд, ки як қатор самтҳои нави фалсафаи ӯро ошкор намоянд.

Дар миёни шарқшиносони аврупоӣ метавон асарҳои Р.А. Николсон, [45; 86; 87; 88; 89; 161; 162] Карра де Во [69], Андре Тор [107], Дж. Триментэм [108], Ҳенри Корбен [73; 74; 75; 76; 129; 157], Клод Аддас, [42], В.Читтик [35; 104; 113; 114; 141; 142; 153; 154] ва дигаронро ном бурд.

Ҳамчунин хизмати файласуфон-шарқшиносони рус ва дигар муҳаққиқони кишварҳои дигарро, ки бо забони русӣ менавиштанд, дар ошкор сохтани паҳлӯҳои гуногуни фалсафаи Ибни Арабӣ бояд таъкид кард: М. Т. Степанянц [104; 105; 106;

139; 140], А. А. Игнатенко [66; 67; 122; 123; 124], А.В. Смирнов, [12; 16; 19; 100; 101; 102; 103; 134; 135; 136; 137; 138], А. Кныш [13; 70; 71; 72; 125; 126; 127; 128], Т.А. Ибрагим [118; 119; 120; 121], А. Насыров [131; 132] ва дигарон дар омӯзиш, таҳқиқ, тарҷума ва нашри осори Ибни Арабӣ хизмати сазовор ва шоистае анҷом додаанд, ки мавқеи ҳар кадоми онҳо аз якдигар фарқ мекунад.

Аммо он чӣ ба назарияҳои онтологӣ ва гносеологии Ибни Арабӣ дахл дорад, ба андешаи онҳо, маҷмӯи ғояҳои гуногун ва кӯшиши дар як низоми ягона муттаҳид намудани андешаҳои мактабҳо ва ҷараёнҳои гуногуни фалсафӣ ба мисли Карра де Во [69], Абулаъло Афифӣ [6; 14; 46], Т. Андре [107] ва дигарон мебошанд.

Гурӯҳи чаҳорумро асарҳои илмие ташкил медиҳанд, ки махсус ба шарҳ ва тавзеҳи осори Ибни Арабӣ бо ҳадафҳои гугогун, паст задан ва хилофи таълимоти исломӣ будани онҳоро даъво кардаанд. Таҳти таъсири муҳаққиқони фавқуззикр як қатор тадқиқотҳои муҳаққиқони араб, аз қабили Абӯало ал-Афифӣ [6; 14; 46], Наср Ҳамод Абӯ Зайд [85], Умар Фаррух [32; 109] низ рӯи даст омадаанд. Онҳо таъкид кардаанд, ки фалсафаи Ибни Арабӣ аз омехта кардани ғояҳо иборат буда, аз таълимоти гуногуни фалсафӣ маншаъ гирифтаанд.

Гурӯҳи зиёди муҳаққиқони арабро низ метавон ном бурд, ки андешаҳои Ибни Арабиро аз мавқеъҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор додаанд - Абӯало ал-Афифӣ [6; 14; 46], Абдуллоҳ Ал-Муслиҳ [3], Абдурраҳмон Вақид [9], Абу Абдулазиз Идрис Маҳмуд Идрис [68], Абӯбакр Ҷобир ал-Ҷазоирӣ [33], Доктор Али ал-Хатиб [110], Доктор Исом Қасабҷӣ [130], Доктор Карам Амин Абдукарим [41], Абдулқодир ибн Ҳабибуллоҳ [22], Лайло бинт Абдуллоҳ [78], Маҳмуд Абдураъуф ал-Қосим [25], Муҳаммад ал-Абла [27], Муҳаммад Аҳмад Луҳ [28], Собир Таъима [30], Фаллоҳ ибн Исмоил ибн Аҳмад [31], Шайх Юсуф Хаттор Муҳаммад [40] ва диг.

Ҳамчунин гурӯҳи бузурги таҳқиқотҳои муҳаққиқони муосири эронӣ аз ҷумла Косим Кокоӣ [77], Муҳаммад Алӣ Муваҳҳид ва Самад Муваҳҳид [15], Муҳсин Ҷаҳонгирӣ [112], Сайд Яҳё Ясрибӣ [99; 144] Муҳаммад Шариф [116], Муҳсин Тайб Ниё [147], Муртазо Разавӣ [146] ва Шарафуддини

Хуросонӣ [143] ва дигарон намояндагони он мебошанд.

Таҳқиқи Муртазо Ризавӣ аз таҳқиқоти дигар муҳаққиқон бо услуб ва шакли муносибати худ ба Ибни Арабӣ ва осораш тафовути ҷиддӣ дорад. Масалан, «Ӯ чунин меҳисобад, ки тасаввуфи Ибни Арабӣ ба манотиқи ҷанубии Эрон, Форс, Кирмон, Язд, Блуҷистони Эрон ва Покистон нуфуз накардааст. Ба андешаи ӯ, ин бахшҳо дар ҳамон тасаввуфи форсӣ ва суннатии худ боқӣ монданд. Ба ҳамин ҷиҳат вижагиҳои тасаввуфи ӯ дар осори монанди Ҳоҷӯи Кирмонӣ, Ҳофизи Шерозӣ, ҳатто осори Саъдӣ, ки ҳамасри ӯ мебошад, дида намешавад» [146, С. 16-19, 20].

Мутаҳҳарӣ низ ҳамин гуна андешаро дар бораи Ибни Арабӣ таъкид карда навиштааст: «Ҳеҷ кас ба андозаи Муҳйиддин дар бораш мутаноқиз изҳори назар нашудааст. Баъзе ӯро авлиё-ул-лоҳ ва инсони комил ва қутби акбар медонад ва баъзе ӯро як кофири муртад ва гоҳе мумайит-уд-дин (қотили дин) ва мо ҳай ад-дин (зиндакунандаи дин) мехонанд» [83, С. 131].

Гурӯҳи панҷумро асарҳои илмию таҳқиқотиии муҳаққиқони арабию эронӣ ташкил медиҳанд, ки ҷанбаҳои гуногуни фалсафӣ-динии ӯро мавриди таҳқиқ қарор додаанд, ки онро метавон мавқеи тавзеҳотӣ ном бурд. Ба таълимоти Ибни Арабӣ аз назаргоҳи фалсафаи континенталӣ низ наздик шудаанд, ки китоби Ян Алмондро [149; 150] метавон мутолиа кард.

Дар ин ҷо муҳаққиқони туркӣ ва эронии Ибни Арабиро низ бояд ёдовар шуд, ки қариб аксари осори ӯро тарҷума карда, ба ҳаводорони фалсафа ва ирфон пешниҳод кардаанд [15].

Гурӯҳи шашумро муҳаққиқони ватанӣ ташкил медиҳанд, ки ҷанбаҳои гуногуни фалсафаи динӣ-фалсафии мутафаккирро: Зиёзода И.Ғ [54; 55; 56; 59; 60; 61; 62; 117] ва Одинаев Ё. - ро [92] метавон ном бурд, ки паҳлӯҳои гуногуни эҷодиёт ва пайравони мактаби Ибни Арабиро мавриди баррасӣ қарор дода, самтҳои асосии таълимоти ӯро шарҳу баён намудаанд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи панҷсолаи

корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳти унвони «Масъалаҳои методологии таҳқиқи афкори фалсафӣ, иҷтимоӣ-ахлоқӣ ва тасвири олам дар осори мутафаккирони тоҷик» барои солҳои 2023–2027 мавриди иҷро қарор гирифтааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои фалсафӣ, стратегияҳои давлатӣ ва барномаҳои миёнамуҳлату дарозмуддати Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаи илмӣ дорад. Пеш аз ҳама, он бо ҳадафҳои дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» пешбинишуда, бахусус рушди илм, маориф, сармояи инсонӣ ва омӯзиши мероси таърихию фарҳангӣ мувофиқат менамояд. Дар ин замина, таҳқиқи низоми фалсафии Ибни Арабӣ, масъалаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, ваҳдати вуҷуд ва мақоми инсон дар низоми ҳастӣ барои густариши донишҳои илмӣ ва фалсафӣ аҳаммияти назариявӣ дорад.

Ҳамзамон, таҳқиқоти мазкур бо паёмҳои солонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаҳои рушди илму маориф, баланд бардоштани маърифати ҷомеа ва омӯзиши мероси таърихию фарҳангӣ алоқаманд мебошад. Дар ин замина, омӯзиши осори Ибни Арабӣ барои шинохти амиқтари таърихи афкори фалсафии Шарқ, арзёбии саҳми мутафаккирони ҷаҳони ислом ва бозшиносии мероси фалсафию маънавии тамаддуни исломӣ мусоидат менамояд.

Инчунин, таҳқиқоти мазкур бо «Стратегияи давлатии муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025» робитаи назариявию маърифатӣ дорад. Зеро омӯзиши илмӣ-таърихии мероси динӣ-фалсафӣ, таҳлили таълимоти мутафаккирони асримиёнагӣ ва муайян намудани заминаҳои ташаккули андешаҳои динӣ барои ташаккули муносибати илмӣ ва таҳлилӣ ба масъалаҳои динӣ ва маънавӣ аҳаммият дорад. Дар ин замина, таҳқиқи таълимоти фалсафию ирфонии Ибни Арабӣ барои дарки хусусиятҳои ҷаҳонбинии ӯ ва мазмуни назариявии андешаҳои фалсафии

тамаддуни исломӣ мусоидат менамояд.

Илова бар ин, таҳқиқоти диссертатсионӣ бо «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023–2027» дар самти омӯзиши мероси таърихию фарҳангӣ, арзишҳои маънавию ахлоқӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ҳамоҳанг мебошад. Ҳамчунин, он бо вазифаҳои марбут ба Соли маърифати ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа аз ҷиҳати омӯзиши масъалаҳои ахлоқ, масъулияти инсон ва арзишҳои маънавию иҷтимоӣ робитаи маърифатӣ дорад.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои таҳқиқот барои амиқтар омӯхтани таърихи фалсафаи Шарқ, муайян намудани ҷойгоҳи Ибни Арабӣ дар рушди фалсафа ва ирфони назариявӣ, таҳлили масъалаҳои бунёдии ҳастӣ, маърифат ва инсон, инчунин такмили муҳтавои таълими фанҳои фалсафӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аҳаммияти илмӣ ва амалӣ доранд.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Омӯзиш ва таҳлили фалсафаи сӯфиёнаи Ибни Арабӣ, вижагиҳои таълимоти маърифатшиносӣ (гносеологӣ) ва ҳастишиносии (онтологии) ӯ, ваҳдат ва ногусастагии онҳо зимни таҳқиқи таълимоти ваҳдати вуҷуд ва масоили мутааллиқи он мебошад. Барои татбиқи ҳадафи таҳқиқот иҷрои **вазифаҳои зерин** муҳим шуморида шуданд:

- шарҳи мухтасари тарҷумаи ҳоли мутафаккир, тавсифҳо, вижагиҳои осор, шахсият, мақом, таъсир ва баҳогузориҳои гуногуни тасаввуфи Ибни Арабӣ, ки дар асарҳои донишмандони асрҳои миёна, маълумоти тарҷумаҳолии дар асарҳои худи мутафаккир ва муҳаққиқони муосири аврупоӣ, арабӣ, форсӣ ва ватанӣ мавҷуданд.
- тавсиф ва таҳлили умумии таълимоти коркардшудаи ирфонии ӯ, баҳсҳои таърихнигорон, фарҳангнависон, қомуснигорон оид ба номгӯи осор, теъдоди таълифот, тартиби таълифи асарҳо, номгузории китобҳо, нашри китобҳо, таълифоти асосии Ибни Арабӣ: «Таъбирот ал-илоҳия», «ал-Футутоҳот ал-маккия», «Иншо-ад-давоир», «Ақлат ал-муставфиз» ва «Тарҷумон ал-ашвоқ» (Девони ашъор).
- муайян намудани мақоми китоби «Фусус ал-ҳикам»

дар тасаввуфи назарӣ ва интишор ёфтани ирфони минбаъдаи баъди вафоти Ибни Арабӣ, баҳогузориҳои гуногун ба ин асар, ба ду гурӯҳ табақабандӣ кардани пайравону ҷонибдорон ва душманон ғоявии таълимоти ваҳдати вуҷуд.

- мушаххас намудани номҳо ва асарҳои шореҳони машҳури «Фусус ал-ҳикам», шарҳи мухтасари тарҷумаи ҳол ва андешаҳои шогирдони ӯ, ки ҳар кадоме шарҳи мустақиле бар он таълиф намуда, ки бо хусусияҳои худ, дарки масъалаҳои ваҳдати вуҷудӣ, тарзи фаҳмиш ва баёни масоили матраҳшуда аз ҷониби онҳо, мушкилоти забонӣ, дарки маънои консепсияҳои коркард намудаи Ибни Арабӣ аз ҷониби шогирдон. Баъзе маълумоти асосӣ дар бораи тарҷумаи ҳоли шореҳон, осори илмии онҳо, фарқияти байни усулҳо ва равишҳо, ба фалсафа наздик шудани тасаввуф, оҳанги фалсафӣ гирифтани баҳси шогирдон ва пайравони Қунавӣ ва Ибни Арабӣ дар бораи қаробат ва дурии онҳо аз фалсафа, асарҳои ба муқобил, инкору ботил гардонидани ғояҳои марказии таълимоти ваҳдати вуҷуд. Нишон додани зуҳури анъанаи шарҳнависӣ ба китоби «Фусус ал-ҳикам», ангезаҳо ва сабабҳои он.

- шарҳ ва таҳлил намудани вокунишҳо ва аксуламалҳои мутафаккирони асримиёнагӣ дар мухолифат ва ҷонибдорӣ таълимоти ваҳдати вуҷуд.

- муайян кардани мушкилоти фаҳм ва дарк, тарҷума ва шарҳи осори Ибни Арабӣ, баҳсу андешаҳои донишмандони асримиёнагӣ, муҳаққиқони муосири осори мутафаккир на танҳо аз ҷониби донишмандони арабизабон (масалан Афифӣ, донишманди асри XIX мисрӣ), балки муҳаққиқони муосири забонҳои аврупоӣ (масалан, Читтик ва муҳаққиқони муосири русзабон) ва шаркӣ.

- таҳлил намудани мактаби Ибн Арабӣ ва вижагиҳои ин таълимот, машраби мутафаккир дар тасаввуф, муносибати ӯ ба фалсафа, илмҳои анъанавӣ ва файласуфон, баҳси рад намудани андешаҳои файласуфон аз ҷониби ӯ, дар худошиносӣ дасткутоҳ ҳисобидани донишҳои фалсафӣ, ки ба ақл ва далелу бурҳонҳои мантиқӣ сару кор доштани онҳо, қосир ва нокомил будани роҳҳои маърифатии ақлӣ ва ҳиссии инсон, афзалият додани ӯ ба масъалаи имон ва ҷойгоҳи он дар худошиносии сӯфиёна, андешаҳои Арабӣ дар бораи дилбохтагӣ ва мансубияташ ба

тасаввуф.

- возеҳ намудани рабти Ибни Арабӣ ба ваҳдати вуҷуд ва консепсияҳои мустақили пешниҳод намудаи ӯ: «халқи ҷадид», «аъёни собита», «таҷаллиёти илоҳӣ», муайян намудани масъалаи офариниши дар ҷаҳони ҳастӣ, таҳлили таълимоти аз «ҳеҷ» офаридани олам тибқи оятҳои қуръонии «Кун фаякун» (“Бишав! Ва олам пайдо шуд”) дар муқобили таълимоти таҷаллиёти илоҳӣ.
- шарҳ ва таҳлил намудани масъалаҳои асосии фалсафаи ирфони Ибни Арабӣ: масъалаҳои ҳастишиносӣ: Худо ва олам, фано ва бақо, шарҳҳои гуногуни сӯфиён аз ин масоили вобаста ба таълимоти фано ва бақо, аз ҷумла, фано аз-зот, фано ас-сифот ва ғ.
- мушкилоти фаҳм ва дарки ваҳдати вуҷуд ва робитаи он бо пантеизм, панентеизм, тавҳиди мутлақ, ҷавҳар ва араз, интуитсия (ваҷди сӯфиёна), ихтилоф ва баҳси байни тасаввуф ва пантеизм, масъалаҳои танзеҳ ва ташбеҳи Худо аз ҷониби муҳаққиқон ва донишмандони Ғарбӣ ва Шарқӣ.

Объекти таҳқиқот: мероси фалсафӣ-ирфонии Ибни Арабӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми ташаккул ва рушди фалсафаи назариявии тасаввуф.

Мавзуи предмети таҳқиқот: андешаҳои ирфонӣ-фалсафии асосгузори таълимоти ваҳдати вуҷуд – Ибни Арабӣ.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Давраи таърихи таҳқиқотро андешаҳои сӯфиёнаи аз фалсафаи асримиёнагии Шарқ то замони Ибни Арабӣ, андешаҳои мутафаккирони гуногуни муосири аврупоӣ, шарқӣ ва русӣ дар бораи таълимоти ӯ ташкил медиҳанд. Таҳқиқоти мазкур дар давоми солҳои 2020 то 2025 дар Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон сурат гирифтааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Аз лиҳози назариявӣ таҳқиқот пеш аз ҳама дар асоси таҳқиқоти осори худи Ибни Арабӣ, сониян, дар заминаи шарҳҳои шогирдон ва пайравони ӯ таълиф намудаанд ва саввум таҳқиқоти ба анҷом расидаи муҳақиқони аврупоӣ, шарқӣ ва ватанӣ дар бораи Ибни Арабӣ, соҳаи таърихи фалсафа ҳамчун асоси назариявии таҳқиқот ба ҳисоб мераванд. Аз ин лиҳоз, муаллиф зимни таҳияи рисола ба

таҳқиқоти саршиносони муҳаққиқони ватанӣ дар соҳаи таърихи фалсафа аз қабили муҳаққиқони А. Баҳоуддинов [49], М. Диноршоев [51; 52; 53], К. Олимов [93; 94; 95; 96; 133], А. Муҳаммадхоҷаев [84], О. Нодиров [90; 91], С. Аҳмадов [47; 48], А. Шамолов [115; 145], М. Музаффарӣ [81], Х. М. Зиёӣ [57; 58; 63], Н. Содиқова [98], М.Т. Мамадҷонова [79; 80] ва муҳаққиқони теъдодан зиёди муосири арабу эронӣ ва дигарон такя намудааст.

Асоси методологии таҳқиқотро асосан усулҳои таърихӣ-фалсафӣ ва герменевтикии омӯзиши мавзуъ ташкил медиҳад. Усули таърихӣ-фалсафӣ дар таҳқиқи ин мавзуъ дар коркарди сарчашмаҳои аввалияи ирфонӣ, бахусус, осори Ибни Арабӣ мебошад, ки дар пояи онҳо муҳокима ва таҳлили фарзияҳо ва назарияҳо, инчунин дар муайян кардани заминаҳои матншиносии ирфонӣ ифода ёфтааст. Ин усул инчунин дар таҳлили адабиёти таҳқиқотӣ ва сарчашмаҳои дуюмдараҷа, синтез ва тафсири интиқодии онҳо барои муқоиса ва арзёбии аҳамият ва арзишҳои ғояҳои ирфонии Ибни Арабӣ истифода шудааст. Ин усулҳо дар диссертатсия инчунин бо усулҳои дигар, ба монанди абстраксияи илмӣ, таърихшиносӣ, таҳлил, синтез ва муқоиса ҳамгиро аст. Таҳлили масоили ирфонии Ибни Арабӣ бо таъкид бар ҷанбаҳои аксиологӣ аз нигоҳи деонтология ва секвенсиализм анҷом дода мешавад. Ҳангоми омӯзиши масъалаҳои ба миён гузошташуда, усулҳои гуногуни дигари таҳлилӣ низ ба кор рафтаанд: усули диалектикӣ барои маърифати объективии масъалаҳои матраҳшуда ва усули системавӣ, ки таҳлили масъалаҳои умумии масъалаҳои ирфониии таълимоти Ибни Арабиро дар бар мегирад.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро маълумоти таърихӣ ва фалсафӣ оид ба ҳаёт ва фаъолияти илмии Ибни Арабӣ, далелҳои илмии марбут ба ташаккул ва рушди таълимоти фалсафию ирфонии ӯ, осори аслии мутафаккир, аз ҷумла «Ал-Футуҳот ал-Маккия» ва «Фусус ал-ҳикам», натиҷаҳои таҳқиқоти илмии муаллиф, хулоса ва тавсияҳои амалии диссертант, инчунин мақолаҳои илмии нашрнамудаи муаллиф дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда ташкил медиҳанд.

Пойгоҳи таҳқиқот маҷмуи сарчашмаҳои фалсафӣ,

ирфонӣ, таърихӣ, назариявӣ ва таҳқиқоти илмиро дар бар мегирад, ки барои таъмини эътимоднокӣ, асоснокӣ ва мукаммалии натиҷаҳои таҳқиқот заминаи зарурӣ фароҳам меоранд. Манбаъҳои истифодашуда ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. Сарчашмаҳои аслӣ ва осори фалсафию ирфонии Ибни Арабӣ: Ба ин гурӯҳ асарҳои бунёдии мутафаккир, аз ҷумла «Ал-Футуҳот ал-Маккия», «Фусус ал-ҳикам» ва дигар осори ӯ дохил мешаванд. Ин сарчашмаҳо барои таҳлили масъалаҳои ҳастӣ, маърифат, ваҳдати вуҷуд, инсон ва муносибати байни Худо ва олам ҳамчун заминаи асосии таҳқиқот истифода гардидаанд.

2. Сарчашмаҳои фалсафӣ ва ирфонии классикӣ: Ба ин гурӯҳ осори мутафаккирон ва намояндагони барҷастаи фалсафа ва тасаввуфи исломӣ, ки дар ташаккул ва рушди афкори фалсафию ирфонӣ саҳм гузоштаанд, дохил мешаванд. Ин манбаъҳо барои муайян намудани заминаҳои таърихӣ ва назариявии ташаккули таълимоти Ибни Арабӣ ва муқоисаи андешаҳои ӯ бо равияҳои дигари фалсафию ирфонӣ истифода шудаанд.

3. Манбаъҳои консептуалӣ ва назариявӣ: Ба ин гурӯҳ асарҳои бунёдӣ, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ ва таҳқиқоти муосири олимони ватанию хориҷӣ оид ба таълимоти Ибни Арабӣ, фалсафаи назариявии тасаввуф, ваҳдати вуҷуд, назарияи маърифат, масъалаи инсон ва дигар ҷанбаҳои фалсафаи ирфонӣ дохил мешаванд. Ин манбаъҳо заминаи назариявию методологии таҳқиқотро ташкил дода, барои шарҳу таҳлили мафҳумҳо ва консепсияҳои асосии фалсафии мутафаккир хизмат менамоянд.

4. Сарчашмаҳои таърихӣ ва тарҷумаиҳолӣ: Ба ин гурӯҳ маълумоти таърихӣ, осори тарҷумаиҳолӣ, тазкираҳо ва таҳқиқоте дохил мешаванд, ки ҳаёт, фаъолияти илмӣ, муҳити иҷтимоию фарҳангӣ ва заминаҳои таърихии ташаккули ҷаҳонбинии Ибни Арабиро инъикос менамоянд. Ин сарчашмаҳо барои муайян намудани шароити таърихии ташаккул ва таҳаввули афкори фалсафию ирфонии мутафаккир истифода гардидаанд.

5. Манбаъҳои таҳлилӣ ва муқоисавӣ: Ба ин гурӯҳ таҳқиқоти илмие дохил мешаванд, ки ба баррасии интиқодӣ,

муқоисавӣ ва арзёбии таълимоти Ибни Арабӣ, аз ҷумла масъалаҳои ваҳдати вуҷуд, муносибати ҳастӣ ва маърифат, инчунин таъсири андешаҳои ӯ ба рушди фалсафа ва тасаввуфи исломӣ бахшида шудаанд. Ин манбаъҳо барои муайян намудани хусусиятҳои хоси таълимоти мутафаккир ва ҷойгоҳи он дар таърихи афкори фалсафӣ истифода гардидаанд.

6. Манбаъҳои илмии даврӣ ва таҳқиқоти диссертатсионӣ: Ба ин гурӯҳ мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи ватанӣ ва хориҷӣ нашршуда, маводи конференсияҳои илмӣ, рисолаҳои илмӣ ва таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни фалсафа ва ирфони Ибни Арабӣ дохил мешаванд. Онҳо барои омӯзиши дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, шиносоӣ бо дастовардҳои илмии муосир ва муайян намудани масъалаҳои ҳанӯз камомӯхташуда истифода шудаанд.

Маҷмуи сарчашмаҳо ва адабиёти илмии истифодашуда бо фарогирии ҷанбаҳои фалсафӣ, ирфонӣ, таърихӣ, назариявӣ ва таҳлилӣ имконият фароҳам овард, ки мавзуи таҳқиқот ҳамаҷониба омӯхта шуда, хулосаҳо ва натиҷаҳои пешниҳодгардида дорои асоснокӣ, эътимоднокии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ бошанд.

Навгониҳои илмӣ дар он зоҳир мешавад, ки барои аввалин бор дар таърихи фалсафаи ватанӣ омӯзиши муқоисавӣ ва таҳлилии фалсафаи Ибни Арабӣ дар шакли комплексӣ ва системавӣ ҳамчун объекти тадқиқот қарор дода шудааст, ки дар натиҷаи он баъзе масъалаҳои норавшани мероси ирфонӣ-фалсафӣ ошкор ва мушаххас гардонида шудаанд. Аз ҷумла:

- тарҷумаи ҳол ва мероси Ибни Арабӣ, унсурҳои алоҳидаи таълимоти ӯ ва ҷойгоҳи ирфонӣ-фалсафӣ дар низоми ҷаҳонбинии сӯфиёна – «ваҳдати вуҷуд», «фано» ва «бақо», «халқи ҷадид», «аъён ас-собита», «таҷаллиёти илоҳӣ» ва ғ. аниқ гардонида шуда, робитаҳои байни якдигарии онҳо, ошкор гардонида шудаанд;

- шарҳ ва тавсифи муҷази осори нисбатан машҳури Ибни Арабӣ ва муносибати шореҳони асримиёнагӣ ба асарҳои ӯ, ҷонибдорон ва душманони ғояҳои ӯ;

- муқаррар гардонида шуд, ки Ибни Арабӣ яке аз шахсиятҳои барҷастаи ирфони исломӣ буда, сарфи назар аз он ки ғояи “ваҳдати вуҷуд»дар байни дигар тамаддунҳои ҷаҳон

дорои собиқаи тӯлонӣ мебошад ва Ибни Арабӣ аввалин ихтироъкори он ба ҳисоб намеравад, аммо дар таърихи фалсафаи мусулмонӣ ӯ нахустин бор ин ғояро аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ асоснок намудааст ва то ҳадде онро коркард намуд, ки шумораи гуруҳҳои зиёде мутафаккирони Шарқ мактаби фалсафиёро бунёд гузоштанд, ки меҳвари онро шарҳу тафсирҳои таълимоти марказии ӯ ташкил медод ва ба сифати ҷонибдорони бовафои ӯ ва мубаллиғони он дар олами исломӣ баромад менамуданд;

- муқаррар гардид, ки таъсири андешаҳои ваҳдати вуҷудии Ибни Арабӣ инчунин дар кишварҳои форсизабон низ интишор ёфта, ҷонибдорон ва мухолифони онро ба вуҷуд овардаанд. Масалан Абдурраҳмони Ҷомӣ ба сифати шореҳ, муфассир ва пайрави ин ғоя баромад намуда, теъдоди эҳсосшавандаи асарҳои худро ба интишор ва паҳн намудани ин ғоя бахшидааст. Таъсири таълимоти ваҳдати вуҷуд дар ҷаҳонбинии мутафаккирони кишварҳои форсизабон тасдиқ гардидааст.

- андешаҳои таҳқиқнашудаи Ибни Арабӣ, ки ба масъалаҳои ваҳдати вуҷуд, хусусиятҳо ва вижагиҳо, мушкилоти дарк ва фаҳми он мутааллиқанд, мавриди таҳлил қарор гирифта, барои шарҳу баёни гуногун ва якдигарро истисноқунанда, нодурустфаҳмиҳо, лағзишҳо ва ғайра тавзеҳоти алоҳида оварда шудааст;

- ҷанбаҳои омӯхтанашуда ва ё ба ҳадди кам омӯхташудаи таълимоти Ибни Арабӣ дар самти ҳастишиносӣ ва маърифат мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтаанд;

- андешаҳои Ибни Арабӣ махсусан дар ду самти таълимоти ваҳдати вуҷуд ва фаною бақо мавриди таҳқиқи муфассал қарор гирифта, таносуби маърифати сӯфиёна (кашфу шуҳуд) нисбат ба дигар навъҳои маърифат донишҳои ҳиссӣ, касбӣ, ақлӣ, ваҳбӣ ва ғайра таҳлилу баррасӣ гардид;

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Асоснок карда шудааст, ки Ибни Арабӣ аз ҷумлаи таъсиргузортарин мутафаккирони ирфонию фалсафии ҷаҳони ислом буда, таълимоти ӯ, махсусан консепсияи ваҳдати вуҷуд, дар ташаккул ва рушди минбаъдаи тасаввуфи назарӣ нақши муайянкунанда гузоштааст. Исбот гардидааст, ки таъсири ин таълимот дар осори аксари пайравон ва шореҳони баъдӣ

инъикос ёфта, онҳоро метавон ба ду гурӯҳи асосӣ – ҷонибдорон ва мухолифони мактаби Ибни Арабӣ ҷудо намуд. Ҳамчунин муайян карда шудааст, ки дар миёни осори сершумори ӯ китобҳои «Ал-Футуҳот ал-маккия» ва «Фусус ал-ҳикам» ҷойгоҳи меҳварӣ дошта, «Фусус ал-ҳикам» ҳамчун ифодаи мӯҷаз ва мутамаркази андешаҳои асосии фалсафию ирфонии мутафаккир аҳамияти калидӣ дорад.

2. Муайян карда шудааст, ки матнҳои фалсафии Ибни Арабӣ дорои сохтори ғайри муназзам ва тарзи баёни хоси ирфонӣ мебошанд, ки дарки дурусти онҳо танҳо дар заминаи мутолиаи маҷмуи осори мутафаккир, таҳлили муқоисавии матнҳо ва фаҳмиши низоми истилоҳоти ирфонии ӯ имконпазир аст. Аз ин рӯ, омӯзиши осори Ибни Арабӣ истифодаи равиши комплексӣ, герменевтикӣ ва системавиро тақозо менамояд.

3. Исбот гардидааст, ки сарфи назар аз мақоми баланди Ибни Арабӣ дар таърихи фалсафаи исломӣ ва тасаввуфи назарӣ, осор ва ҷаҳонбинии ӯ дар муҳити илмии Тоҷикистон то ҳол ба таври кофӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифтаанд. Дар айни замон таҳқиқоти муҳаққиқони хориҷӣ ӯро ҳамчун асосогузори назарияи ваҳдати вуҷуд ва низомбахши марҳилаи нави рушди тасаввуфи назарӣ муаррифӣ намудаанд, ки зарурати омӯзиши амиқи мероси ӯро дар фалсафаи ватанӣ тақвият медиҳад.

4. Мушаххас карда шудааст, ки меҳвари асосии фалсафаи Ибни Арабиро масъалаҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносии ирфонӣ ташкил медиҳанд. Ӯ маърифати ирфониро ҳамчун олитарин роҳи худшиносӣ ва худошиносӣ арзёбӣ намуда, низоми мукаммали мафҳумҳо ва истилоҳоти фалсафию ирфониро ташаккул додааст, ки дар рушди минбаъдаи афкори ирфонии ҷаҳони ислом, нақши муассир гузоштаанд.

5. Ошкор карда шудааст, ки консепсияҳои асосии Ибни Арабӣ, махсусан таълимоти ваҳдати вуҷуд, аз ибтидои пайдоиши худ то имрӯз баҳсу мунозираҳои густурдаи илмӣ ва диниро ба вуҷуд оварда, боиси ташаккули ду равиши асосии арзёбӣ – ҷонибдорӣ ва интиқодӣ гардидаанд. Ин ҳолат аз таъсири амиқ ва аҳамияти таърихию фалсафии андешаҳои ӯ дар ташаккули афкори исломӣ шаҳодат медиҳад.

6. Асоснок карда шудааст, ки мероси илмии Ибни Арабӣ

дорои арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ буда, ҳамчун яке аз сарчашмаҳои асосии омӯзиши таърихи тасаввуф ва ирфони исломӣ хизмат менамояд. Муайян гардид, ки аксари муҳаққиқони муосири соҳаи тасаввуфшиносӣ ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ ва ирфони назарӣ ногузир ба осори ӯ мурочиат мекунанд, ки ин аз аҳамияти устувори мероси илмии ӯ шаҳодат медиҳад.

7. Муайян карда шудааст, ки яке аз мушкилоти асосии таҳқиқи осори Ибни Арабӣ ба забон, услуб ва тарзи ифодаи матнҳои ӯ вобаста мебошад. Забони мафҳумҳои сермаъно, истифодаи ҳамзамони маъноҳои зоҳирӣ ва ботинӣ, фаровонии рамзҳо, истилоҳоти махсуси ирфонӣ, нотамом мондани баъзе андешаҳо ва хусусияти таъвилии матнҳо шарҳу тавзеҳ, тарҷума ва дарки осори ӯро барои муҳаққиқон, махсусан муҳаққиқони ғайри араб, ба масъалаи мураккаби илмӣ табдил додааст.

8. Исбот гардидааст, ки ҳатто муҳаққиқони арабизабон, аз ҷумла А. Афифӣ ва дигар шореҳони маъруфи осори Ибни Арабӣ, дар фаҳмиш, шарҳ ва таҳлили баъзе масъалаҳои таълимоти ӯ бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ шудаанд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки дарки амиқи ҷаҳонбинии Ибни Арабӣ танҳо бо донистани забони арабӣ маҳдуд нашуда, балки истифодаи таҳлили муқоисавӣ, герменевтикӣ ва фалсафиро низ талаб менамояд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулосаю натоиҷи бадастомадаи онро дар таҳқиқоти минбаъдаи муҳаққиқон доир ба таърихи фалсафа ва махсусан, барои амиқтар шинохтани ирфони назарӣ, омӯзиш ва дарки ваҳдати вуҷуди тасаввуфи исломӣ метавон ба таври васеъ истифода намуд. Илова бар ин, истифодаи мавод ва натиҷагириҳои таҳқиқоти диссертатсиониро ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, курси лексияҳо ва дастуру васоити таълимӣ барои омӯзиши таърихи тасаввуфи форсӣ-тоҷикӣ, ки то асри Ҷомӣ идома дошт, низ аз манфиат холӣ нест.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро ин натиҷаҳои таҳқиқ дорои дараҷаи баланди эътимоднокӣ мебошанд, ки бо такя ба заминаи назариявӣ, методологӣ ва таҷрибавӣ асоснок шудаанд. Пеш аз ҳама эътимоднокии назариявӣ тавассути интихоби саҳеҳи методология, истифодаи

осори аслии Ибни Арабӣ, тарҷумаи онҳо бо забонҳои форсӣ ва русӣ татбиқи равишҳои таърихӣ, муқоисавӣ ва герменевтикӣ таъмин гардидааст.

Заминаи таҷрибавӣ ва таҳлили мустақими сарчашмаҳо, таснифи истилоҳот, муқоисаи андешаҳои гуногуни шореҳон-шогирдони мустақими Ибни Арабӣ, асарҳои бо забонҳои гуногун (русӣ, арабӣ, форсӣ) тарҷума шуда, таҳқиқоти муҳаққиқони кишварҳои аврупоӣ ва шарқӣ ба муаллифи диссертатсия ҷиҳати баровардани хулосаҳои боэътимоди илмӣ шароит фароҳам овардааст.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия зери унвони «Фалсафаи Ибни Арабӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафаи пешниҳод мегардад, ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас карда шудааст, мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Тадқиқоти диссертатсионии мазкур кори илмиест, ки муаллиф онро мустақилона анҷом додааст. Дар раванди таҳқиқ диссертант бо такя бо сарчашмаҳои муътамад, осори Ибни Арабӣ, тарҷумаҳои мустақими онҳо ба забонҳои форсию русӣ моҳияти фалсафии таълимоти мутафаккирро кушода, арзиши таърихӣ ва амалии онро барои ҳаводорони фалсафаи Шарқ пешниҳод намояд. Натиҷаҳои назариявӣ, хулосаҳо, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тавсияҳои истифодаи амалии онҳо, аз дастоварҳои мустақиму бевоситаи муаллифи диссертатсия мебошанд. Таҳқиқоти илмии дар ин замина ба нашр расида, маърузаҳои дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ салоҳияти ӯро доир ба масъалаҳои баррасишаванда дар диссертатсияро тасдиқ менамоянд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Рисолаи диссертатсионӣ дар маҷлиси Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон санаи 26 июни соли 2026 (Протоколи №5) мавриди муҳокима қарор гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотии он ҳамчун кори илмии анҷомдодашуда баҳогузорӣ гардида, барои дифоъ дар Шурои

диссертатсионӣ тавсия гардидааст.

Диссертант дар семинари илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Фалсафаи муосири тоҷик: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои рушд», 2021; конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзӯи «Масоили мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ дар замони муосир» бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20-солагии таъсисёбии факултети фалсафаи ДМТ; конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ бахшида ба 75 солагии ДМТ, 03.10.2023; Симпозиуми байналмилалӣ «Саҳми Абунасри Форобӣ дар илм ва тамаддуни ҷаҳон» (16-17 октябри соли 2024; Мизи гирд «Тамоюлҳои муосири рушди илмҳои фалсафӣ дар Тоҷикистон ва ҷаҳон» (18 ноябри соли 2022); Симпозиуми байналмилалии «Саҳми Абуалӣ ибни Сино дар рушди илм, фалсафа ва тамаддуни ҷаҳонӣ» (Душанбе, 4-5 ноябри соли 2025) ва ғ. баромад ва иштирок намудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои диссертатсия дар сию чащор мақолаҳои илмии диссертант, ки дар маҷаллаҳои илмӣ ба нашр расидаанд. Аз ҷумла 20 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 14 мақолаҳои фишурда дар дигар маҷмуаҳо ба нашр расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, нуздаҳ зербоб, хулоса ва тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳо иборат аст. Диссертатсия аз 441 саҳифа иборат буда, адабиёти истифодашуда ба 409 номгӯ баробар аст.

ҚИСМАТИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима муҳиммияти мавзӯъ асоснок, дараҷаи омӯзиши мавзӯи мавриди таҳқиқ муайян, робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯҳои илмӣ нишон дода шуда, инчунин мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети тадқиқот ва марҳалаҳои таҳқиқот муайян гардидаанд. Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, асосҳои эмпирикӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мушаххас гардида,

маълумот дар бораи аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ, соҳаи таҳқиқот оид ба тасвиби натиҷаҳои кор, саҳми унвонҷӯи дараҷаи илмӣ ва сохтори диссертатсия оварда шудааст.

Боби аввали диссертатсия – **«Зиндагӣ, осор ва таълифоти Ибни Арабӣ»** - аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввал таҳти унвони **«Зиндагинома ва осори Ибни Арабӣ»** - зиндагиномаи Ибни Арабӣ (номи комилаш - Муҳиуддин Абуабдуллоҳ Муҳамсию мад ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни ал-Арабӣ ал-Ҳотимӣ ат-Тойӣ) соли 1165 дар ш. Мурсияи Испанияи мусулмонӣ, дар оилаи яке аз шахсони сарватманд ва бонуфузи араб таваллуд ёфтааст. Таваллуди ӯ ба давраи заволёбии сулолаи ал-Муравиддун ва гузашти ҳокимият ба дасти сулолаи ал-Муваҳиддун рост меояд. Бачагии Ибни Арабӣ дар Севиле, пойтахти Испаниёи ал-муваҳиддун сипарӣ шудааст, ки аҳли хонаводаашон соли 1172 ба онҷо кӯчида буд. Дар ҳамон ҷо, ӯ таълимоти анъанавии мусулмониро фаро гирифтааст: илова бар калом, фиқҳ ва илм ал-ҳадис, ӯ балоғати арабӣ ва махсусан шеърро аз устодони гуногун омӯхтааст [13, С. 14.]. Ибни Арабӣ ҳанӯз аз давраи бачагӣ бо тақводорӣ, зуҳду зоҳидӣ ва таваҷҷуҳи хосааш ба тасаввуф аз ҳамсолони худ фарқ мекард. Метавон гуфт, ки зеҳни ӯ аз солҳои наврасӣ, махсусан баъди беморӣ, ба рӯъёи ирфонӣ, кашфу ишроқ ва шавқу рағбати зиёдаш ба тасаввуф ва ирфон мутамоил будааст. Масалан, соли 1189 дар шаҳри Кордова дар хоб барояш рӯъёе насиб шуда буд, ки Худо барояш имкон фароҳам овард, ки тамоми пайёмбаронро бо чашми худ мушоҳида намояд. Ӯ дар ин бора дар китобаш «Фусус ал-ҳикам» хабар додааст [14, С. 154.].

Тибқи маълумоти тарҷумаҳолии Ибни Арабӣ, «ӯ дар синни 16 солагӣ аз ҷониби шайхони Андалусия ба сафи сӯфиён пазируфта шудааст (хирқа пӯшидааст). Шояд мулоқоти ӯ бо файласуфи машҳури арабӣ - Ибни Рушд низ ба ҳамин давра рост меояд» [18, Ҷ. 1. С. 207].

Ибни Арабӣ, «тибқи эътирофи шахсиаш дар ҳудуди бистсолагиаш илҳоми сӯфиёнаро аз сар гузаронида, ба фазли он тавонистааст, ки тамоми «мақомот» (шакли танҳои арабиаш мақом)-и тариқати сӯфиёнаро тай намуда, истеъдоди фавқулодаеро аз олами боло ба даст оварад» [156, P. 13].

Аз ҳамин давра сар карда, ӯ ба сафарҳои мутааддидаш дар шаҳрҳои ватани худ - Андалусия, кишварҳои Мағриб (Марокаш, Тунис) баромада, шаҳрҳои Талемсен (1193), Марокаш, Фес (1194, 1196 ва 1197), Кордова (1198) ва ғ. рафта, бо донишмандони сӯфимашраб ва маъруфи он замон мулоқот намудааст. Дар ин давра низ ба омӯзиши улуми динӣ – ҳадисшиносӣ, фиқҳ, илм ат-тасаввуф ҷиддан машғул шуда, зиёда аз шаст рисолаҳои калону хурдро таълиф намудааст [156, P. 6].

Соли 1199 ӯ аз Марокаш ба зодгоҳаш Мурсия бар гашта, тасмим мегирад, ки ба ҳаҷ ва зиёрати шаҳрҳои муқаддаси мусулмонӣ – Макка ва Мадина биравад. Соли оянда ӯ ба Мағриб рафта, дигар ба ватанаш Испониё боз нагаштааст, ки муҳаққиқони аврупоӣ китобе низ бо ҳамин номин ном «Сафари бебозгашт» [42] таълиф кардаанд. Ибни Арабӣ зимни сафар ба Марокаш боз дар рӯъё мебинад, ки «зоботарин парранда»-е, ки болои арши илоҳӣ парвоз мекард, «барояш мужда дод, ки ӯ бояд ба Шарқ сафар намояд ва ҳамсафараш бояд Муҳаммад ал-Хассора аз шаҳри Фес бошад. Ӯ ба Фес рафта, мебинад, ки Муҳаммад ал-Хассор дар ҳақиқат ҳам ӯро чанд рӯз боз интизор аст, то ки якҷо ба сӯи кишварҳои Шарқ сафар намоянд» [11 Ч. 2. С. 428].

Соли 1201 Ибни Арабӣ ба Шарқ рафта, то охири умраш дар он ҷо боқӣ мемонад. Ибни Арабӣ дар Макка ду сол зиндагӣ намуда, пайваста бо донишмандони мусулмон, ки ҳамасола дар он ҷо ҷамъ меомаданд, мулоқот менамояд. Ӯ дар ин ҷо ба таълиф намудани асари бисёрҷилдаи худ «ал-Футуҳот ал-маккия» оғоз карда, соли 1204 ба сафари тӯлонӣ ба кишварҳои Шарқӣ мебарояд: дар марҳилаи байни солҳои 1204 ва 1220 ӯ дар шаҳрҳои Сурия, Фаластин, Миср, Ироқ ва Анатолия сайёҳат карда, соли 1240 вафот кардааст. Ҳанӯз дар давраи Усмонӣ бо амри Султон Салими I дар ибтидои асри XVI оромгоҳи ӯ дар Ҷабал ал-Қосиюн (Димашқ) бино шудааст, ки то ҳанӯз ҳам зиёратгоҳи пайравон ва дилбохтагони ӯ мебошад [127, С. 83].

Дар ҳамин зербоб – тавсифи кутоҳи осори Ибни Арабӣ низ оварда шуда, – муаллифи диссертатсия дар ҳаҷми рисола кӯшиш намудааст, ки дар бораи осори нисбатан машҳури мутафаккир “Тадбирот-ул-илоҳия”, «Ал-Футуҳот ал-маккия»,

«Иншо-ад-давоир», «Аклат-ул-муставфиз», «Тарҷумон-ал-ашвоқ», «Фусус ал-ҳикам» маълумоти заруриро пешниҳод намояд. Таълифоти Ибни Арабӣ шомили рисолаҳои чанд сафҳаӣ то китобҳои бузургҳаҷме чун «ал-Футуҳот ал-Маккия» иборат мебошад. Баҳс дар бораи теъдоди осори мутафаккир ҳануз ҳам хотима наёфтааст. Шаъронӣ рақами чаҳорсад, Ҷомӣ панҷсадро барои таълифоти ӯ зикр кардаанд ва Муҳаммад Раҷаб Ҳилмӣ аз набераҳои Ибни Арабӣ пас аз интихоби рақами панҷсад, иловатан дусаду ҳафтоду чаҳор (274) китоби ӯро ном бурдааст [62. С. 123-129].

Зербоби дуюми боби якум –**«Таълифоти асосии Ибни Арабӣ»** комилан ба тавсифи муфассалтари чанде аз асарҳои муҳимтарини Ибни Арабӣ бахшида шудааст. Дар ин зербоб андешаҳои мутафаккир дар бораи таърих, муҳтаво, бобгузорӣ, соли таълиф, андешаҳои муҳаққиқон оид ба асарҳо, мансубияти асарҳо ба Ибни Арабӣ, ангезаҳои таълифи асарҳо ва муҳтавои онҳо аз суханони мутафаккир ва ғ. маълумот додааст.

1. Китоби «Тадбироти илоҳия» барои омӯзиши тасаввуф ва тасаввуфи назарӣ ва амалӣ ниҳоят судманд буда, бо забонҳои гуногуни аврупоӣ, тарҷума ва нашр шудааст.

2. «Ал-Футуҳот ал-маккия». Ин китоб аз китобҳои баландовозатарини Ибни Арабӣ буда, номи комили он чунин аст: «Ал-Футуҳот ал-Маккия фи маърифати ал-асрор ал-моликия ва-л-малакия»(«Футуҳоти маккӣ дар шинохти асрори моликия ва малакия»). Интихоби ин ном аз он ҷиҳат аст, ки дар китоб дар бораи мукошифоти ғайбии муаллиф дар Макка, ҳангоми таввофи Байтуллоҳ ал-ҳаром ва вуқуф дар даргоҳи илоҳӣ сухан меравад.

Мавзӯи он ирфон ва ба хусус ирфони назарӣ аст. Ҳарчанд дар ин китоб омӯзаҳои фаровоне аз улуми мухталиф гирд омадаанд, аз ин ҷиҳат, онро «Доират-ул-маориф»-и тасаввуф номидаанд, аммо ҳама ин омӯзаҳо дар ростои ғарази аслии китоб, ки шарҳу баёни усули асосии ирфони назарӣ, манозил ва мақомот дар сайру сулуки ирфонӣ аст, қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, ин китоб яке аз беҳтарин сарчашмаҳои ирфонӣ ба шумор меравад.

3**. «Иншо ад-давоир».** Яке аз осори маъруфи Ибни Арабӣ аст, ки то замони мо маҳфуз монда, борҳо ба чоп расидааст.

Ибни Арабӣ қайд намудааст, ки “онро «Иншо-ад-давоир ала ҳотия» номида, дар «Футуҳот» номи онро бо се таъбир: «Иншо-ад-давоир», “Иншо-ад-давоир ва-л-ҷадовил” ва «Иншо-ал-ҷадовил ва ад-давоир»зикр намудааст” [17, С. 5]

4. «Ал-Ақлату ал-муставфиз». Яке аз асарҳои Ибни Арабӣ мебошад, ки дар «Футуҳот»чандин бор аз он ном бурда, ба матолиби он ишора намудааст. Доктор Ҷаҳонгирӣ, ки маъмулан номи китобҳои Ибни Арабиро дароз зикр мекунад, номи ин асарро «Ал-Ақлат ал-муставфиз фи аҳкоми ва-с-санъати ал-инсоният ва таҳсина-с-санъат ал-имония»гузоштааст.

Мавзӯи ин асари ирфонӣ, чунонки таъкид шуд, тартиб ва тартиби ҷойгирии оламҳои улвӣ ва маротиби сифлӣ аст, ки онро дар қолаби шеър даровардааст.

Чунон ки қаблан ёдовар шудем, Ибни Арабӣ ҳатто хонандагони «Футуҳот»-ро барои тафсили бештари баъзе мабоҳис ба ин рисола ҳавола кардааст, ки ин худ далели аҳамияти зиёди мавзӯи ин рисола ба ҳисоб меояд. Танҳо ба хотири намуна дар ҷилди аввали «Футуҳот»[18, С. 58] гуфтааст: «баҳси таҷарруди азалият аз сурати маъқулро ба таври муфассал дар «Иншо-ад-давоир» матраҳ кардем ва ё дар ҳамин ҷилд навиштааст: “асмо ва уммаҳоти онро бо тафсил дар «Иншо ад-давоир»шарҳ додаем»[17, С. 54].

Зербоби сеюми боби якум – **«Таъсир ва нуфузи Ибни Арабӣ дар ҷаҳони форсизабонони Хуросон ва Мовароуннаҳр»**ба таҳлилу баррасии масоили вобаста ба афкори намояндагони алоҳидаи форсизабонон бахшида шудааст. Муаллифи диссертатсия самтҳо, ҷанбаҳо ва доманаи васеи ин мавзуъро нишон дода, қайд мекунад, ки ба андешаи Сайд Ҳусайни Наср таъсири орифи барҷастае ба мисли Ибни Арабӣ: «дар марокизи ирфон ва тасаввуф аз Антлантика то Осиёи Миёна ва Ҳинд бо иқбол ру ба рӯ буда, чунон нуфузи густурдае доштааст, ки ҳамчунон дар бораи афкораш баҳс мешавад. Имрӯз иртиботи манотиқе чун Индонезия, ки ислом то умқашон нуфуз карда, бо тариқатҳои сӯфиёна, ки пайванди мустаҳкаме бо дидгоҳи шайхи Мурсия доранд, бисёр наздик аст» [85, С. 142]. Дидгоҳҳои Ибни Арабӣ, илова мекунад муҳаққиқи мазкур, «фақат дар тағйири забони тасаввуфи назарӣ муассир набуда, балки ба фалсафа (ҳикмат) ва калом низ нуфуз

кардааст. Ҳафт қарн аст, ки шуюх ва ҳукамо бар осори ӯ шарҳ менигоранд. Шоҳкори ӯ «Фусус ал-ҳикам»ва маҳофили суннати динӣ ҳаммонанди ҷамооти суфӣ, тадрис мешавад» [85, С. 156].

Шоири бузурги форсизабон Мавлоно Ҷалолуддин Румӣ низ тавассути Садриддин Қунавӣ бо Ибни Арабӣ пайванд меёбад. Қунавӣ муриди Ибни Арабӣ ва дӯсти наздики Мавлоно будааст. Ҳатто баъзе муҳаққиқон бар ин назаранд, ки «Маснавии маънавӣ» нусхаи форсии «Футуҳот» мебошад. Тардиде (шубҳае) нест, ки ин ду шайхи бузурги исломӣ, нуқоти муштарак доштаанд. Аммо инро ҳам набояд фаромӯш кард, ки Мавлоно рӯнавишти соддае аз Ибни Арабӣ набуда, комилкунандаи ин масир буд ва агар тассаввуфро чун себе фарз кунем, ӯ яке аз ду нимаи он себ будааст.

Пас аз Мавлоно сӯфиён муаллифони дигаре, монанди Азиз Насафӣ ва Саъдуддин Ҳамавӣ будаанд. Онҳо ба рағми интисобашон ба Наҷмиддини Кубро, намояндаи мактаби тасаввуфи Туркистон, дар фаҳми андешаҳои Шайхи Акбар муассир будаанд. Ҳатто Алоуддавла Симнонӣ, ки бархе назариёти Ибни Арабиро нақд мекунад, аз вай таъсир пазируфтааст. Ҳофиз ва Саъдӣ, ки аз шоирони сӯфимаслаки давраи мазкур будаанд, аз тасовири классикӣ баҳра бурда, аз забони сано, яъне забони Аттор ва Мавлоно истифода кардаанд ё бо боқӣ мондан дар ҳамон чорчӯб, буъди ҷадиде ба забони классик бахшидаанд. Ин ду шоири сӯфӣ аз ҳамон забони намодин (рамзӣ) истифода кардаанд, аммо дигарон ба андешаҳои Ибни Арабӣ ва тарҷума ва тафсири он ба шеър ва насри дилнишини форсӣ овардаанд. «Ашиъату ламаъот»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Ламаъот»-и Фахриддини Ироқӣ, ки муриди Қунавӣ будааст, намунаҳои ошкори дигаре барои ин мавзуъ ҳастанд. Дар ин ҷо аз ашъори Авҳаддуддин Кирмонӣ ва «Гулшани Роз»-и Маҳмуди Шабистарӣ ҳам бояд ёд кард. Китоби ахир («Гулшани роз»– З.З.) тибқи сиёқи Ибни Арабӣ, назарриёти сӯфиёнро, ки ба сурати мероси муштараки форсизабонон даромада, дар абёти бархурдор аз зебоиҳои илоҳӣ дарҷ кардааст. Ба ҳамин сурат Шайх Маҳмуди Лоҳиҷӣ шореҳи машҳури «Гулшани роз»ва бунёнгузори тариқати нурбахшия низ амиқан аз Ибни Арабӣ таъсир пазируфтааст. Неъматуллоҳи Валӣ, шайхи бузурги дигаре аз диёри

форсизабонон аст, ки тариқати неъматулоҳияро аз тариқатҳои фаъоли Эрони имрӯз поя гузорад. Ӯ «Фусус ал-ҳикам»-ро ба форсӣ тарҷума кард ва ашъори «Фусус»-ро ба шеър, тарҷума ва шарҳ кард. Неъматуллоҳ бар таъсирпазириаш аз Ибни Арабӣ низ нақш гузоштааст.

Боби дуюми диссертатсия – **«Фусус ал-ҳикам»-и Ибни Арабӣ ва шарҳҳои асримиёнагии он»**- номгузорӣ шуда, аз чаҳор зербоб иборат мебошад, ки ба масъалаҳои гуногуни тасаввуф ва нақши пайёмбарон ва ҳикмати онҳо барои башарият бахшида шудаанд.

Дар зербоби якуми боби дуюми диссертатсия – **«Фусус ал-ҳикам» – муҳимтарин асари фалсафии Ибни Арабӣ» –** дар бораи аҳамият ва нақши ин асар дар таърихи тасаввуфи исломӣ сухан меравад.

Аз ҷумла дар он омадааст, ки «Фусус ал-ҳикам»номест, ки ба гуфтаи Ибни Арабӣ, паёмбари ислом (с) барои китоб интихоб намуда, фармудааст, ки онро барои тамоми уммати мусулмонон иншо намояд. Номи китоб аз ду калимаи «фас»ва «ҳикмат»иборат аст, ки аввалӣ ба шарҳу тавзеҳ ниёзманд мебошад. Калимаи «фас»дар китобҳои луғат ба маъноҳои мухталифе зикр шудааст, ки ду маънои он бо мундариҷа ва муҳтавои китоб муносибтар ба назар мерасад: 1) хулоса ва чакидаи чизе; 2) нигини ангуштарӣ.

Бо назардошти он ки «ҳикмат»дар назди орифон, маърифати шууни зотӣ, таҷаллиёти асмо ва сифоти Ҳақ мушоҳидаи ҳузурӣ аст, фасси ҳар ҳикмате бино ба маънои аввал аз хулосаи улум ва маъорифе иборат аст, ки барои ҳар кадом паёмбарони мазкур дар ин китоб аз роҳи шуҳуди ҳузурӣ ҳосил шудааст, ба қавли муҳаққиқи эронӣ: «маорифе, ки ба тақозои тафовути исме, ки зуҳури он дар ҳар паёмбаре ғолиб аст ва бар лиҳози ихтилофи онҳо дар истеъдод ва қобилият, мутафоввит мебошад. Бар асоси ба маънои дуввум, фасси ҳар ҳикмате иборат аст аз қалби ҳар як паёмбарони мазкур дар ин китоб, ки улум ва маорифи махсус ба ҳар як, аз мабдаи олӣ ба он изофа шуда, дар он нақш мебандад, мисли нигини ангуштар, ки исми соҳибашро бар он ҳак (ҳаккокӣ) мекунанд, то нишоне аз вуҷуди ӯ бошад ва аз он чи ки нузул ва уруҷ маротиби вуҷуд дурӣ аст ва қалби инсони комил маҳалли нақшҳои ҳикматҳои илоҳӣ аст, ин

ҳикматҳоро ба ҳалқаи ангуштарӣ ва қалбро ба нигини он ки маҳалли нақшҳо аст, ташбеҳ намудааст» [24, С. 323].

Мавзӯи китоб ирфони назарӣ аст ва яке аз олитарин китоби маорифи илоҳӣ буда, ба ниёзҳои зиёди маърифати инсон посух мегӯяд. Таърихи дақиқи оғоз ва анҷоми таълифи «Фусус ал-ҳикам» равшан нест, аммо бо таваҷҷӯҳ ба ин ки Ибни Арабӣ таърихи мубашираро ки иллати аслии таълифи китоб аст, даҳаи охири Муҳаррами соли 637 ҳ.қ. зикр намудааст, метавон натиҷа гирифт, ки ин китоб дар даҳҳаи охири зиндагии ӯ таълиф шудааст. Ибни Арабӣ аз соли 620 ҳ.қ. дар Димишқ то поёни умр дар он ҷо зиндагӣ дошт, аз ин рӯ, таълифи китоби «Фусус ал-ҳикам»низ дар Димишқ сурат гирифтааст.

Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия – «**Шореҳони машҳури асримиёнагии «Фусус ал-ҳикам» – и Ибни Арабӣ**»номида шуда, дар он оид ба зиёда аз даҳ шореҳони ин асар, аз ҷумла Садриддини Қунавӣ, Соиддуддини Тарақаи Исфаҳонӣ, Болизода, Порсо, Хоразмӣ ва дигарон, инчунин фаъолияти илмии онҳо, соли таълиф, ангезаҳои таълифи шарҳҳо, аҳамият ва тафовут, услуб ва равиши шарҳи онҳо, хусусиятҳои фарқкунандаи шарҳҳо, андешаҳои муҳаққиқон, тавзеҳот ва нашри онҳо мавриди таҳлил ва баррасии муаллифи диссертатсия қарор гирифтаанд.

Муаллифи диссертатсия оид ба шореҳони маъруфи «Фусус ал-ҳикам»ба таври мухтасар маълумот додааст. Аз ҷумла Садриддин Муҳаммад бин Исҳоқ Қунавӣ (607 ҳ. 1210 м. - 673 ҳ. 1274 м.) аз донишмандони маъруфи давру замон ва шогирди мустақими Ибни Арабӣ будааст. Осори ӯ: «Мифтоҳу-л-ғайб», яке аз асарҳои муҳими ӯ буда, дар он мазмуни мухтасари ирфони назариро шарҳ додааст. Шарҳи ин асар дар китоби «Мисбоҳ ал-унс»-и Фанорӣ оварда шудааст. Асари дигараш «Расоил ан-нусус»низ ба таври интихоби аслиёти унсурҳои муҳими масоили ирфонӣ шарҳу баён ёфтаанд. Муаллиф дар қисмати охири ин китоб онро «Мифтоҳ мафотиҳ «Фусус ал-ҳикам»-и Ибн Араби»ё «Мифтоха мафотиҳ ал-Фусус» номидааст. Асари дигари муҳими ӯ “Китоб ал-фукук» («Китобе, ки [асрори суханҳои] Фусус ал-ҳикам»-ро ҳаллу фасл мекунад), ки амалан шарҳи «Фусус ал-хикам»-и Ибни Арабӣ буда, ҳадафи он шарҳи мушкилоти китоби устодаш мебошад. Ӯ

ҳамчунин китоби дигаре бо номи «Нафаҳот ал-илоҳия» дорад, ки дар он шуҳудат (мушоҳидаи маънавӣ)-ро шарҳ додааст. Ин китоб барои шарҳи мақомоти маънавии муаллиф аҳамияти муҳим дорад.

Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» дар бораи мақоми волои Қунавӣ навиштааст: «Вай наққоди каломи шайх аст. Мақсуди шайх дар масъалаи ваҳдати вуҷуд бар ваҷҳе ки мутобиқи ақл ва шарҳ бошад, ҷуз ба татабуи таҳқиқоти вай ва фаҳми он – камо янбағи– муяссар намешавад» [36, С. 355.].

Қунавӣ ҳамчунин китобҳои «Шарҳ ал-ҳадис» (шарҳи 27 ҳадис); Тафсири «Фотиҳа» ва ё «Эъҷоз ал-баён»-ро таълиф намуда, устоди Муайядуддин Ҷандӣ, Саъидуддин Фарғонӣ, Фахриддин Ироқӣ ва Афифиддин Талмасонӣ маҳсуб шуда, ки ҳамагӣ аз шореҳони маъруфи «Фусус ал-ҳикам»-и Ибни Арабӣ мебошанд.

Инчунин шарҳҳои Соинуддин Таркаи Исфаҳонӣ, Болизода, Хоҷа Муҳаммад Порсо, Муаядуддин Ҷандӣ, Тоҷиддин Ҳусайн ибни Ҳасани Хоразмӣ Киравӣ, Камолиддин Абдураззоқ ал-Кошонӣ, Довуд ибн Муҳаммад Румии Қайсарӣ, Саъидуддин Фарғонӣ, Фахриддини Ироқӣ, Афифуддин Талмасонӣ, Мулло Абдурраззоқ Кошонӣ, Шайх Довуд Қайсарӣ, Сайид Ҳайдар Омилӣ, Муҳаммад ибни Ҳамза Фанорӣ ва дигарон маъруфанд.

Дар зербоби сеюми боби дуввуми диссертатсия, таҳти унвони **«Вокунишҳо дар баробари Ибни Арабӣ»**, асосан андешаи муаллифи диссертатсия оид ба мувофиқат ва норозигии донишмандони асримиёнагии олами исломӣ дар муқобили китоби «Фусус ал-ҳикам»-и асосгузори таълимоти ваҳдати вуҷуд, равона гардида, руйхати онҳо бо зикри муаллифонашон зикр гардидаанд.

Шарҳҳои «Фусус ал-ҳикам» зиёд буда, ҳар кадоми онҳо бо хусусият ва вижагии худ фарқ мекунад, ки сараввал номгӯи онҳоро ёдовар шуда, баъдан ба шарҳи ҳоли муаллифон ва тавзеҳи мухтасари китобҳои маъруфи он мегузарем, зеро бе зикри номи онҳо дарки мақому мартабаи Ибни Арабӣ душвор аст.

Аз ҷумла китобҳое, ки дар радди хусуси китоби «Фусусу-л-ҳикам»таълиф шудаанд, щафтоанд.

Ибни Арабӣ дар китобе ба номи «Мифтоҳ ал-фусус ва нақш ал-фусус»китоби мухтасари онро низ таълиф кардааст, ки он ҳам (бо номи «Нақш ал-фусус») монанди «Фусус ал-ҳикам» таваҷҷуҳи донишмандон, орифон ва муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст. Бар ин китоб низ шарҳҳои муътабаре навишта шудааст. Аз он ҷумла «Шарҳи нақш ал-фусус»таълифи Садриддин Муҳаммад ибни Исҳоқ Қунавӣ, «Нақду ан-нусус фи шарҳи нақш ал-фусус»таълифи Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Шарҳи нақши-л-фусус»таълифи Рукниддин Шерозӣ, «Матлаъ ан-нақш ва н-нусус»таълифи Шариф ибни Носир ибни Ҳусайн Ҳусайнӣ, «Зубдату ал-фуҳус фи шарҳи нақши ал-фусус» таълифи Исмоил Ҳаққӣ Анқаравӣ (бо забони туркӣ, асри XIX), «Анфос ал-хаввос» таълифи Муҳибулҳақ Аллоҳободӣ ва «Фарағ ан-нуфус» таълифи Муҳаммад Нур Арабӣ Бадри Ҳусайнӣ ва ғ. зикр гардидаанд.

Дар тақсимбандии китоб ба бобҳо ва танзими мабоҳиси китоби «Фусус ал-ҳикам»аз равиши маъмул, яъне истифода аз унвонҳое мисли ҷузъ, боб ва фасл пайравӣ нашуда, мабоҳиси китоб ба бисту ҳафт фасс (боб) ҷудо гардида, ки ҳар фассе ба яке аз паёмбарони илоҳӣ бахшида шудааст. Ин паёмбарон ба тартиби дар китоб зикршуда иборатанд аз: Одам, Шис, Нӯҳ, Идрис, Иброҳим, Исҳоқ, Исмоил, Яъқуб, Суф, Ҳуд, Солеҳ, Шуъайб, Лут, Азиз, Исо, Сулаймон, Довуд, Юнус, Аюб, Яҳё, Закариё, Илёс, Луқмон, Ҳорун, Мӯсо, Холид, Муҳаммад (с). Манзур аз Холид, Холид ибни Санъон аст, ки дар замони фитрат байни Ҳазрати Исо ва ҳазрати Муҳаммад (с) зиндагӣ карда, Ибни Арабӣ ӯро дорои мақоми нубуввати барзахӣ дониста аст. Ӯ масъули хабар додан аз аҳволи барзах, пас аз марги худ будааст, вале ин кор аз сабаби ба васияти ӯ пайравӣ накардани пайравонаш сурат намегирад ва барои ҳамин паёмбари ислом хитоб ба духтари ӯ мефармояд «марҳабан ё бинту-н-наби азоаҳу қавмаҳу»(марҳабо, эй духтари пайёмбар, ки қавмаш ӯро аз даст додаанд).

Дар зербоби чаҳоруми боби дуюми диссертатсия – **«Мушкилоти фаҳми осори Ибни Арабӣ»–** муаллифи диссертатсия таъкид намудааст, ки масъалаи **«Аъёни собита ва мақомоти Худо дар ирфони Ибни Арабӣ»**аз муҳимтарин баҳсҳои ирфони Ибни Арабӣ, баҳси истилоҳи «аъёни собита»ва

«мақомоти зоти илоҳӣ» мебошанд, ки ягон муҳаққиқ аз онҳо чашм пӯшидан наметавонад. Мушкилии ибораи «аъёни собита» на танҳо дар маънои он, балки бештар дарк ва тарҷумаи он то андозае мураккаб ва печида гардидаанд, ки ҳар муҳаққиқ онро бо фаҳму истеъдод ва идроки худ тарҷума ва шарҳ медиҳад. Диссертант андешаҳои муҳаққиқони муосири рус Т. Ибрагим [118; 119; 120; 121], А.В. Смирнов, [12; 16; 19; 100; 101; 102; 103; 134; 135; 136; 137; 138], А. Кныш [13; 70; 71; 72; 125; 126; 127; 128] ва дигаронро оид ба масоили тарҷума, дарк ва фаҳмиши ин истилоҳи Ибни Арабӣ, зикр намудааст. Барои Ибни Арабӣ аз ҳама муҳим таъкид кардани он буд, ки ҳар шайъи дар самти “айн” гирифта шуда, ҳамеша худ ба худ ва дар ҳолати адам (вуҷуд надоштан, новуҷудӣ) боқӣ мемонад, аммо дар ҳолати мавҷудият («шайъ дар ҳар ду ҳолат собит мебошад»). Мушкилӣ дар тарҷумаи ин ибора «аъён» (шакли танҳояш «айн») аст. Дар фаҳмиши Т. Ибрагим ва А.В. Смирнов «*аъён*»мушобеҳи фаҳмиши афлотунии «мавҷудот» («сущности») нест. Сарфи назар аз ин, тарҷумаҳои истилоҳи «аъён» ҳамчун «мавҷудот» («сущность») (Т. Ибрагим ва А.Д. Кныш) ва ҳам «айн»- «таҷассумият» («воплощенность») аз маънои “вуҷуд доштан” маҳрум нестанд, зеро дар ин ҳолат маънои ибораи «аъёни собита»- ро торик мегардонанд: инсоне, ки фалсафаро бо анъанаи фалсафии ғарбӣ (омехта) ассосиатсия мекунад, истилоҳи «мавҷудият»ҳамчун ифодаи вуҷуди асил (муҳим нест, ки идеалӣ ва ё моддӣ бошад), айнан ҳамин тавр, истилоҳи «таҷассумият»-ро ӯ дар маънои гузариши (интиқоли) чизе аз адам ба сӯи вуҷуд (ҳастӣ), ҳамчун ба даст овардани вуҷуд дарк мекунад. Аммо дар фаҳмиши Ибни Арабӣ «аъёни собита» баръакс, новуҷудӣ (маъдумият) мебошанд, зеро ба қавли ӯ, ҳанӯз «онҳо роиҳаи вуҷудро эҳсос накардаанд». Адами (небытийность) айни собита «ҳеҷ»-и мутлақ набуда, аз мавҷудияти шайъ дар ҳолати дастрасии ақл (интеллигибалӣ) то интиқоли он шайъ ба ҳолати вуҷуд (мавҷудият) иборат мебошад. Ба қавли дигар, айни собита – ин ким-кадом модусе аст, ки ҳам бо вуҷуд ва ҳам бо адам тавсиф карда намешавад. Ин ким-чизи саввум мебошад. Забони русӣ бошад имконият медиҳад, ки оид ба шайъ танҳо дар бораи ким-чизи мавҷуд ва ё номавҷуд (маъдум)-ро ифода кунад ва чизи саввум дода

нашудааст. Шайъ метавонад вуҷуд дошта бошад ва ё вуҷуд надошта бошад. Дар забони русӣ дар бораи мавҷудияти шайъ танҳо дар бораи ин ва ё он самти вуҷуд метавон сухан гуфт. Амали номгузории шайъ дар забони русӣ қаблан (ба таври априорӣ) вуҷудро ҳамчун уфуқи ҳама равишҳои андеша дар бораи шайъ дар назар мегирад. Дар бораи адам - шайъи номавҷуд метавон танҳо аз роҳи инкор кардани мавҷудияти он («шайъи вуҷуд надошта» ё «маъдум») сухан гуфт. Ибни Арабӣ бошад, бо кӯмаки ибораи» айни собита» дар бораи мавҷудияти шайъе сухан мегӯяд, ки онро наметавон ҳамчун мавҷуд ва ё ғайримавҷуд тавсиф дод. Айни собита – ягон шайъи мавҷуд будае нест, ки вуҷуд дошта бошад, айнан ҳамин тавр, чизе нест, ки вуҷуд надошта бошад.

Боби сеюми рисола **«Мактаби Ибни Арабӣ ва вижагиҳои таълимоти ӯ»** номгузорӣ шуда, ба чаҳор зерфасли бо якдигар алоқаманд ҷудо гардида, ҳар кадоми онро шарҳу баён намудааст.

Дар зербоби аввал – **«Машраби Ибни Арабӣ дар ваҳдати вуҷуд»**, - баъзеҳо Ибни Арабиро файласуфе донистаанд, ки ба тасаввуф алоқаманд буда, ба шеваи фалсафӣ, мактаби ваҳдати вуҷудро таъсис додааст. Зарурати баррасӣ намудани масъалаи машраби Ибни Арабӣ аз ҳар ҷиҳат барои дарку фаҳми майли ӯ ба тасаввуф ва фалсафа муфид ва муҳим мебошад. Аввалан масъалаи майли мутафаккир ба фалсафа масъалаи онро ба миён меоварад, ки оё дар ҳақиқат ҳам ӯ завқ ва ё ҳусну таваҷҷуҳе ба масоили фалсафӣ дошт ё на? Аз ҷониби дигар, аксари муҳаққиқони осори Ибни Арабӣ ӯро ба сифати «сӯфии файласуфшудае» мешиносанд, ки ҳатто таълимоти ӯро бо номи «тасаввуфи фалсафӣ» ё «фалсафаи сӯфиёна» ном бурда, масъалаҳои пешгузоштаи ӯро аз мавқеи файласуфон, мавриди баҳсу мунозира қарор додаанд.

Онҳо китоби «Фусус ал-ҳикам»-ро китобе донистаанд: «дар фалсафаи илоҳӣ, ки бо тасаввуф мамзуҷ (омехта) аст, на ин ки тасаввуфи сирф бошад. Ҳадафи муаллиф баҳс дар табиати мавҷуд ба сурати ом ва робитаи вуҷуди мумкин ва вуҷуди воҷиб аст» [18, Ҷ1 С. 23]. Илова бар ин Ибни Арабиро дар танзими мактаби ваҳдати вуҷуд ба дуздӣ муттаҳам карда, аксари муҳаққиқон дар бораи Ибни Арабӣ дорои чунин дидгоҳанд ва

маҳз ҳамин боиси он шуд, ки дар таърихи тафаккур ва ирфони исломӣ, баъзан Ибни Арабиро суфӣ ба ҳисоб наоварда ё ҳадди ақал ҷанбаи тасаввуфи ӯро камрангтар бидонанд.

Баъзан ӯро чун «орифи маҷзуб», «нобиғае дар назм додан ба назарриёт ва тафаккуроти ирфонӣ буд ва низоми тафаккури ирфонии ҷомеъ ва мунсаҷаме дар ихтиёри наслҳои пас аз худ қарор додаанд». Баъзе ин суолро низ матраҳ кардаанд, ки оё тасаввуфи суннатӣ ба дасти Ибни Арабӣ аз исломи воқеӣ дур нагаштааст?

Як қисми муҳаққиқон пештар рафта, баъзан Ибни Арабиро «хориҷ аз ҳалқаи сӯфиён»қарор дода, осори ӯро «тафсири фалсафӣ» дониста, мазҳабашро «ваҳдати вуҷуд»эътироф намудаанд. Аз ҷониби дигар, баҳси ин масъала моро водор мекунад, ки возеҳу ошкор созем, ки муносибати Ибни Арабӣ ба масъалаи ақли одамӣ ва кашфу завқ (интуитсия) чӣ гуна аст?

Муаллифи диссертатсия андешаҳои худи Ибни Арабиро таҳлил ва баррасӣ намуда, ошкор намудааст, ки мутафаккир на танҳо ба муқобили маърифати ақлӣ мебарояд, балки аз ин ҳам болотар онро комилан рад намуда, нақши интуитсияро дар маърифат ба сатҳе боло мебардорад, ки дар он ҷо барои маърифати ақли ҳатто ҷое боқӣ намегузорад.

Илова бар ин, барои ҳамин Ибни Арабӣ маслиҳат додааст, ки ориф қабл аз ҳама бояд зоҳир ва ботинашро барои касби маърифат пок гардонад: «ва фикрро ба таври куллӣ аз нафсаш бизудояд (пок намояд), зеро ҳимматашро мутафарриқ (пароканда) месозад. Бояд ба даргоҳи парвардигораш ба муроқибаи қалбаш ба эътикоф бинишинад, то ин ки Худованд дарро ба рӯи ӯ боз кунад ва он чиро аз омӯзишҳои анбиё ва аҳлуллоҳ наметавонист дарёбад, фаҳм намояд, яъне ҳамон умуреро дарёбад, ки ақл наметавонад мустақилан онҳоро дарк намояд, балки онҳоро маҳол мешумурд». [18]

Тафаккури ақлонӣ, ба андешаи Ибни Арабӣ, тобеъи «далел» аст ва далелҳо низ ба воситаи тағйири ҳолот, мизоҷ, замон ва макон иваз мешаванд. Аммо бо вуҷуди радду инкор кардани маърифати ақлӣ, нақши ақлро куллан дар ҳаёти инсон рад намекунад. Ибни Арабӣ муътақид аст аз тариқи кашф (интуитсия), метавонад ҳама масоили илоҳиётро фаро гирад.

Зербоби дуюми боби сеюм «**Ибни Арабӣ ва тасаввуф**» ном дошта, муаллифи диссертатсия дар он масъалаи муносибати Ибни Арабиро ба баъзе масъалаҳои тасаввуф мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

Тасаввуф анъанаи ирфонии ислом мебошад. Ин анъанаи васеъ, шояд низомҳои гуногун ва ҳатто бо якдигар мухолифи мактабҳо ва намояндагонро дар бар гирифта бошад. Решаҳои ин анъанаро метавон то замони пайёмбар Муҳаммад ва наслҳои аввали садри ислом низ мушоҳида намуд. Дар марҳалаҳои нахустин вай танҳо тақводорӣ, худтарбиякунӣ ва шаклҳои муътадили зуҳдро ифода мекард. Инҳо одамоне буданд, ки бо тақводорӣ ё диндории худашон таваҷҷӯҳи дигар табақаҳои аҳолиро ба худ ҷалб мекарданд.

«Бо мурури замон тасаввуф рушд меёфт ва замоне, ки вай ба кори инфиродӣ табдил ёфт, баъд аз чандин асрҳо шакли нисбатан муназзамтар ва муташкилтарро ба худ қабул кард. Ҳамин тавр, тахминан баъди дусад соли марги пайёмбар китобҳои зиёде дар бораи тасаввуф ба вуҷуд омаданд, ки одамонро ба худтарбия ва тақводорӣ ҳидоят менамуданд» [46, С. 160].

Баъди даҳсолаҳо дар тасаввуф ҷараёни наве ташаккул ёфт, ки як қатор муҳаққиқони муосири аҷнабӣ онро ҳамчун як шакли теософия мавриди назар қарор додаанд: Ландау [159]; Корбен [73; 74; 75; 76]; Арберри [44]. Ин анъана шакли пухтаи худро дар эҷодиёти Ибни Арабӣ пайдо намуд ва чунин ба назар мерасад, ки нишонаи фарқкунандаи ин анъана ворид кунонидани тезис дар бораи ваҳдат-ул-вуҷуд буд, ки ҳомӣ ва пуштибони асосии он Ибни Арабӣ ба ҳисоб мерафт. Дар миёни дигар шахсиятҳои мифтоҳӣ, ки ин анъанаро ба онҳо нисбат медиҳанд - Ибн ал-Фориз (1181-1235), Ибн Сабъин (1217-1269), ал-Афиф ат-Талмисонӣ (1213-1291) ва диг. мансуб донистаанд. Аммо мо бар он андешаем, ки дар тафоввут аз уламои асосӣ ҳарчанд ба андешаи ҷонибдорони таълимоти «ваҳдати вуҷуд»мувофиқ бошанд, вуҷуд ягона мебошад, онҳо бо шарҳу тавзеҳ додани маҳз ҳамин андеша аз якдигар фарқ мекунанд. Баъзеҳо пантеизм, баъзеҳои дигар мавқеъҳои дигар, аз ҷумла акосмизм (аз юн. қадим «а»– «не» ва «космос» - олам), таълимоти динӣ-фалсафиест, ки оламро «ҳеҷ»мешуморад) ва

панентеизмро тасдиқ мекунанд.

Ҳар ду ба ҳамон як анъанаҳои маънавие аз қабили узлат, намоз ва зикр такя карда, аз онҳо вобаста буданд. Дар партави ин андеша мо тасдиқ мекунем, ки агар мо тафсирҳои аксарияти мактабҳо ва тариқатҳои сӯфиёнаро ба назар гирем, Ибни Арабиро дар маънии набояд сӯфӣ эътироф кард.

Муаллифи диссертатсия ба таҳлилу баррасии истилоҳоти «хотам-ул-анбиё», «ал-вилойя ал-муҳаммадия», «хотами анъанаи ирфони муҳаммадӣ»пардохта, таъкид менамояд, ки Ибни Арабӣ чунин меҳисобид, аз сабаби он ки анъанаи муҳаммадии ирфонӣ ҷамъбасти тамоми анъанаҳои ирфонӣ буда, худаш хотимабахши ирфони муҳаммадӣ ва хотимабахши тамоми анъанаҳои ирфонии тамоми пайёмбарон аст.

Дар зербоби сеюми боби сеюм, - «**Ибни Арабӣ ва илмҳои анъанавӣ, шариат ва фалсафа» –** андешаҳои мутафаккирро оид ба илмҳои замонаш мавриди баррасӣ гирифта, таъкид намудааст, ки ӯ дар соҳаи Қуръон, ҳадисҳо, фиқҳ, илоҳиёт, фалсафа ва дигар илмҳо донишҳои ҳаматарафа дошт, ҳарчанд ки ӯ ҳамеша ва ба таври истисноӣ худро ҳамчун ориф тасаввур мекард, осори ӯ ҳамчунон ки Читтик қайд мекунад, доираи васеи масоилро дар бар мегирад, ки қариб бо ирфон робитае надоранд. Илова бар ин, ӯ бо маҳорати бузурге ин мавзӯъҳоро истифода мебарад, ки дар осораш саҳми шахсӣ ва эҷодии ӯро инъикос менамояд.

Ибни Арабӣ масъалаҳои методи нодири тафсирро коркард намудааст ва чунин ба назар мерасад, ки аз қоидаҳои стандартии тафсир (яъне илми тафсири Қуръон)-ро таҳриф мекунанд, ки таҳқиқи он аз доираи ҳадафҳои рисолаи мо берун мебошад. Ӯ дар масъалаи донишҳои «ваҳбӣ» (ё Худодод) ё бо истилоҳи аврупоӣ - интуитивӣ, ки дар осораш бо номҳои гуногун ба чашм мерасанд: кашфӣ, шуҳудӣ, ваҳбӣ, завқӣ ва ғ., яъне донишҳои на аз рӯи «касб» (таълимгирӣ) ба даст омада, «таъвил», андешаи шахсии худ дар бораи ҳадисҳои саҳеҳ, ҳасан, заъиф ва мавзӯъ такя мекунад. Аксари уламои исломии чаҳон манбаи фиқҳи исломӣ: Қуръон, ҳадисҳо, иҷмоъ (мувофиқати умумии уламои исломӣ) ва қиёсро ҷонибдорӣ менамоянд; истилоҳи «қиёс» ба амалияи фиқҳии муайян кардани арзишҳои ҳуқуқӣ мансуб мебошад, масалан – «ҳаром», «мубоҳ» ва ғ. муфассал аз забони

худи Ибни Арабӣ шарҳ ёфтаанд.

Дар ҳамин зербоб сухане чанд дар масъалаи муносибати Ибни Арабӣ ба фалсафа меравад, ки метавон таъкид кард, ки саропо дар муқобили ирфон қарор дорад, андешаҳои муҳаққиқон дар бораи суфӣ ва файласуф будани мутафаккир, аъёни собита, оқизии ақл аз идроки амри илоҳиро тасдиқ менамояд. Ибни Арабӣ ошкоро файласуфонро тақлидкунандаи ин ақли оқиз мебинад ва оқизии ақлро дар кашфи (асрори) илоҳӣ гувоҳӣ медиҳад, ки диссертант андешаҳои мутафаккирро муфассал баррасӣ ва таҳлил намудааст.

Аммо муносибати Ибни Арабӣ ва шариат соҳаи тамоман дигар аст, сарфи назар аз мавқеи танқидии устувораш мутафаккир муътақид аст, ки инсон ҳамвора гирифтори маҳдудият аст ва илмаш тобеъи истеъдоди маҳдуди худаш мебошад. Пас, аз назари ӯ, инсон ҳамвора бояд ба ҳодӣ (ҳидояткунанда) ва паёмбар паноҳ барад. Барои ҳамин, ӯ бар Қуръон ва Суннат беш аз шуҳуди хеш такя дорад ва шариатро мизони шуҳуд меҳисобид. Дар натиҷа метавонем бигӯем, ки тафаккури вай болои Қуръон, шуҳуд ва тафаккури ақлонӣ бунёд ёфтааст.

Муаллифи диссертатсия асарҳои муҳаққиқони Ибни Арабиро ба чаҳор равиш: тарҷумаҳо, мавқеи тавзеҳотӣ, тарҷумаи ҳолӣ ва равиши фалсафӣ тақсим намуда, ҳар кадоми онҳоро мавриди шарҳу шарҳу баён қарор додааст.

Дар ин ҷо муҳаққиқони туркӣ ва эронии Ибни Арабиро низ бояд ёдовар шуд, ки қариб аксари осори ӯро тарҷума карда, ба ҳаводорони фалсафа ва ирфон пешниҳод кардаанд. Танҳо ба хотири камсуханӣ ва дур нарафтан аз мавзӯи мавриди баҳс, мо ба он тадқиқоти муҳаққиқони машҳури эронӣ ишора мекунем, ки дар воқеъ ҳам масъулияти тарҷума ва нашри осори Ибни Арабиро ва махсусан тарҷумаи комили ду шоҳасари ӯ – «Ал-Футуҳот ал-маккия»ва «Фусус ал-ҳикам»-ро – бо сарбаландӣ бар души хеш гирифтаанд.

Зербоби чаҳоруми боби сеюм «**Равишҳои таҳқиқи таълимоти Ибни Арабӣ**»ном дошта, дар он қайд мешавад, ки Ибни Арабӣ яке аз шахсиятҳои пурзиддияти олами исломист, ки имрӯз ҳам андешаҳои ӯ дар байни илоҳиётшиносон ва муҳаққиқон ихтилофи андешаҳоро ба вуҷуд меоваранд. Баъзеҳо

ӯро орифи бузург ва дӯсти Худо, дигарон бехудою кофир мехонанд.

Осори ӯ андешаҳои ортодокасалии уламои исломиро (бо дар бар гирифтани баъзе ҳуқуқшиносон ва илоҳиётшиносон), ки дар аксари ҳолатҳо дар муносибати худ ба орифон муттаҳид мебошанд, ҷонибдорӣ кардаанд. Дар воқеъ, атрофи таълимоти Ибни Арабӣ, дар ҳалқаҳои илмӣ баҳсу мунозираҳои шадид сурат гирифтаанд, ки номгӯи он китоб аз ин шаҳодат медиҳад: «Барҳазар доштани аҳмақон оид ба бегуноҳ будани Ибни Арабӣ»[4] мебошад, ки асари Ҷалолиддин Суютӣ (1445-1505) мебошад, ки донишманди машҳури исломӣ мебошад.

Илова бар ин ҷараёнҳои илоҳиётшиносӣ-танқидӣ, аксари осори анъанавӣ оид ба таълимоти Ибни Арабӣ шарҳҳое мебошанд, ки дар бораи ӯ таълиф ёфтаанд. Аксари онҳо атрофи «Фусус ал-ҳикам»бо мақсади шарҳу баён додани андешаҳо ва консепсияи ӯ тибқи таълимоти сӯфиёна ва баъзеашон баъди вафоти ӯ, таълиф ёфтаанд.

Ибни Арабӣ, яке аз нависандаҳои фаъолу сермаҳсули исломӣ аст, ки аз ҳама бештар таваҷҷуҳи муҳаққиқони аврупоӣ ва аз ҷумла русро ба худ ҷалб кардааст. Мувофиқан, дар сад соли охир асарҳои зиёде таълиф ёфтааст, ки мустақиман ба осор ва андешаҳои ӯ бахшида шудаанд.

Дар заминаи тадқиқоти бо забони англисӣ, русӣ, арабӣ, туркӣ, форсии анҷомёфтаро ба чаҳор гурӯҳ тақсим кардан метавон: 1. Тарҷумаҳо. 2. Мавқеи тавзеҳотӣ. 3. Тарҷумаҳои ҳол. 4. Равиши фалсафӣ.

Боби чаҳоруми диссертатсия таҳти унвони **«Ибни Арабӣ ва ваҳдати вуҷуд»**ба чаҳор зербоб тақсимбандӣ шуда, масоили атрофи ваҳдати вуҷуд шарҳу баён шудаанд.

Дар зербоби якуми боби чаҳоруми диссертатсия – **«Ваҳдати вуҷуд ва собиқаи он дар ирфони то замони Ибни Арабӣ» -** муаллифи рисола таъкид намудааст, ки аз чоряки аввали асри ХХ таълимоти Ибни Арабӣ таваҷҷӯҳи як қатор шарқшиносони аврупоиро ҷалб намудааст, ки дар ин зербоб муфассалан зикр гардидаанд.

Дар он аз ҷумла таъкид шудааст, ки бешакку шубҳа муҳимтарин баҳси ирфони Ибни Арабӣ баҳси ваҳдати вуҷуд мебошад, ки дар тӯли асрҳо дар байни орифони исломӣ

интишор ва тавсеа ёфтааст. Дар тасаввуф ва ирфони исломӣ, Ибни Арабӣ ҳамчун асосгузори ваҳдати вуҷуд ҳисобида мешавад. Бисёре аз баҳсҳои ирфонии Ибни Арабӣ бо тавуҷҷуҳ бо ҳамин ақида қобили шарҳ ва тавзеҳ мебошанд. Барои ин ки аз умқи маънои ваҳдати вуҷуд огоҳ шавем, бояд ки қабл аз ҳама ба собиқаи ин ақида ба мазҳабҳо ва мактабҳои ғайриисломӣ рӯ оварда, баъдан андешаҳои Ибни Арабиро баррасӣ ва пайгирӣ намоем.

Аҳли тасаввуф чунин андеша доранд, ки вуҷуд ва мавҷуд яке беш набуда, он Худо аст ва ҳар чизе, ки ғайри Худо аст (мосивои Аллоҳ) ҳеҷ мавҷуде нест ва тамоми падидаҳо мазоҳири ҳамон мавҷуди воҳид ва ягона мебошанд.

Онҳо мегӯянд, ки замин, осмон, ситора, инсон ва ҳайвон ҳам низ зуҳури он мавҷуди воҳид ва ягона, яъне Худо мебошанд. Пас, ин зот Худо аст, ки ба шаклҳо ва суратҳои гуногун мисли замин, кӯҳ, ситора, инсон ва ғайра даромадааст.

Ба андешаи онҳо, аҳли зоҳир падидаҳоро аз зоти Худо ҷудо медонанд дар сурате, ки ҳақиқати ҳол ин аст, ки тамоми мавҷудот як ҳақиқатанд. Аҳли тасаввуф ин ҳолро мисоли мавҷ ва дарё дониста, мегӯянд, ки дарё дорои мавҷ аст ва мавҷ айни дарёст. Мисоли мо ва тамоми мавҷудот бо Худо ҳамон мавҷ ва дарёст, ин чунин маъно дорад, ки тамоми падидаҳо айни зоти Худо ҳастанд ва онҳо аз Худо ҷудо набуда, балки ҷилвае аз ҷилваҳои Худо мебошанд.

Муаллифи диссертатсия, андешаҳои муҳаққиқони муосир доктор Саийд Яҳё Ясрибиро оид ба решаҳои таърихии ваҳдати вуҷуд ҳамин нуктаро бояд зикр кард, ки ин фикр дар андешаҳои хориҷ аз кишварҳои исломӣ (ҳиндуия, Ведҳо, Браҳманиҳо), ки гӯё ин андешаи сӯфиёна бар он бунёд ёфтааст («Худо рӯҳи ҷаҳон аст ва ҷаҳон пайкари Худо аст», «Худо ҳама чиз аст»ё ки «ҳар чӣ дар ҷаҳон аст, ҳақиқате ҷуз вуҷуди Худо надорад» ва ғ.).

Дар таълимоти ваҳдати вуҷуд, масъалаҳои фано, воҳиди ҳақиқӣ, ҳақиқати олии объективӣ, мабдаи маънавии бешахс, ҳулул, берун аз замону макон, муносибатҳои сабабу натиҷавӣ, аз сифатҳо ва фаъолият мебошад, нисбати олами феноменалӣ бегона буда ва андешаҳои дигари ба ваҳдати вуҷуди Ибни Арабӣ наздик муфассал таҳлил шудаанд. Кашф ва шуҳуди динӣ ҳамчун асоси таҷриба, воқеияти ягонаи мутлақ, худои

трансендентӣ (муназзаҳ, танзеҳӣ), атман, субъект ва объект, олам ва нафси инсон, «ин атман браҳман аст», «ин браҳман атман аст», «ман Браҳман мебошам»ва ғ. ифода ёфта, ахиран ҳамчун натиҷа ва хулосаи нисбатан абстрактӣ дар ғояи айният: «ин туӣ»зоҳир мегардад.

Ваҳдати вуҷуд дар фалсафаи равоқиён, рӯҳ ё нафс, модда, Олами сағир ва Олами кабир, актив (фоъил) ва пассив (ғайри фоъил, мунфаъил), «ашёи бесифат»ва ё «ҷавҳар», логоси ҳамафарогир ё ки Худо, таълимоти Гераклит, оташ, ҳаво, об ва хок, дами илоҳӣ муфассал шарҳу баён ёфтаанд, далели шабоҳат доштани таълимоти юнонӣ, фалсафаи навафлотунияи Плотин бо консписияи ваҳдати вуҷуди Ибни Арабӣ мебошанд.

Муаллиф ба андешаҳои муҳақиқи эронӣ, тарҷумони «Фусус ал-ҳикам» - Муҳаммад Алии Муваҳҳидро дар бораи ваҳдати вуҷуди Ибни Арабӣ таваҷҷуҳи хоса нишон дода, онҳоро бо андешаҳои муҳаққиқи мисрӣ Афифӣ муқоиса намуда, истилоҳоте аз қабили вуҷуди мутлақ, воҷиб-ул-вуҷуд, адами мутлақ, вуҷуд, барзах, вуҷуд ва адам (ҳастӣ ва нестӣ), соя аз соҳиби соя, азалӣ, абадӣ, вуҷуди маҳз (соф), ваҳдат ва касрат ва ғ.-ро муфассал баррасӣ ва тавзеҳ додааст. Баъдан муаллифи рисола далелҳои зиёдеро аз ирфони Ибни Арабӣ ваҳдати вуҷуд, чандин намунаи онро (зиёда аз 10 қавли ӯро аз китобҳои «ал-Футуҳот ал-маккия», «Фусус ал-ҳикам» ва ғ.) оварда, онҳоро тарҷума, шарҳ ва тавзеҳ намудааст, ки як намунаи онро дар ин ҷо ёдовар мешавем: «Ва лайса вуҷуд илло вуҷуди-л-ҳақ, бисуввари аҳвол камо ҳия алайҳи ал-мумкинот фи анфусиҳо ва аъёниҳо»(Тарҷума: дар олам ҷуз вуҷуди Худо (Ҳаққи мутаъол) вуҷуде нест, ва Ӯ аст, ки ба суратҳо ва аҳволи гуногун - мумкинот (имкондор) ва махлуқот зуҳур ёфтааст). «Яъне тамоми мавҷудот, чизе ҷуз таъйинот ва шууноти (корҳои) зоти Худо намебошанд, пас ин Худо аст, ки бо шууноти гуногун ба сурати махлуқот ҷилвагар шудааст» [15, с.96].

Дар зербоби дуюми боби мазкур – **«Табиати метафизикии олам аз нигоҳи Ибни Арабӣ: ал-мумкинот, ал-аъён ас-собита ва ал-олам»**муаллифи диссертатсия таъкид намудааст, ки муҳимтарин баҳсҳои ирфони Ибни Арабӣ баҳси истилоҳи «аъёни собита»ва «мақомоти зоти илоҳӣ»мебошанд, ки ягон муҳаққиқ аз онҳо чашм пӯшидан наметавонад.

Мушкилии ибораи «аъёни собита»на танҳо дар маънои он, балки бештар дарк ва тарҷумаи он то андозае мураккаб ва печида гардидаанд, ки ҳар муҳаққиқ онро бо фаҳму истеъдод ва идроки худ тарҷума ва шарҳ медиҳад.

Барои намуна муаллиф баҳси муҳаққиқони муосири русзабонро дар бораи тарҷума, дарк ва маънидод кардани онҳоро аз ҷониби (Т, Ибрагим, А.В. Смирнов, А.Д. Кныш, Садыков И. ва диг.)-ро бо тафсил шарҳ додааст. Истилоҳоти душворфаҳми ин зербоб ҳам, аз ҷумла, адами (новуҷудӣ) айни собита, нусхаи дуввуми шайъ дар олами интеллигибелӣ, «ҳеҷияти»(ҳеҷи) мутлақ, айн, «шайъияи омма», «шайъияти мутлақа»(«аш-шайъия мутлақа»), «Кун!»(«Бишав!»), «шайъияти омма»ва ғ.-ро тавзеҳоти возеҳтар додааст.

Дар охири ин зербоб се мартабаи ҳолати онтологии вуҷуди ягона – ҳолати вайро ҳамчун Мутлақ ва ду ҳолати ҳар як шайъ (барои ақл дастрас ва мушаххас)-ро тасдиқ менамояд. «Ин мухолифати ба чашм расандаро дар андешаҳои Ибни Арабӣ ҳангоми таълиф намудани китоби дигараш «Иншо ад-давоир» аллакай аз байн бурда, на дар бораи маротиби чаҳор мартабагӣ, балки таснифоти се мартабагии ҳолатҳои ашёро дар шакли зер пешниҳод кардааст:

Дар зербоби сеюми ин боб - «**Мақомоти Худо аз дидгоҳи сӯфиён ва Ибни Арабӣ**»- ба андешаи муаллифи диссертатсия, самти дуввуми тезиси Ибни Арабӣ оид ба ваҳдати вуҷуд ба табиати метафизикии олам дахл дорад. Ба рағми андешаи бисёри муҳаққиқон ва мунаққидони ӯ, чунин ба назар мерасад, ки дар тезиси худ оид ба ваҳдати вуҷуд Ибни Арабӣ дар навбати аввал андешаҳои навро нисбати табиати метафизикии Худо пешниҳод накардааст.

Асарҳои Ибни Арабиро оид ба ҳастишиносӣ омӯхта, муаллиф бо се консепсияи метафизикӣ, ки бо космологияи ӯ алоқаманд мебошанд, рӯ ба рӯ меоем: ал-мумкинот; ал-аъён ас-собита; ва ал-олам. Таваҷҷуҳи мо дар ин ҷо ба самтҳои метафизикии ин мафҳумҳо, ки ҳамчунон ки мо тахмин мекунем, метавонанд новобаста аз самтҳои ирфонӣ ва динӣ фаҳмо бошанд, равона шудааст.

Аввалан: консепсияи ал-мумкинот (шакли танҳояш: ал-мумкин) ё ал-аъёнро... метавон ҳамчун «объектҳои шартан

имкондор»ё ки «зотҳои шартан имкондор»тарҷума намуд. Як қатор донишмандон ал-мумкинро ҳамчун «он чизе, ки шартӣ мебошад»шарҳ додаанд.

Ал-мумкинот шомили ҳам объекти ҳақиқӣ ва ҳам объекти имкондор аст, ки ба объектҳои зарурӣ ва номумкин муқобил гузошта мешаванд. Ин истилоҳ дар миёни файласуфон ва илоҳиётшиносони исломӣ зиёд истифода шуда, Ибни Арабӣ низ онро зиёд истифода бурдааст.

Дуввумаш, мафҳуми «ал-аъён ас-собита» (ал-аъён – истилоҳи шакли ҷамъ, шакли танҳояш – ал-айн мебошад). Ибни Арабӣ қайд кардааст, ки ӯ ин мафҳумро аз мактаби илоҳиётшиносии муътазилия гирифтааст. Аммо ӯ аз афташ, маънои нодири ин истилоҳро ворид намуда, шабоҳати вай бо истилоҳи техникии муътазилиён, эҳтимолан, бештар вз ҷиҳати фонетикӣ мебошад.

Сарфи назар аз ин, ин мафҳум ба фазли Ибни Арабӣ дар анъанаи сӯфиён мавриди истифодаи умум қарор гирифтааст. Аммо дар нисбати он ки ин мафҳум чӣ чизеро, махсусан дар самти метафизикӣ, ифода мекунад, возеҳияте вуҷуд надорад.

Муаллифи диссертатсия, барои возеҳтар дарк кардаи маънои андешаҳои Ибни Арабӣ мисолҳои зиёдеро аз «Фусус ал-ҳикам» ва дигар осори мутафаккирони асримиёнагӣ, намунаҳо оварда: тобиши нур бар оинаҳо, шароб ва ҷом, зуҳури чеҳра дар оинаҳо, зуҳури дарё ба сурати амвоҷ ва ғ. бо далелу мисолҳо нишон додааст.

Дар зербоби чаҳоруми боби чорум масъалаи **«Таносуби ваҳдати вуҷуд ва ваҳдати шуҳуд» -** таҳаввули ин ду равия дар таърихи тасаввуф ва хусусиятҳои таҷрибаи ирфонӣ дар таълимоти Ибни Арабӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст. Дар ибтидо таъкид мегардад, ки баъд аз даргузашти Ибни Арабӣ таълимоти ваҳдати вуҷуд дар кишварҳои гуногуни исломӣ густариш ёфта, аз ҷониби намояндагони маъруфи тасаввуф, аз ҷумла Садриддини Қунавӣ, Ибни Фориз, Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигарон идома ва инкишоф дода шудааст. Дар баробари ин, дар дохили андешаи ирфонӣ равияи дигаре ташаккул ёфт, ки баъдан бо номи ваҳдати шуҳуд маъруф гардид. Ин равия дар ибтидо дар андешаҳои Алоуддавла Симнонӣ ба муқобили тафсири ваҳдати вуҷуд зуҳур

намуда, шакли низоммандтарини худро дар таълимоти Аҳмади Форуқи Сарҳиндӣ (Имом Раббонӣ) пайдо кардааст.

Дар зербоб нишон дода мешавад, ки Сарҳиндӣ, сарфи назар аз мавқеи махсуси таълимоти ваҳдати вуҷуд дар тасаввуфи исломӣ, онро аз ҷиҳати эҳтимоли таъбири онтологии муносибати Худо ва олам мавриди интиқод қарор додааст. Ӯ ба ҷойи мафҳуми «ҳама Ӯст» мафҳуми «ҳама аз Ӯст»-ро пешниҳод намуда, бар воқеияти мустақили мавҷудоти офаридашуда ва фарқияти зотии Худо ва халқ таъкид кардааст. Аз назари ӯ, ҳолатҳои ирфонӣ, аз ҷумла ваҷд, ҷазба ва фано, набояд ба маънои маҳлул шудани инсон дар зоти Худо ё аз байн рафтани воқеияти олам фаҳмида шаванд. Ориф дар чунин ҳолат танҳо ҳузур ва таҷаллии Ҳақро ба таври шадид эҳсос намуда, мавҷудоти дигар аз шуҳуди ӯ пӯшида мешаванд. Бинобар ин, ваҳдати шуҳуд бештар ҳолати маънавию идрокии орифро ифода намуда, бо принсипҳои танзеҳ, тавҳид ва талаботи шариати исломӣ созгор дониста мешавад.

Дар идомаи таҳлил масъалаи асосии баҳси миёни ваҳдати вуҷуд ва ваҳдати шуҳуд - объективӣ ё субъективӣ будани ваҳдати таҷрибашуда аз ҷониби ориф - мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Дар зербоб андешаҳои як қатор муҳаққиқон дар бораи ин масъала таҳлил гардида, нишон дода мешавад, ки бархе аз шарқшиносон ва муҳаққиқони тасаввуф ваҳдати вуҷудро ҳамчун низоми фалсафӣ ва ваҳдати шуҳудро ҳамчун ҳолати ирфонӣ шарҳ додаанд. Аз ҷумла, фарқи онҳо дар он гузошта мешавад, ки ваҳдати вуҷуд бештар бо маърифат ва таъбири онтологии вуҷуд, дар ҳоле ки ваҳдати шуҳуд бо муҳаббат, ҷазба ва таҷрибаи мустақими маънавӣ иртибот дорад. Дар ин замина ҳатто баъзе муҳаққиқон кӯшиш кардаанд, ки таҷрибаи ирфонии Ҳаллоҷ, Ибни Фориз ва дигар намояндагони тасаввуфро аз таълимоти назариявии Ибни Арабӣ ҷудо намуда, аввалиро ваҳдати шуҳуд ва дувумиро ваҳдати вуҷуд номанд.

Бо вуҷуди ин, таҳлили осори худи Ибни Арабӣ нишон медиҳад, ки масъала хеле мураккабтар аз чунин муқобилгузории ду равия мебошад. Дар шарҳи ҳолатҳои фано ва ҷазба Ибни Арабӣ борҳо таъкид мекунад, ки дар ҳолати истиғроқ ва шуҳуди Ҳақ ориф аз худ ва аз мушоҳидаи ғайр фориғ мегардад. Аммо ин

фано маънои нест шудани воқеии мавҷудотро надорад. Барои тавзеҳи ин ҳолат ӯ аз ташбеҳи нури хуршед ва нури ситораҳо истифода мекунад: ҳамон тавре ки ҳангоми тулӯи офтоб нури ситораҳо аз назари инсон пӯшида мешавад, вале худи ситораҳо ва нури онҳо аз байн намеравад, дар ҳолати таҷаллии Ҳақ низ мавҷудот аз шуҳуди ориф ғоиб мешаванд, вале воқеияти онҳо дар нафси амр боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, фано дар ин маврид пеш аз ҳама ба тағйири ҳолати идрокӣ ва шуҳудии ориф ишора мекунад.

Дар идомаи зербоб ба яке аз хусусиятҳои муҳими забони ирфонии Ибни Арабӣ - истифодаи рамзӣ ва чандмаънои мафҳумҳои «вуҷуд», «вичдон», «ваҷд», «фано» ва «шуҳуд» - таваҷҷуҳ карда мешавад.

Дар ин замина марҳалаҳои тавоҷуд, ваҷд ва вуҷуд дар тасаввуф низ таҳлил мешаванд. Тавоҷуд ба марҳалаи ибтидоии талоши ирфонӣ, ваҷд ба ҳолате, ки таҷрибаи маънавӣ бе такаллуфи ирода бар қалби солик ворид мегардад ва вуҷуд ба марҳалаи камол ва истиғроқи комили ориф ишора мекунад. Дар ҳолати вуҷуд, ориф аз шуҳуди хеш фонӣ гардида, ҳақиқати вуҷудро на ҳамчун мафҳуми назариявӣ, балки тавассути таҷрибаи мустақими ирфонӣ дармеёбад. Аз ин рӯ, дар осори Ибни Арабӣ «вуҷуд» ва «вичдон» дар робитаи мустақим бо ҳам қарор дошта, вичдони ҳақиқии вуҷуд бо фано аз худ ва шуҳуди Ҳақ тавъам дониста мешавад.

Ҳамзамон, дар зербоб масъалаи «хаёл» ҳамчун шакли махсуси идрок дар таълимоти Ибни Арабӣ мавриди таҳлил қарор мегирад. Дар зербоб ҳамчунин таъкид мегардад, ки барои Ибни Арабӣ шуҳуд ва вуҷуд робитаи ҷудонопазир доранд. Вай аҳли назарро аз муҳаққиқон ва аҳли кашф ҷудо намуда, бар он андеша аст, ки аҳли назар тавассути фикр ва истидлол ба маърифати комили вуҷуд расида наметавонанд, дар ҳоле ки муҳаққиқон ба воситаи кашф, шуҳуд ва таҷрибаи ирфонӣ ба он таҳаққуқ меёбанд. Аз ин нуқтаи назар, ваҳдати ирфонӣ на ба ваҳдати мантиқӣ ё фалсафии субъекту объект баробар аст ва танҳо ба ҳолати равонии субъективӣ маҳдуд намешавад. Дар ҳолати ирфонӣ фосилаи маъмулӣ миёни идроккунанда ва идрокшаванда тағйир меёбад, зеро ориф ҳақиқатро на танҳо ҳамчун объекти мушоҳида, балки ҳамчун воқеияти

таҷрибашаванда дармеёбад.

Ҳамин тавр, таҳлили муқоисавии ваҳдати вуҷуд ва ваҳдати шуҳуд нишон медиҳад, ки таълимоти Ибни Арабиро наметавон пурра дар чорчӯбаи яке аз ин ду мафҳум маҳдуд кард. Дар таълимоти ӯ ваҳдати вуҷуд ҳамзамон бо таҷрибаи шуҳуд, ваҷд ва фано иртибот дорад. Агар ваҳдати шуҳуд асосан ба маҳв шудани шуури ғайр дар таҷрибаи ориф ишора намояд, ваҳдати вуҷуд масъалаи амиқтари муносибати Ҳақ ва халқ ва маънои вуҷудро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, дарки дурусти мавқеи Ибни Арабӣ тақозо мекунад, ки ҷанбаҳои онтологӣ, маърифатшинохтӣ ва ирфонии таълимоти ӯ дар робитаи мутақобила таҳлил карда шаванд.

Боби панҷум – «Масъалаҳои асосии фалсафаи ирфон дар таълимоти Ибни Арабӣ»- аз чор зербоб иборат аст.

Зербоби аввали ин боб **«Масъалаи офариниши ҷаҳон ё «Назарияи офариниши нав»-и Ибни Арабӣ»** номида шуда, дар он масоили вобастаи ин консепсия муфассал таҳқиқ гардидаанд. Ибни Арабӣ таълимоти наверо тарҳрезӣ кардааст, ки мустақиман бо таълимоти «ваҳдати вуҷуд»-и ӯ робитаи мантиқӣ дошта, дар партави он масъалаи офариниши ҷаҳон – «халқи ҷадид», – «офариниши нав»-ро пешниҳод намудааст, ки ин проблема, сарфи назар аз далелҳои қуръонӣ ва таърихи нисбатан қадимтари он дар фалсафаи Юнони бостон ҷой доштаанд, аммо дар чунин шакл дар таърихи ирфони исломӣ, гузориши ин масъала бори аввал ба назар мерасад. Ибни Арабӣ дар боби тағйир ва табдил ёфтани ҷаҳон, ки ҳар «он»– ҳар воҳиди ченаки вақту замон, воқеъ мешавад, ақида ва андешаи хосе мебошад, ки метавон онро ба назарияи «халқи ҷадид – офариниши нав»номгузорӣ намуд. Ин назария, яке аз афкори амиқи Ибни Арабӣ аст, ки худи ӯ онро калиди ҳалли баъзе аз масоили амиқ ва душворфаҳми мобаъдуттабиа (яъне, он чизҳое, ки берун аз табиатанд, монанди ҳастӣ, вуҷуд, рӯҳ, Худо, маънои зиндагӣ) ва ирфон қарор додааст.

Ҷавҳари ин таълимот он аст, ки ҷаҳон ҳамон зуҳур ва таҷаллии зоти Худованд аст ва ҳамон гуна, ки дар баҳси ваҳдати вуҷуд дар зербоби поёнӣ хоҳад гузашт, Ибни Арабӣ ақида дорад, ки Худованд дар танзили зоти хеш аз марҳалаи аҳадият ба мартабаи улуҳият ва таҷаллӣ дар мумкиноти ҷаҳонро эҷод

намудааст. Ин дидгоҳ комилан бо таълимоти исломӣ мухолиф тавзеҳ меёбад. Дар таълимоти аҳли шиъа омадааст, ки офариниши Худованд ибдоъӣ аст ва «ло мин шайъ»(на аз ҳеҷ), вале дар таълимоти суннимазҳабон ҳамон андешаи аз «ҳеҷ»(таълимоти «Кун фаякун»- яъне бо амри «Бишав»-и Худо ҷаҳон пайдо шудааст) шарҳу тавзеҳ мегардад.

Яъне Худованд ҷаҳонро бидуни модда ва нақшаи пешин офаридааст, аммо Ибни Арабӣ ва орифон қоиланд, ки Худованд бо таҷаллии зотӣ ҷаҳонро халқ намуд, яъне ҷаҳонро аз зоти худ эҷод кард.

Сӯфиён ақида доранд, ки ҷаҳон дар натиҷаи ҳаракати ишқ ва таҷаллии Худованд эҷод шуда, яъне ҷаҳон аз зоти Худованд сарчашма гирифта, бар асари ҳаракати ошиқонаи Худованд халқ эҷод шудааст, зеро Худо ба махлуқоташ ишқ меварзад.

Масъалаи қуръонии «шаш рӯзи офариниш», ки тибқи он Худо оламро дар як дафъа, дар муҳлати як фосилаи замонии муайян офаридааст низ таҳлил ва баррасӣ гардидааст. Манзараи нисбатан мушаххастари доираи бузурги вуҷуд дар чунин шакл ба назар мерасад: аз қутби болоӣ Воҳид, қавси нузулкунандае меояд, ки аз Ақли Аввал, Нафси ҷаҳонӣ то ба замин (аниқтараш, чаҳор унсурҳои физикӣ - хок, об, ҳаво ва оташ) – қутби муқобили он мегузарад, ки аз ахирӣ қавси суъуд мекунад, ки аз маъданҳо, наботот, ҳайвонот гузашта бо инсон, ки айни Ақли аввал мебошад, интиҳо меёбад.

Манзараи мутаҳарикии олам, ки онро пайравони ваҳдати вуҷуд расмкашӣ кардаанд, бо дарки махсуси онҳо аз вақт вобаста мебошад. «Ҳозир» (он), ки мавҷудот аз нав халқ мешавад» аналоги «ewige nu» («абадии ҳоли ҳозир»)-и Майестер Экхарт ва ё «pnuns aeternitatis» («роҳибаҳои абадият»)-и Николай Кузанский мебошад.

Ин на танҳо нуқтаи вақти физикӣ, на танҳо интиҳои одии гузашта ва ибтидои оянда, балки лаҳзаи абадӣ, «он»-ҳои доимӣ мебошад, ки дар он «гузаштаи беинтиҳо» (азал), «ҳозир» ва «ояндаи беинтиҳо» ҷойгир мебошанд, дар ҳар лаҳзаи вақт ҳолати инсон (ҳол), аниқтараш сӯфӣ, ки робитаи хешро бо Кул идрок кардааст, бо ин лаҳзаи вақт ва ё «он»-ҳо муайян карда мешавад.

Вуҷудиён айнан дар ҳамин рӯҳия ба шарҳу баёни

ибораҳои «суфи ибни вақт», «суфи би-ҳукм вақтиҳи» (суфӣ дар ҳукми вақти худ мебошад), «суфия уббод ал-вақт» (сӯфиён ибодаткунандагони вақт мебошанд) пардохтаанд.

Диссертант ҳамчунин таъкид кардааст, ки дар тасаввуф баъзе сатҳҳои «фано»низ аз якдигар фарқ мекунанд: «фано аз-зот» - ҳолати нобудӣ, ки вуҷуди ҳақиқӣ танҳо вуҷуди Аллоҳ тасаввур карда мешавад; «фано ас-сифот» - гум кардани сифатҳои инсон; «фано ал-феъл» - гум кардани назорат аз амалу рафторҳои худ; «фано фи-л-ихвон» - ҳолати олии эҳсосоти бародарӣ бо ҳамандешаҳои тариқати хеш, назар ба худ афзалият додан ба манфиатҳои онҳо; «фано фи-ш-шайх» - тобеияти комил ва иваз намудани иродаи худ бо иродаи «пири (ё шайхи) тариқат»; «фано фи-р-расул» - баъди дар шайх фано шудани «солик» ба даст овардани ҳамин ҳолат дар нисбати пайёмбар; «фано фи-л-лоҳ»- ба даст овардани чунин ҳолати “солик” аст, ки “Ман”-и ӯ дар Худо ҳулул карда, шахсияташ бо сифатҳои илоҳӣ иваз мешавад.

Зербоби дуюм – **«Масъалаҳои ҳастишиносӣ: Худо ва олам»** номида шудааст, ки он яке аз масъалаҳои мураккабу печидаи таълимоти Ибни Арабӣ буда, хеле муфассал шарҳу баён шудааст.

Муаллиф сараввал ҳамин нуктаро хотирасон мекунад, ки масъалаи ҳастишиносӣ бо истилоҳҳои «фано»ва «бақо» робитаи узвӣ дошта, бе ин ду истилоҳ аслан маънӣ надорад. Барои ҳамин муаллифи рисола, қабл аз ҳама ба шарҳу тавзеҳи ҷанбаҳои гуногуни ин вожа пардохтааст.

Вожаи фано - нест шудан, нобуд шудан, маҳв шудан, аз байн рафтан, аз истилоҳоти марказии таълимоти сӯфиён буда, аз ояти Раҳмон 55/26 («Ҳар ки бар рӯи замин аст, фонӣ мешавад») маншаъ мегирад ва маъноияш маҳв намудани сифатҳои шахсӣ ва ба ҷои онҳо касб намудани сифатҳои илоҳӣ мебошад.

Фано, қариб ҳамеша бо бақо - «бо Худо будан», аниқтараш бо Худо як шудан, муттаҳид шудан, якҷоя истифода мешавад.

Аз сабаби он ки маншаи тамоми ашёи олам Аллоҳ мебошад, «нопайдо шудан дар Аллоҳ»ҳамчун об шудан, маҳлул шудани ҷузъ дар кул, афтидани «қатра»дар «баҳр»ва гум шудани он дар баҳр, тавсиф ёфтааст ва сӯфӣ низ дар Аллоҳ,

хурд дар бузург, ҷузъ дар кулл маҳв шудан мехоҳад. «Фано»дар тасаввуф тибқи меъёрҳои гуногун табақабандӣ гардидааст: фанои зот, фанои сифот, фанои феъл ва ғ.

«Фано» аз олитарин сатҳҳои қаробат ба Худо ва «ҷамъ» сатҳи олитарини фано ба ҳисоб меравад, зеро ба ҷои бандаи ба сатҳи фано расида, фоъоили афъоли ӯ Худо мебошад ва фано маънои «тамоман вуҷуд надоштан» ва «на будан»-ро надорад. Ҳамин нуктаро низ бояд таъкид кард, ки муаррихони тасаввуф низ дар шарҳу баёни «фано»ва «бақо»мавқеъҳои гуногунро ишғол намудаанд. Масалан, Абӯсаиди Харроз – асосгузори таълимоти фано ва бақо, «фано»-ро ҳамчун «дар қалб маҳв шудани лаззатҳои дунявӣ ва охират»ба ҷои онҳо боқӣ мондани ризояти Худо ва «бақо»-ро дар маънои «аз қалб шустани ҳама чизи ғайри Худо»муайян кардааст.

Фано – замоне ба вуҷуд меояд (рух медиҳад), ки банда маншаъи ҳама корҳои худро аз ҷониби Худо мебинад, на дар худ. Дар чунин ҳолат, ки онро метавон «надидани афъоли хеш» номид, ба ҷои банда фоъили афъоли ӯ Аллоҳ мегардад: Аллоҳ мебинад, Аллоҳ ҳис мекунад, Аллоҳ мешунавад, Аллоҳ роҳ меравад, ки дар ҳадиси қудсии «Агар ман банда хешро дӯст доштам, ман чашмони ӯ хоҳам шуд, ки бо онҳо мебинад, дасте ӯ хоҳам шуд, ки бо он мегирад, пойҳои ӯ хоҳам шуд, ки бо онҳо роҳ меравад» [41, С.38].

«Фано» ҳамчунин дар маънои «набудан, ҳеҷӣ», «характери гузаранда доштан» ва «бақо» дар маънои «доимӣ ва собит» будан низ истифода мешавад. Фано бо маънои нест кардани сифатҳои разилаи ахлоқӣ ва бақо бо доимӣ будани сифатҳои фозила алоқаманд мебошад. Барои он касе, ки аз сифатҳои бад даст кашидааст, саъю талош ва хоҳишҳои нафсонӣ «фано» ба «ҳеҷ» табдил ёфтаанд ва сидқу ихлос ва ниятҳои нек «доимӣ», яъне «бақо» ёфтаанд. Дар дили он касе, ки робитаашро бо олам кандааст, корҳои дунявӣ барояш ба «ҳеҷ» табдил ёфтаанд.

Дар зербоби сеюм - «**Мақоми инсон ва шинохти нафс**», муаллифи диссертатсия ба масъалаҳои муҳими фано ва бақо, фано ва нестӣ, Худо аз дидгоҳи Ибни Арабӣ, таълимот оид ба нафс, бақо – қурби фароиз ва қурби навофил муфассал шарҳу баён ёфтаанд.

Дар хулосаҳои ин фасл муаллиф, таҳлилу шарҳҳои болоиро ҷамъбаст намудааст, ки зерфаслҳои боло комилан ба масоили ҷавҳарии таълимоти Ибни Арабӣ фано ва бақо бахшида шуда, дар он муаллиф саъй кардааст, ки паҳлӯҳои гуногуни ин таълимотро баррасӣ ва ҳаллу фасл намояд.

Масъалаи муҳими дигаре, ки Ибни Арабӣ ба он ишора мекунад, ҳодис набудан ва безамону бемакон будани нафс мебошад, ки байни файласуфон ва ҳукамо матраҳ мебошад, масъалаи қадим ё ҳадис будани нафс ва пеш ва ё баъди пайдошавии бадан, мебошад. Аксари орифон нафсро қадим дониста, илова бар абадият, азалияти онро низ қабул доранд.

Масъалаи дигаре, ки онро Ибни Арабӣ пеш мегузорад ягонагии Худо ва нафс дар зот мебошад. Аз назари Ибни Арабӣ, ин мақом мақоми бемақомӣ буда дар Қуръон низ (Азҳоб, 33:13) ба он ишора шудааст. Ин мақом ба ҳеҷ сифате вобаста намешавад. Дар ин мақом, Худо ва нафс ба ваҳдат мерасанд, зеро нафс дар ин ҷо аз ҳар сифат ва вобастагие раҳо мегардад ва дар натиҷа бо Худованде, ки ӯ низ таҳти ҳеҷ ҳукме қарор надорад, яке мешавад. Аз буъди дигар, метавон гуфт, ки ҳарчанд Худо дар ин мақом ҳеҷ мақоме надорад, бо ҳама асмо (номҳо) зуҳур мекунад. Дар муқобил, нафс низ ҳеҷ исме надошта ва нисбат ба қабули исм омода мебошад.

Ибни Арабӣ дар матне, ки аз тафаккур дар зоти Худо манъ менамуд, гуфтааст: «Худо на шабеҳи чизе аст ва на чизе шабеҳи Ӯст. (Ҳол) чӣ гуна касе, ки шабеҳи ашё аст (яъне инсон) метавонад касеро, ки на шабеҳи чизе аст ва на чизе шабеҳи ӯст, бишносад?» [18; Ҷ 2, С. 15-25]. Дар ин ҷо Ибни Арабӣ саволи ҷиддиеро пеш мегузорад, ки аз назари мо, ҳадафи ниҳоии сайру сулуки сӯфиро бояд ошкору равшан созад. Дар ҳаллу фасли ин масъалаи ниҳоят ҷиддӣ Ибни Арабӣ саъю талоши зиёд карда, ба шарҳу тавзеҳ додани истилоҳоти махсуси сӯфиёна таваҷҷӯҳ додааст, ки дар зер онҳоро мавриди баҳс қарор додаем.

Аввалин қадамҳои сӯфӣ дар таҳзиби нафс зудудани (равонидан, пок кардан) худ, поку муназзаҳ шудан аз разоили ахлоқӣ мебошад. Ибни Арабӣ, ки дар паи ваҳдат бо Худо ҳаст, на танҳо мехоҳад, ки аз разоили нафсонии худ пок шавад, балки дар пайи раҳоӣ аз худ мебошад. Яъне ӯ мехоҳад, ки аз роҳи инкор кардани афъол, сифатҳо ва тааллуқоти худ, ба сатҳи зоти

худ ворид шуда, дар он ҷо Худоро биёбад. Барои ҳамин орифоне мисли Ибни Арабӣ мехостанд, ки ба хилвати зот паноҳ баранд.

Дар зербоби чаҳоруми боби панҷуми диссертатсия «**Мушкилоти дарки таълимоти Ибни Арабӣ**» муфассал баррасӣ ва таҳлил гардида, андешаҳои муҳаққиқони шинохта дар мавриди ин мушкилот шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Вожаи «ваҳдати вуҷуд», ки зимни тарҷума бо забонҳои аврупоӣ бештар муодили вожаҳои пантеизм ва панентеизм баробар дониста шуда, таърихи тӯлониеро дар таърихи халқҳои гуногун аз сар гузаронидааст. Яке аз мушкилоте, ки қабл аз ҳама ба чашм мерасад, ин истилоҳоти ниҳоят зиёди мактабҳои гуногуне ҳаст, ки пайдо кардани маънои ягонаи онҳо ниҳоят душвор ва дар аксари мавридҳо номумкин аст.

Масалан, муҳаққиқи шаҳири рус Т. Ибрагим баҳсеро ба миён мегузорад, ки тибқи он ваҳдати вуҷудро метавон ҳамчун пантеизм қабул кард, аз ин рӯ, диссертант нуктаҳои асосии мақолаи ӯро муфассал таҳлил ва баррасӣ намудааст, ки барои мутахассисон-тасаввуфшиносон қобили мулоҳиза ва андешаронӣ мебошад.

Аммо ба андешаи диссертант, зарурати он низ вуҷуд дорад, ки бо баъзе истилоҳоти марказие, ки дар мақолаи ин муҳаққиқи рус ба чашм мерасанд (ҷавҳар, араз, фалсафаи мутлақ, пантеизм, панентеизм, тавҳиди мутлақ, ваҳдати мутлақа, вуҷуд, интуитсия, иманнентӣ, ирратсионализм, вуҷуд, адам, трансенденсия ва ғ.), ба таври мухтасар шинос шавем, зеро фаҳму дарки ин масоил барои ғайри мутахассисон ниҳоят душвору сангин аст.

Ҳамин тавр, ба андешаи муҳаққиқ, фалсафаи ваҳдати вуҷудиён қабл аз ҳама фалсафаи тавҳиди мутлақ мебошад. Масъалаи асосии таълимоти онҳо таълимот оид ба «ваҳдат», «ваҳдати мутлақа»-и тамоми олам аст. Дар чеҳраи дилхоҳ ҳар як касрат онҳо ваҳдати фарогир (ҳамаро дар бар гиранда)-ро мебинанд; дар ҳар як чиз онҳо зоҳиршавии Воҳидро мебинанд, ки ин чизро бо дигар чизҳо алоқаманду марбут мекунад ва онҳоро бо кулли узвӣ мепайвандад. «Тамоми вуҷуд воҳид мебошад», - навиштааст Ибни Арабӣ ва дар олам чизи дигаре ба ғайр аз ваҳдати олӣ (ваҳдат ал-ваҳдот) ва ё Воҳиде, ки дар касрат (ал-воҳид ал-касир) зоҳир мегардад, вуҷуд надорад» [18,

С.111].

Муқобилони пантеизми сӯфиёна ҳатто дар тезиси ваҳдати вуҷуд айният додани Худо ва оламро мушоҳида кардаанд, қайд кардааст муҳаққиқи рус. Аз ин тезис, - навиштааст Ибн Таймия, бармеояд, ки: «вуҷуди олам ин вуҷуди Аллоҳ аст» [21, С.82]. Аммо Ибни Арабӣ ва пайравони ӯ бо айният донистани Худо ва олам дар нисбати «вуҷуд»-и онҳо иктифо намекунанд.

Барои дарк кардани ин бо ҳам муқоиса кардани ду қавли Шайхи акбар кофӣ аст – «Дар вуҷуд чизе нест, ки мавҷудияти ду сифати бо ҳам муқобилро иҷоза диҳад, магар дар самти ваҳдати он» ва «Чизе вуҷуд надорад, ки ду чизи бо ҳам муқобилро, ба ҷуз Аллоҳ иҷозат дода тавонад» [11, С.107] - то итминон пайдо кард, ки Ибни Арабӣ зери мафҳуми «Аллоҳ» на ягон чизи дигар, балки тамоми оламро дар назар дорад.

Доир ба айният додани Аллоҳ бо кулли олам он суханони муассиси вуҷудия шаҳодат медиҳанд, ки Аллоҳ ҳамчун «айн ал-кулл», «ал-кавн ал-кулл», «кулл шайъ» ва ғ. тавсиф шудааст. «Ҳамин тариқ, Ибни Таймия тамоми асосҳоро дошт, ки вуҷудиёнро, ки тасдиқ мекарданд, ки: «Аллоҳ айни осмонҳо ва замин мебошад» ва ашёи мушаххас (коинот) моҳиятан қисмҳои Аллоҳ, монанди як мавҷи баҳр ба баҳр мебошанд, мавриди танқид қарор диҳад» [21, С. 44].

Диссертант андешаҳои муҳаққиқонеро аз қабили Читтик, Абӯалои Афифиро, ки дар саросари «Фусус ал-ҳикам» аз ҳамин истилоҳ истифода бурдааст, таҳлил ва тавзеҳ додааст.

Дар маҷмуъ, мутобиқати ваҳдати вуҷуд бо шариат низ дар андешаҳои Ибни Арабӣ муфассал баррасӣ гардидааст, ки доманаи ин масоил низ ниҳоят васеъ мебошад. Ибни Арабӣ низ ҳамчун ваҳдати вуҷудӣ бо ҳамаи ин мушкилот рӯ ба рӯ шуда, аз Ибни Таймия сар карда, мактаби ӯро бо таътил, бехудоӣ, илҳод, зандақа, ширк ва куфр муродиф дониста, дар ду китобаш «Ибтол ваҳдати-л-вуҷуд» («Ботил будани ваҳдати вуҷуд») ва «Рисолат ила ман саалаҳу ан ҳақиқати мазҳаб ал-иттиҳодиин, ай қоилин ваҳдати-л-вуҷуд» («Нома ба касоне, ки аз ӯ оид ба мазҳаби муваҳҳидон, яъне қоилон ба ваҳдати вуҷуд суолҳо кардаанд») онҳоро зиндиқ, илҳод [155] хондааст.

ХУЛОСА

НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ТАҲҚИҚОТ

Натиҷагириҳои мундариҷаи рисоларо, ки дар тамоми фаслҳо ва зарфаслҳои боло мо масъалаи зиндагӣ, осор, ақоид, шореҳони ваҳдати вуҷудии Ибни Арабиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додаем, ҳоло метавонем чунин хулосаҳоро манзур гардонем.

1.Ибни Арабӣ номи пурраш Муҳиуддин Абӯбдуллоҳ Муҳаммад ибн Алӣ ал-Ҳотимӣ ат-Тоӣ (560/1165 – 638/1240) ориф ва файласуфи бузург, муассиси таълимоти ваҳдати вуҷуд (ягонагии вуҷуд) маъруф бо Шайхи акбар (Устоди бузургтарин), «қутбу-л-ақтоб» (қутби қутбҳо), Ибни Афлотун (Писари Афлотун), Кибрити (гугирди) сурх ва ғ. машҳур мебошад. Ӯ ҳамчун намояндаи барҷастаи афкори фалсафии асрҳои миёнаи Шарқ, дар байни орифони исломӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд. Ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маданӣ-фалсафии кишварҳои исломӣ барои ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ ва низоми андешаҳои Ибни Арабӣ мусоидат намудааст. Доираи осори фалсафӣ-ирфонии ӯ васеъ ва густурда буда, таҳлили самти ҷаҳонбинии Ибни Арабӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки аввалан, дар марҳалаи муайяни таърихӣ тарзи метафизикии тафаккур қариб барои ҳамаи намояндагони фалсафа ва илм хос мебошад; сониян, ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои мутафаккирон дар зери таълимоти расмии исломӣ, ташаккул ёфтааст. Далели ин гуфтаҳо он аст, ки тамоми ғояҳо ва андешаҳои Ибни Арабӣ бо оятҳои қуръонӣ, ҳадисҳои набавӣ ва таъвили онҳо асоснок мешаванд. Таълимоти ҳастишиносии ӯ бар принсипҳои бунёдии назарияи сӯфиёнаи ваҳдати вуҷуд ва касрати мавҷуда, - «ваҳдати вуҷуд ва касрати мавҷуд» - бино ёфтааст. Асоси ҷаҳонбинии ӯро ирфони сӯфиёна ташкил менамояд. Маҳз дар ҳамин самт масоили гуногуни ҳастӣ - моддӣ ва идеалӣ, ваҳдат ва касрат, ваҳдат-ул-вуҷуд, воҷиб-ул-вуҷуд, имкон-ул-вуҷуд ва ғайра ҳаллу фасл карда шудаанд. Теософияи ирфонии мутафаккир бар принсипи устувори тавҳиди исломӣ асос меёбад, зеро дар акси ҳол мавҷудияти таълимоти ирфонӣ-теософӣ ғайри имкон мебуд. Сарфи назар аз ин, моҳият ва самтнокии таълимоти ирфонии Ибни Арабӣ аз ҷаҳонбинии расмӣ фарқ мекунад. Ҳастии мутлақ, маҳз ва воқеӣ – Худо дар таълимоти ӯ абстрактӣ буда, на танҳо нахустасос ва

нахустиллати тамоми мавҷудот, чӣ абстрактӣ ва чӣ моддӣ, балки иллати доимии мавҷудияти онҳо мебошад. Агар дар тавҳиди исломӣ айнияти Худо ва табиат инкор ва ҳастии трансендентии Холиқи мутлақ собит гардонида шавад, пас дар таълимоти ирфонии мутафаккир айнияти объект ва субъект тасдиқ мешавад, ки дар рисола муфассалан баён гардидаанд.

Ба андешаи Ибни Арабӣ, танҳо Аллоҳ ҳастии воқеӣ мебошад ва ҳама чизи ғайри ӯ - мо сивоу-л-лоҳ - ваҳдати вуҷуд ва касрати мавҷуд мебошад, яъне метавон гуфт, ки Ибни Арабӣ олами вуҷуд ё ҳастиро аз ду қисм – Аллоҳ ва Ғайри Аллоҳ (мо сивоуллоҳ) иборат медонад. Дар таълимоти Ибни Арабӣ, Худо бо «нури маҳз» айният дода мешавад, ки дар муқобили он «зулмат» қарор дорад. Нури воқеӣ аз рӯи зарурати табиӣ ҳамчун нурҳои Офтоб ошкор мегардад [М-6].

2. Ибни Арабӣ аз хурдсолӣ ба тасаввуф дилбастагӣ ва таваҷҷуҳи хоса нишон дода, тариқати ботинии ӯ, бузургсолон ва ҳатто Ибни Рушд - файласуфи шинохтаи арабро дар ҳайрат монда буд. Ӯ барои идомаи таҳсил (зодгоҳаш ш. Севилро тарк карда) ба Тунис, баъдан Марокаш, Фаъс ва дигар шаҳрҳои Африқои шимолӣ ва дар синни 36 солагӣ ба Қоҳира ва аз он ҷо ба Макка рафта, дар он ҷо ду сол зиндагӣ кардааст ва маҷмуаи ашъорашро бо унвони «Тарҷумон-ул-ашвоқ» ва китоби бузургҳаҷми «Ал-Футуҳот ал-маккия» (ки аксари муҳаққиқон онро «доиратулмаорифи исломӣ» эътироф кардаанд)-ро дар ҳамон ҷо таълиф намудааст [М-1; М-5;].

3. Ибни Арабӣ, ба эътирофи худаш, аз соли 1184 аз мансабҳои барояш пешниҳодшуда даст кашида, тариқати сӯфиёнаро ихтиёр намуда, то охирин рӯзҳои зиндагиаш дилбаставу ҳаводори тасаввуф боқӣ монд ва ҳамзамононаш ба хотири донишҳои амиқ ва васеъ ӯро бо унвони баландтарини мартабаи табақабандии ирфон – «қутб ал-ақтоб» (қутби қутбҳо)-ро сазовор донистаанд. Ӯ дар назди устодони бонуфузи давр ба шогирдӣ машғул буда, илмҳои замони худро аз худ намуда бошад ҳам, аз ҳама илмҳои дӯстдоштааш тасаввуф буд ва бо аксари орифони машҳури даври хеш шахсан шиносоӣ ва суҳбатҳо доштааст [М-10; М-12; М-14].

4. Осори Ибни Арабӣ ниҳоят зиёд (аз 300 то 500 асар) мебошад, вале дар миёни онҳо манзалат ва мақоми ду китобаш –

»Ал-Футуҳот ал-маккия» ва «Фусус ал-ҳикма» дар таърихи ирфони исломӣ ниҳоят баланд буда, номи ӯро дар саҳфаи фалсафаи ҷаҳон сабт ва абадӣ гардонидаанд. Таъсир ва нуфузи Ибни Арабӣ на танҳо дар ташаккули ҷаҳонбинии сӯфиёни минбаъда, балки умуман дар пешрафти илми фалсафаи асрҳои миёна баланд буда, то замони мо зиёда аз 150 асари ӯ маҳфуз монда, танҳо як қисми ками онҳо (ҳудуди 60 асар) ба нашр расидаанд.

Нависандагӣ барои Ибни Арабӣ (ба қавли Ҳусайни Рамзҷӯ, бар хилофи Шамси Табрезӣ) ба одат табдил шуда буд. Ӯ дар номае аз соли 632 аз Димишқ барои Кайковуси аввал, подшоҳи Қуния навишта 240 номгӯи таълифоти худро бар шумурдааст. Шумораи навиштаҳои ӯро Шаронӣ дар ҳудуди 400 ва Ҷомӣ беш аз 500, Усмон Яҳё 848 ва Вилям Читик болиғ бар 900 донистаанд [М-15; М-16; М-19].

5. Андешаҳои гносеологияи Ибни Арабӣ - маърифат ба ду қисм тақсим мешавад – (1) маърифати ҳодисаҳо ва зуҳуроти олами моддӣ ва (2) маърифати Худо. Ахирӣ ҷавҳари таълимоти Ибни Арабиро ташкил дода, дар партави ваҳдати вуҷуд шарҳу баён мегардад [М-1; М-2; М-6; М-7].

6. Асоси ҷаҳонбинии Ибни Арабиро андешаҳои ваҳдати вуҷуд ташкил медиҳанд, ки минбаъд дар заминаи шарҳу баён ва таблиғи таълимоташ аз ҷониби шогирдону пайравон сабаби таъсис ёфтани мактаби ирфоние бо ҳамин ном – ваҳдати вуҷуд гардид, бо мурури замон тобиш ва сибғаи динӣ-фалсафӣ гирифта, ба аксари муҳаққиқони осораш имкон фароҳам овард, ки ҷаҳонбинии сӯфиёнаи ӯро ҳамчун тасаввуфи фалсафӣ номгузорӣ намоянд. Бисёр муҳаққиқони араб ва эронӣ ба чунин натиҷа расидаанд, ки ӯ дар заминаи ҳамин таълимот тамоми рукнҳои исломро пазироӣ намуда, аз доираи таълимоти расмӣ берун нарафтааст. Сарфи назар аз он ки як қисми муҳаққиқон Ибни Арабиро дар фалсафикунонӣ ё сибғаи фалсафӣ додан ё ақлонӣ намудани (ратсионализатсия) тасаввуф ва як қисми дигар аз аслиёти ҷавҳарии худ дур шудани тасаввуф гунаҳгор медонанд, Ибни Арабӣ тавонист, ки мақоми волои хешро дар рушд ва тавсеаи афкори ирфонӣ пайдо намояд [М-3; М-6].

7. Ибни Арабӣ кӯшиш намудааст, ки тамоми афкори пешгузаштагони ғоявии худро ҷамъбаст намуда, низоми

мукаммали илмҳои замонаи худро пешниҳод намояд. Таҳлили ақидаҳои Ибни Арабӣ нишон медиҳад, ки ӯ аксарияти илмҳои замони хешро аз худ карда, сайъ кардааст, ки онҳоро дар таълимоти ваҳдати вуҷуд ҷамъбаст ва ҳамчун низоми мукаммали андешаҳои динӣ, ирфонӣ, ақидатӣ ва фалсафӣ пешниҳод намояд. Довариҳои муҳаққиқони гуногуни олам назари субъективии онҳо буда, вобаста аз мавқеи ҷаҳонбинии худ ба осор ва таълимоти ӯ баҳоҳои гуногун ва баъзан зидди якдигар додаанд. Сарфи назар аз мавқеи ишғолкардаи худи Ибни Арабӣ дар нисбати файласуфон наметавон қазоват кард, ки ӯ аз андешаҳои файласуфони юнонӣ ва ба хусус намояндаи бузурги машшоиёни шарқӣ – Ибни Сино баҳра набурда бошад, шабоҳатҳои зиёди лафзӣ ва маъноии истилоҳот ва мафҳумҳои истифодабурдаи ӯ, дар рисола таъкид шудаанд. Ҳамин андешаро низ наметавон қотеъона пешниҳод намуд, ки дар ақоиди ӯ танҳо тамоюлҳои афлотунӣ, навафлотунӣ ва ирфонӣ вуҷуд доранд, ки дар рисолаи мо далелҳои зиёди шабоҳати онҳо зикр гардидаанд. Муҳаққиқон шабоҳати тасаввуфи шарқӣ ва ғарбӣ, навафлотуния ва гноститсизм, масеҳият, таълимоти исмоилия ва ғ. ба таҳқиқи таълимоти Ибни Арабӣ машғул шуда, ба донишҳои иктисобӣ ва умуман донишҳои ҳиссӣ ва ақлӣ итминон надоштани Ибни Арабиро қайд намудаанд. Ба андешаи ӯ, дониши ҳақиқӣ мустақиман аз ҷониби Худо эҳдо мегарданд (қавли Боязид «илмро аз Зинда бояд гирифт, на аз мурда»-ро далел овардааст), аз ин рӯ, муътақид буд, ки донишҳои интуитиви (ҳадсӣ, кашфӣ, завқӣ, шуҳудӣ)-ро, ки ба ориф бо илҳоми худоӣ дода мешаванд, метавон аз роҳи муҷоҳида дар зиндагӣ ба даст овард. Ориф аз тамоми асрори ҳастӣ огаҳӣ ёфтан метавонад, танҳо шарташ ҳамин аст, ки шахс тавониста бошад, ки ба олами «барзах», олами нахустин суввар, олами мисол, ки дар он ҷо ду сурати Худо - моддӣ ва маънавӣ, моддӣ ва трансендентӣ бо ҳам муттаҳид мебошанд, ворид шуда тавонад. Ибни Арабӣ итминони комил дошт, ки Худо трансендентӣ (аз таҷриба берун) буда, файз аз Ӯ маншаъ мегирад, ки ба назарияи судури навафлотуниён шабоҳат дорад. Ин файз донишҳои илоҳиро тавассути имон ва ё ваҳйи набавӣ ба одамон мерасонад. Пайёмбарон дар қабули ин файз аз дигарон дида эҳсосноктар мебошанд. Ибни Арабӣ худро дар ин соҳа инсони худодод, маншаъ ва илҳоми асарҳои худро Худо ё пайёмбар меҳисобид,

вале худро пайёмбар намеҳисобид. Барои сафари рӯҳонӣ-маънавӣ ӯ сукут, тарки муошират, бедорӣ ва гуруснагиро аз шартҳои асосӣ меҳисобид. Ҳангоми риоя намудани онҳо ҳиҷобҳои байни инсон ва Худо бардошта шуда, ба инсон ваҳй нозил мешавад. Туркҳои усмонӣ ба таълимоти Ибни Арабӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, омӯзиши ҳатмии онро ҳатто ба барномаҳои таълимии донишгоҳӣ дохил намуда буданд. Таъсири ғояҳои ӯро муҳаққиқон дар инкишофи фалсафаи аврупоӣ (Спиноза, Данте, Раймун Лулли ва диг.) низ таъкид кардаанд [М-7; М-9; М-11].

8. Сарфи назар аз он ки дар ташаккулёбии ҷаҳонбинии ӯ таъсири ғояҳои халқҳои гуногуни олам ба назар расад ҳам, ҳамин нуктаро наметавон инкор кард, ки нубуғи илмии ӯ маҳсули шароити таърихию фарҳангии олами исломӣ буда, дар инкишоф ва пешрафти ирфони исломӣ саҳмгузор мебошад. Ин нуктаро низ ҳатман бояд ёдовар шуд, ки Ибни Арабӣ ҳамчун донишманди сатҳи доиратулмаорифи Шарқ дар фазои маънавие ба камол расид, ки мафкураи ҳукмрони он замон дини ислом буда, дар он суннатҳои ақлонии калом, машшоъ, исмоилия, «Ихвон-ус-сафо» ва ғ. низ вуҷуд дошта, дар ташаккулёбии шахсияти илмии ӯ таъсири фаровон боқӣ гузоштаанд [М-12; М-19].

9. Даъвоҳои муҳаққиқони зиёди арабӣ ва эроние, ки Ибни Арабиро ба ҳар роҳу восита мехоҳанд дар мавқеи «дур рафтан» аз таълимоти ислом ва таҳриф додани аслиёти он ҳатто бо «куфр», «зандақа» ва «мулҳидӣ» муттаҳам менамоянд, ба андешаи мо, комилан асосе надоранд, зеро худи ӯ ин ҳадафро надошт ва дунболи он нарафта, баръакс онро аз мавқеи тавҳиди ирфони исломӣ асоснок, ҳифз ва пуштибонӣ намудааст. Ихлосу самимияти Ибни Арабиро дар ягон шакл зери шакку шубҳа қарор додан наметавон, вале таҳлили осори ӯ ва махсусан «Ал-Футуҳот ал-маккия» ва «Фусус ал-ҳикам» нишон медиҳад, ки ӯ суннати сӯфиён ва орифони исломиро ғановати маъноӣ бахшида, низоми бузурги ирфони фалсафиеро ба вуҷуд овардааст, ки қабл аз ӯ, аслан дар ин шакл вуҷуд надоштааст. Аз ин рӯ, муҳаққиқони зиёде нубуғи илмӣ ва хориқулодаи ӯро таъкид намуда, рисолати илмӣ ва зеҳнии ӯро дар муназзамгардонии афкори парешони ирфонии панҷасраи Шарқ дидаанд. Танҳо таҳлил ва баррасии «Фусус ал-ҳикам» кофӣ аст, ки ба нерӯи ибтикор, ақлу заковат, донишҳои васеъ, низоми тафаккури махсуси ӯ итминон карда,

даъво намоем, ки фалсафаи ирфонии ваҳдати вуҷуди ӯ марҳалаи наве дар пешрафт ва рушди фалсафаи исломӣ мебошад, ки пешрафти минбаъдаи он (фалсафаи ишроқияи Шиҳобуддини Суҳравардӣ, ирфони назариявӣ, фалсафаи мутаъолияи Эрон ё номи дигараш «Ҳикмати мутаолия» ва ғ.), бевосита зери таъсири андеша ва ғояҳои ӯ, сурат гирифтааст [М-10; М-14; М-19].

10. Камтар шахсиятеро аз ҷаҳони ислом метавон пайдо кард, ки дар таълифи китобҳо ин қадар зӯрозмоӣ дошта бошад. Мавзӯи аслии рисолаҳои ӯ ирфон, ҳолот, воридот ва таҷрибаҳои қалбӣ аст, вале дар айни ҳол, ӯ тамоми илмҳои динӣ: қуръоншиносӣ, ҳадис, тафсир, сира, фиқҳ, ҳамчунин шеърро дар мегирад. Ибни Арабӣ бо таълифи осори арзишманд, бунёдгузори як низоми фикри комилро бар асоси таҷрибиҳои ирфонӣ устувор сохта, ки ҳанӯз ҳам меҳвари бинишҳои ирфонӣ дар ҷаҳони ислом аст. Абӯлаъло Афифӣ, яке аз муҳаққиқони муосири мисрӣ Ибни Арабиро тавсиф намуда гуфтааст: «агарчи осори Ибни Арабӣ ғолибан дар заминаи ирфон аст, вале тамоми улуми исломиро дар бар мегирад. Вай дар ирфони назарӣ, илми ҳадис, тафсири Қуръон, сирати набӣ, фалсафа, адабиёт ва аз ҷумла шеър ва низ улуми табиӣ кутуб ва расоили зиёде нигоштааст. Муҳиуддин дар пардохтан ба ин мавзуъоти комилан мутафоввит, ҳаргиз ирфонро аз назар дур надоштааст, дар ҳоле, ки дар бораи масоили каломӣ, фиққӣ ва ҳатто илмӣ баҳс мекунад, ғолибан ҷанбаҳое аз тафаккури ирфонии вайро намоиш медиҳанд» [М-1; М-8; М-19].

11. Аз дидгоҳи Ибни Арабӣ аз сабаби он ки «шуҳуд» ва «вуҷуд» яке аст, пас ваҳдати шуҳуд ҳамон ваҳдати вуҷуд аст. Дар ин миён калимаи вуҷуд, ки бо «ваҷд» ва «виҷдон» ҳамреша аст ва ҳам ба маънои «будан» ва ҳам ба маънои «ёфтан» истифода шуда, барои Ибни Арабӣ таъбири муносибе аст, ки бо истифодаи он, дугонагии байни шуҳуд ва вуҷуд, мудрик (шахси шиносанда) ва мудрак (чизи шинохташаванда), зеҳн (субъект) ва айнро (объект) аз миён бардорад. Бинобар ин, тафоввути муҳими ӯ, бо файласуфон ин аст, ки вуҷуд назди ӯ танхо аз будан иборат набуда, балки ёфтани Худо аст ба василаи худи Худо ва ё халқи Худо бо кашф ва шуҳуд муродиф мебошад. Ба индешаи мо, ин хулосаи ниҳоят муҳим аст, ки Ибни Арабӣ вуҷуд гуфта, вуҷудеро дар назар дорад, ки зимни он Худо дарк шуда бошад. Ба қавли дигар, ӯ вуҷудро бе огаҳӣ аз Худо вуҷуд намеҳисобад: то замоне,

ки инсон Худоро нашинохта бошад, вуҷуди ӯ аз вуҷуди тамоми ашёи офаридашуда, тафоввут надорад. Аммо шарафу бузургӣ ва фарқи инсон ҳам дар ҳамин аст, ки ӯ дорои қобилият ва истеъдоди шинохтани Худо мебошад.

Чунон ки дидем дар Ибни Арабӣ орифонро «аҳлу-л-кашф ва-л-вуҷуд» мехонд ва мушаххас аст, ки дар ин мавридҳо, вуҷуд ба маънои «будан» набуда, балки марҳалаи хосе аз таҷрибаи ирфонӣ аст, ки аз ваҷд ҳосил меояд, яъне уламои биллоҳ таҷаллии Ӯро аз тариқи шуҳуд ва вуҷуд дарёфт мекунанд. Дар матни зер «вуҷуд» дақиқан ба маънои «ёфтан» ва «мавҷуд» ба маънои «ёфтшуда» ба кор рафтааст: «Урафо... аҳли шуҳуд ва вуҷуданд ва вуҷуд сирфан ба хотири ҳудуси аҳком ба онҳо изофа мешавад, чаро ки ин аҳком зуҳур намеёбанд, магар дар мавҷуд (ёфташуда)» [М-10; М-19].

12. Дар баъзе мавридҳо, Ибни Арабӣ вуҷудро дар муқобили шуҳуд қарор медиҳад. Маъмулан дар ин мавридҳо, вуҷуд ба Худо ва шуҳуд (мушоҳида) ба абд (банда) вобастагӣ дорад, ки дар рӯи як сикка ҷойгиранд. Худо дар ҳама чиз ҳозир аст ва худашро дар ҳама чиз мебинад ва бештар ба андозаи истеъдоди худ ҳузури Ӯро дар ҳама чиз шуҳуд мекунад. Вуҷуд ба ботин (Ҳақ) ва шуҳуд марбут ба зоҳир (халқ) аст [М-2; М-6; М-11].

13. Масъалаи муҳиме, ки дар тасаввуфи Ибни Арабӣ матраҳ мешавад, робитаи вуҷуд ва илм аст. Худованд айни вуҷуд ва айни илм аст ва ҳар ҷо вуҷуд ё илм бошад, ҳамон ҷо Худо таҷаллӣ ёфтааст. Ориф бо аз даст додани худ, мутаҳаққиқ ба вуҷуд, яъне Худо мешавад ва дар натиҷа бо илми Худо ба ҷаҳон менигарад; ва чун Худо дар вуҷуди хеш ҳама ҷаҳонро меёбад, пас ориф низ ҳангоме, ки бо ин вуҷуд, ваҳдат ёфт, ҳама чизро дар худ мебинад ва ваҳдати офоқиро аз роҳи ваҳдати анфусӣ дарк мекунад ва аз роҳи ваҳдати шуҳуд (ягонагии шоҳид ва машҳуд) ба ваҳдати вуҷуд (ягонагии кулли олам) мерасад. Ба ин тартиб, дугонагии байни зеҳн (субъект) ва айн (объект) ва низ анфус ва офоқ аз байн меравад. Бинобар ин ориф бо фанои хеш ҳукми оинаро пайдо мекунад, ки Худо ва дар натиҷа ҳама ҳастиро дар худ мебинад ва дар воқеъ ҳама чизро дар Худо мебинад, муносиб аст.

Мулоҳиза мешавад, ки дар ин ҷо чӣ гуна ваҳдати шуҳуди анфусӣ ва ваҳдати вуҷуди офоқӣ яке мегардад ва ориф на танҳо

ҷаҳонро дар худ меёбад, балки худро холиқи ашё ва айни ашё мебинад. Ибни Арабӣ аз таҷрибаи ирфонии худ гузориши комилан равшане ба даст овардааст, ки нишондиҳандаи ин аст, ки вай ба ваҳдати шуҳуд ва ваҳдати вуҷуд якҷо ноил омада аст.

Ибни Арабӣ илова бар ин ки дар сафараш аз касрат ва ваҳдат, мина-л-халқи ила-л-ҳаққи (сафар аз сӯи халқ ба сӯи ҳақ), тавфиқ ёфта, дар он ҷо низ ором нагашта, бори дигар бо Ҳақ аз Ҳақ ба халқ бозгашта ва Ҳақро дар ҳама чиз сорӣ дидааст ва зимни он ки дар ваҳдати офоқӣ бо чашми Ҳақ ба халқ нигоҳ карда, вале дар айни ҳол, монанди баъзе орифон, Ҳақ ва халқро дарҳам наёмехта аст [М-4; М-7; М-15; М-18; М-19].

14. Ин масъаларо метавон аз буъди дигаре низ баррасӣ кард ва дугонагии зеҳн (субъект) ва айн (объект)-ро ба ваҳдат баргардонид ва он ин аст, ки зеҳн (субъект) ва айн (объект) ду наҳваи вуҷуд ё ду таҷаллӣ аз вуҷуданд ва чун вуҷуд Худо аст, пас дар зеҳн (субъект) ва айн (объект) ғайри Худо таҷаллӣ надорад. Пас ҳамон тавре, ки мавҷуд танҳо Худо аст, маълум низ танҳо Худо аст ва вуҷуд ва виҷдон яке хоҳанд буд ва ваҳдати вуҷуд ва ваҳдати шуҳуд тафоввуте нахоҳад дошт.

Ба ибораи дигар, бозгашти ҳузури Худо дар аъёни мавҷудот ба таҷаллии Ҳақ аст ва мутаҷаллӣ ва мутаҷалли лаҳу ва ё зоҳир ва мазҳар яке ҳастанд. Зуҳурро агар ба Худо ва манбаъи аслӣ нисбат диҳем, таҷаллӣ номида мешавад ва агар онро ба халқ ва абд изофа кунем, кашф ва шуҳуд номида мешавад. Худо бар халқ таҷаллӣ мекунад ва дар ин таҷаллӣ халқ ӯро шуҳуд менамояд, яъне ӯро меёбанд ва чун Худо ҳамон вуҷуд аст, пас ёфтани Ӯ ҳамон ёфтани вуҷуд ва ё вуҷуд ёфтан аст. Лекин таҷаллии Худо доим аст, дар натиҷа шуҳуд ва вуҷуд ёфтан доим аст.

Худо илова бар таҷаллии вуҷудӣ - ки бо он дар «айн» ба исми латиф зоҳир мешавад - дорои таҷаллиии шуҳудӣ аст, ки ба исми хабир дар «илм» зуҳур меёбад. Ҳол вақте ки Худо худашро аз тариқи таҷаллӣ ба дигарон мешиносонад, дар ҳақиқат худашро маҳдуд ва муқайяд месозад. Дар ғайри ин сурат халқ наметавонистанд Ӯро бишиносанд, яъне онҳо мутобиқи истеъдодашон талаби шуҳуд доранд. Пас шиносонидани худ ба онҳо аз аътои (бахшидани) вуҷуд ба онҳо иборат аст. Яъне, қалби ориф маҳалли таҷаллии доимии Худо дар олами шаҳодат аст,

қалби вай доиман пазирои сурате дар олам аст. Пас ин Худост, ки аз як сӯ, доиман дар айн зуҳур дорад ва ҳарчанд ки худ дар паси пардаи ғайб аст. Ба ин тартиб вуҷуб ва шуҳуди ҳар ду ба як амр боз мегарданд, ки таҷаллӣ аст ва ҳар ду ҳам маънои офоқӣ доранд ва ҳам маънои анфусӣ. Яъне боз ҳам ба ин натиҷа мерасем, ки айн ва зеҳн, офоқ ва анфус, ваҳдати вуҷуд ва ваҳдати шуҳуд аз як манбаъ сарчашма мегиранд, ки таҷаллиии Худо аст [М-7; М-8; М-10; М-11].

ТАВСИЯҲОИ АМАЛӢ ОИД БА ИСТИФОДАИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Ҷаҳони муосир бо ҳама мушкилот ва нигарониҳои ҷаҳонишавӣ, ки имрӯз ба фарҳангу тамаддуни халқҳои гуногуни олам таҳдид менамояд. Натиҷаҳои пешрафт ва болоравии илмҳои техникӣ як қатор мушкилоти ахлоқӣ, динӣ, сиёсишавии дин, ташаккулёбии ҳизбу ҳаракату созмонҳои ифротӣ, мутаассиб, мусаллаҳшавии онҳо тамоми ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст. Ҷомеашиносон ҷиҳати пешгирии равандҳои номатлуб ва болобурди ҳисси худогоҳии насли ҷавон роҳҳо ва воситаҳои гуногунро пешниҳод намудаанд, ки омӯзиш ва таҳқиқи самтҳои гуногуни ақидаҳои мухталифи фалсафӣ-диниро дар радифи онҳо қарор дорад. Омӯзиш ва таҳқиқи осори файласуфони бузурге мисли Ибни Арабӣ имкони воқеии онро дорад, ки дар пешгирии ҳаракатҳои иртиҷоиву ифроти саҳми назаррас гузошта бошад. Махсусан назарияи ваҳдати динҳо ва нақши калидии ишқ дар ҳаёти одамӣ имкон дорад, ки дар ҳалли ин масоил саҳмгузор бошад.

2. Масоили ахлоқӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, худшиносии милливу хувияти фарҳангӣ дар тӯли таърихи инсоният дар доираи улуми фалсафӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор доштаву ҳоло ҳам қарор доранд. Зарур аст, ки афкори фалсафии куҳанбунёду аҷдодии мо дар сатҳи доираи мутахассисони факултаи фалсафаи ДМТ боз ҳам густариш дода шавад, зеро маҳдудияти соатҳои таълимӣ барояшон имкон намедиҳад, ки паҳлуҳои ҷараёнҳои динӣ-фалсафӣ муфассал мавриди омузиш қарор бигиранд.

3. Омӯзиши амиқтари консепсияҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносии тасаввуф ҳамчунин имкон фароҳам меоварад, ки онҳо ҳамчун заминаи тарбияи шахсият ва рушду нумуи

тафаккури озоди хатмкунандагони факултети фалсафа бояд мавқеи марказӣ дошта бошад. Чунин даврaҳои таълимӣ барои муҳаққиқони ҷавон ва донишҷуёни риштаи фалсафа, диншиносӣ муҳим мебошанд ва донишҷӯён ҷаҳонбинии мустақил ва интиқодӣ дошта бошанд.

4. Бо назардошти забони мушкили осори донишмандони асримиёнагӣ ва дар аксари ҳолатҳо нофаҳмоии онҳо барои одамони муосир, зарур аст, ки шарҳ ва тарҷумаи онҳо бо забони илмии муосир ба роҳ монда шавад, то истифодаи мероси классикии куҳанбунёди мо барои муҳаққиқон ва завқмандону ихлосмандон саҳлу осон гардад.

5. Таҳкими худшиносии миллӣ ва маънавӣ аз вазифаҳои муҳимтарини ҷомеашиносони ватанӣ маҳсуб мегардад, ки бе шубҳа барои ташаккул додани ифтихороти миллӣ ва эҳтиром ба мероси фарҳангӣ нақши тақдирсозро ифо менамояд, ки бояд тавассути ВАО пайваста интишор дода шаванд.

6. Дар пояи таҳқиқоти мазкур метавон курсҳои махсуси таълимиро барои омӯзиши амиқтари психологияи тасаввуф, ҳастишиносӣ ва маърифатшиносии таълимоти ваҳдати вуҷуд барои донишҷӯёни факултаҳои гуманитарии ДМТ ва махсус факултети фалсафа ба роҳ монд.

7. Таҳияи китобҳои таълимии махсус оид ба таълими амиқи мавзуъҳои сӯфиёна барои мутахассисони риштаҳои таърихи фалсафа ва таърихи динҳо барои зинаи бакалавриат ва мутахассисон ба нақша гирифта шуда, таълими амиқи онҳо ба роҳ монда шавад.

8. Ташкил намудани курсҳои академикӣ оид ба омӯзиши фалсафа, психология ва омӯзиши таърихи адён дар назди факултаи фалсафаи ДМТ. Онҳо барои амиқтар омӯхтани таърихи таҳаввул ва рушди тасаввуф дар якҷоягӣ бо омӯзиши адён ва фалсафа мусоидат хоҳад кард.

РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМӢ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Монография

[1-М]. Зиёева, З.И. Проблема взаимоотношения личности и общества в философии Мухаммада Икбала [Текст] / З. И. Зиёева. – Душанбе: Эр-Граф, 2026. – 176 с.

[2-М]. Зиёева З.И. Ибни Арабӣ: зиндагӣ, осор ва ҷаҳонбинӣ, [Матн]/ Зиёева З.И., 2026, -150 с.

II. Китоб

[3-М]. Зиёев, И.Ғ., Зиёева, З. И. Ахлоқ ва зебоишиносӣ: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ [Матн] / И. Ғ. Зиёев, З. И. Зиёева. – Душанбе: Донишвар, 2019. – 480 с.

II. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[4-М]. Зиёева, З.И. Назари таҳқиқотии А. В. Смирнов ба осори Ибни Арабӣ «Ал-Футуҳот ал-Маккия» [Матн] / З.И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – № 1. – С. 61–66. – ISSN 0235-005X.

[5-М]. Зиёева, З.И. Шореҳони маъруфи «Фусус ал-ҳикам»-и Ибни Арабӣ [Матн] / З.И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – № 2. – С. 80-84

[6-М]. Зиёева, З.И. «Тадбироти илоҳия» ва «Фусус ал-ҳикам»-и Ибни Арабӣ [Матн] / З.И. Зиёева // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2021. – № 1. – С. 53–57.

[7-М]. Зиёева, З.И. Ваҳдати вуҷуд дар ирфони Ибни Арабӣ [Матн] / З.И. Зиёева // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2021. – № 2. – С. 11–16.

[8-М]. Зиёева, З.И. Андешаҳои гносеологӣ дар фалсафаи Ибни Арабӣ [Матн] / З.И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – № 3. – С. 66–69.

[9-М]. Зиёева, З.И. Мулоҳизот оид ба таърихи пайдошавии тасаввуф [Матн] / З.И. Зиёева // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2020. – № 3. – С. 84–89.

[10-М]. Зиёева, З.И. Ваҳдати вуҷуд аз нигоҳи Ибни Сино ва Ибни Арабӣ [Матн] / З.И. Зиёева // Паёми филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе. Бахши илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2022. – Том 2, № 1 (21). – С. 118–132.

[11-М]. Зиёева, З.И. Таълимоти Ибни Арабӣ оид ба нафс [Матн] / З. И. Зиёева // Паёми филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе. Бахши илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2022. – Том 2, № 2 (24). – С. 53–63.

[12-М]. Зиёева, З.И. Консепсияи «инсони комил» дар ирфони Ибни Арабӣ [Матн] / З.И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ. – Душанбе, 2024. – № 1. – С. 81–87.

[13-М]. Зиёева, З.И. Тоҷикистон дар муқовимат ба терроризми байналмилалӣ ва ифротгароии хушунатомез [Матн] / З.И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ. – Душанбе, 2024. – № 1. – С. 259–269.

[14-М]. Зиёева, З.И. Шарҳи мафҳуми «инсони комил» аз дидгоҳи Азизуддин Насафӣ ва Абдулкарим Қутбиддин ибни Иброҳим (Ҷилӣ) [Матн] / З.И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ. – Душанбе, 2024. – № 3. – С. 104–110.

[15-М]. Зиёева, З.И. Ибни Арабӣ - бузургтарин шайхи тасаввуф [Матн] / З.И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – № 1. – С. 121–125

[16-М]. Зиёева, З.И. Формирование личности в концепции «совершенного человека» Мухаммада Икбала [Текст] / З. И. Зиёева // Международный научный журнал «Научный лидер». – 2025. – № 29 (230). – ISSN 2713-3168. – С. 75–82.

[17-М]. Зиёева, З.И. Нақши фарҳанг дар муносибатҳои байналмилалӣ [Матн] / З.И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – № 2. – С. 199–204.

[18-М]. Зиёева, З.И. Краткий обзор исторической эволюции теоретического мистицизма (на основе книги «Онтология исламского мистицизма» Али Амининежад) [Текст] / З. И. Зиёева // Международный научный журнал «Научный лидер». – 2025. – № 31 (232). – ISSN 2713-3168. – С. 196–205.

[19-М]. Зиёева, З.И. Мероси адабӣ ва фалсафии Ибни Арабӣ [Матн] / З.И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – № 4. – С. 140–147.

[20-М]. Зиёева, З.И. Этапы развития исламского теоретического мистицизма: от суфийской практики к философской онтологии [Текст] / З.И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа,

сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – № 4. – С. 50–60.
[21-М]. Зиёева, З.И. Таҳлили муқоисавии дар «Рисолат-ут-тайр»-и Ибни Сино ва «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттори Нишопурӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2026. – № 1. – С. 20–31.
[22-М]. Зиёева, З.И. Философская интерпретация экзистенциальных вопросов у Мухаммада Икбала [Текст] / З. И. Зиёева // Актуальные исследования. – Белгород, 2026. – № 4. – ISSN 2313-1513. – С. 6–12.
[23-М]. Зиёева З.И. Зиндагӣ ва таълимоти ирфонии Ибни Арабӣ [Матн] / З. И. Зиёева//Ахбори Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2026 – № 3. – С. 68–76.

III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои дигари илмӣ чоп шудаанд.

[24-М]. Зиёева, З. И. Ваҳдати вуҷуд аз нигоҳи Ибни Арабӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Маводи семинари илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Фалсафаи муосири тоҷик: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои рушд». – Душанбе, 2021. – С. 59–71.
[25-М]. Зиёева, З.И. «Ибни Арабӣ: «Тадбироти илоҳия» ва «Фусус ал-ҳикам»« [Матн] / З.И. Зиёева // Файласуф ва замон: маҷмӯаи мақолот. – Душанбе, 2021. – С. 489–501.
[26-М]. Зиёева, З.И. Ҳастишиносӣ ва худошиносии ирфонӣ дар «Доиратулмаорифи бузурги исломӣ» [Матн] / З.И. Зиёева // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзӯи «Масоили мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ дар замони муосир», бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20-солагии таъсисёбии факултети фалсафаи ДМТ. – Душанбе. – С. 261–271.
[27-М]. Зиёева, З.И. Муаммои ваҳдати вуҷуд ва робитаи он бо Ибни Арабӣ ва Мавлоно Румӣ [Матн] / З.И. Зиёева // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ», бахшида ба 75-солагии ДМТ. – Душанбе, 2023. – С. 194–200.
[28-М]. Зиёева, З.И. Философия этики Аль-Фараби в «Мадинаи фозила» («Добродетельный город») [Текст] / З.И. Зиёева // Материалы международного симпозиума «Саҳми Абунасри Форобӣ дар илм ва тамаддуни ҷаҳон» (16–17 октября 2024 г., Душанбе). – Душанбе, 2024. – С. 582–588.
[29-М]. Зиёев, И.Ғ., Зиёева, З.И. Сухане чанд оид ба ҷаҳонбинии Ибни Арабӣ [Матн] / И.Ғ. Зиёев, З.И. Зиёева // Материалы круглого

стола «Современные тенденции развития философской науки в Таджикистане и мире» (18 ноября 2022 г.). – Душанбе, 2022. – С. 64–73.

[30-М]. Зиёева, З.И., Зиёев, И.Ғ. Осори ирфонии Ибни Сино [Матн] / З.И. Зиёева, И. Ғ. Зиёев // Материалы международного симпозиума «Саҳми Абуалӣ ибни Сино дар рушди илм, фалсафа ва тамаддуни ҷаҳонӣ» (4–5 ноября 2025 г., Душанбе). – Душанбе: ИФСҲ АМИТ, 2025. – 1280 с.

[31-М]. Зиёева, З.И. Ваҳдати вуҷуд аз нигоҳи Ибни Сино ва Ибни Арабӣ [Матн] / З.И. Зиёева // Материалы международного симпозиума «Саҳми Абуалӣ ибни Сино дар рушди илм, фалсафа ва тамаддуни ҷаҳонӣ» (4–5 ноября 2025 г., Душанбе). – Душанбе: ИФСҲ АМИТ, 2025. – 1280 с.

[32-М]. Зиёева, З.И. Духовные и нравственные мысли Ибн Сины и Мухаммада Газзали [Текст] / З.И. Зиёева // Сборник материалов Международной научно-практической конференции «Эволюция, тенденции и перспективы политической культуры гражданского общества: казахстанский и зарубежный опыт». – Алматы: Казахский национальный университет имени аль-Фараби, 2026. – С. 129–132.

[33-М]. Зиёева З.И. Таҳлили муқоисавии ақидаҳои Абурайҳони Берунӣ ва Умари Хайём андар боби Наврӯз//Ахбори Институти фалсафа, ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳовaддинови АИ ҶТ №3 2026, С.175-179.

[34-М]. Зиёева З.И. Ибни Арабӣ ва ҷаҳонбинии ӯ //Кафедраи фалсафа: таъсис ва ташаккули мактабҳои илмӣ (1969-2026) Мавмуаи маводҳои илмӣ. Душанбе. 2026. -330 с., С.271-284

НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
ИНСТИТУТ ФИЛОСОФИИ И ПОЛИТОЛОГИИ ИМЕНИ А. БАХОВАДДИНОВА НАНТ

ТДУ 1 (091)
ТКБ 87.3 (2 тадж.)
З-57

На правах рукописи



ЗИЁЕВА ЗЕБОНИССО ИДИБЕКОВНА

ФИЛОСОФИЯ ИБНИ АРАБИ

АВТОРЕФЕРАТ

диссертации на соискание ученой степени доктора философских наук по специальности 6.3.2. История философии

Душанбе – 2026

Диссертатсия выполнена в отделе истории философии Института философии и политологии им. А.Баховаддинова НАНТ.

Научный консультант: **Карроматулло Олимов** – академик, доктор философских наук, профессор, главный научный сотрудник отдела истории философии Института философии и политологии имени А. Баховаддинова НАНТ

Официальные оппоненты: **Амирхон Шохусайн Талбони** – доктор философских наук, и.о. профессора, заведующий кафедрой истории философии и социальной философии философского факультета Таджикского национального университета.

Латифи Зебинисо Абдулатиф – доктор философских наук, заведующая общеуниверситетской кафедрой философии факультета истории и права Государственного учреждения «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова».

Султонзода Соки Аслон – доктор философских наук, заведующий кафедрой персидского языка факультета европейских и азиатских языков Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

Ведущая организация: **Таджикский технический университет имени академика М. С. Осими.**

Защита диссертации состоится «07» января 2027 года в «14:00 » часов на заседании Диссертационного совета 6D.KOA-092 при Таджикском национальном университете (734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17).

С диссертацией можно ознакомиться на сайте www.tnu.tj и в Центральной научной библиотеке Таджикского национального университета.

Автореферат разослан «___» _____2026 г.

Учёный секретарь Диссертационного совета, кандидат философских наук Хаитов Ф.К.

ВВЕДЕНИЕ

Актуальность темы (предмета) исследования. Суфизм является одним из духовных явлений, существовавших на различных этапах человеческой цивилизации среди разных народов мира. Вместе с тем суфизм, подобно различным формам мистицизма, обладает своими особенностями, сформировавшимися в определённой общекультурной среде и отражающими её культуру сквозь призму присущих ему специфических черт. Это в полной мере характерно и для суфизма в рамках «общеисламского культурного простпвнства», обладающего рядом специфических черт, позваляющих отличать его от других значительных направлений и школ исламской мысли. Вместе с тем суфизм, выступая одним из важнейших компонентов общего мусульманского культурного наследия, находится во взаимосвязи с различными религиозными и интеллектуальными течениями, а также с достижениями в сфере науки и практической деятельности. В этом контексте суфизм можно рассматривать как одну из особых теоретических и практических форс выражения мусульманской культуры.

Все эти положения свидетельствуют о высокой значимости суфизма в осмыслении духовных аспектов теоретического и практического разума ислама. Во многих случаях данные направления выходят за рамки «мусулбманского мировоззрения», становясь частью более широкого процесса развития лучших образцов человеческого опыта. Именно эти обстоятельства до настоящего времени обусловливают продолжающиеся научные дискуссии о сущности и специфике исламскогоо суфизма. В них заключён также один из гносеологических и духовных мотивов его изучения, который вызывает всё возрастающий интерес исследователей во всём мире. Практически неисчерпаемый характер данного процесса объясняется двум основными причинами: во-первых, широким кругом проблем, которые суфизм ставит перед человеческим разумом и интуитивным познанием, а во-вторых, многообразием его форм и своеобразием каждой из них, что создаёт возможности для различных интерпретаций и объяснений на каждом новом этапе исторического развития и практической деятельности.

Мухйиддин Ибн Араби (560 х.ш./1165–638 х.ш./1240) с точки зрения исторического значения и влияния на исламский суфизм в его теоретическом и практическом измерениях является одной из редких

и неповторимых фигур, изучение философского и практического наследия которой имеет исключительно важное значение. Речь идёт не только о личности, удостоенной ещё при жизни высших и почётных титулов «Шейх аль-Акбар» - «Великий шейх», или «Кутб аль-Актаб» - «Полюс полюсов», но прежде всего о её огромном влиянии и исключительно богатом творческом наследии, сопоставимом с тем воздействием, которое оказали великие философы в истории человечества.

Исламский мистицизм, или суфизм, представляет собой особую форму богопознания и способ развития знаний о Боге, мире и человеке. Роль мистического учения в духовной и политической жизни современного мира оценивается как значимая. Представляется, что официальные формы религии в первую очередб ориетированы на широкие слои общества и потому не во всех случаях способны в полной мере отвечать на индивидуальные духовные запросы человека. Именно в этой особенности следует видеть одну из постоянных предпосылок сохранения мистического опыта и дальнейшего развития соответствующих идей. Продолжительная эволюция мистицизма способствовала его организационному оформлению в XII-XIII веках в виде различных суфийских тарикатов, а на теоретическом уровне обусловила развитие рационализированных форм мистической мысли и постепенное утверждение мистической теософии как одного из ведущих направлений.

Актуальность темы диссертационного исследования также определяется следующими положениями:

1. Изучение и исследование суфизма Ибн Араби и в целом наследия выдающихся мыслителей Востока в современных условиях позволяет не только глубже раскрыть сущность учений, сформировавшихся и развивавшихся на протяжении веков, а также более полно определить место духовных ценностей человечества в современной культуре, но и обеспечить всестороннее изучение внутренних и внешних проявлений человеческой природы. Различные положения его учения - единство бытия, единство религий, постоянные сущности (*аъян ас-сабита*), а также ключевая роль любви в жизни человека - признаны одними из основных элементов, формирующих идейно-теоретическую систему Ибн Араби.

2. Возникла необходимость определить место и статус Ибн Араби в истории восточной философии, а также исследовать влияние его идей на суфизм и исламскую мистическую мысль и в целом на современную философию в рамках философских, социологических и антропологических наук с позиций критического анализа.

3. Ибн Араби является первым мусульманским мыслителем, который посредством особого стиля изложения и письма заложил основы учения, не имевшего ранее аналогов в истории исламской философии. Следует также отметить, что язык его произведений отличается высокой степенью совершенства и насыщен метафорами, иносказаниями, символами и символизмом, вследствие чего понимание и интерпретация смысла его высказываний доступны далеко не каждому исследователю.

4. Ибн Араби является выдающимся мистиком исламского мира, которого большинство исследователей в мире называют основоположником теоретического мистицизма; в последние годы интерес к его произведениям и идеям неуклонно возрастает. Несмотря на наличие значительного числа как противников, так и сторонников его учения, его труды в настоящее время распространяются, переводятся и исследуются во многих странах.

5. В 1964 году арабская научная и культурная общественность должна была отметить 700-летие со дня рождения Ибн Араби в рамках программы его чествования, однако по различным причинам это мероприятие не состоялось. Несмотря на значительный интерес большинства исследователей к разработанным им учениям, особое внимание уделяется учению о единстве бытия, поскольку именно эта теория составляет основу и центральное ядро идей Ибн Араби, а другие положения его мировоззрения в действительности опираются на данную теоретическую основу.

6. Несмотря на то, что исследователи называют его труды и идеи «суфийской философией» или «философским суфизмом», Ибн Араби является мистиком, оказавшим значительное влияние на последующие поколения, а научные дискуссии вокруг его наследия в основном сосредоточены на теории единства бытия. Его труды и идеи имеют многочисленных сторонников и противников как среди суннитов, так и среди шиитов.

7. В современном мировом сообществе происходят масштабные трансформационные процессы, сопровождающиеся под

воздействием глобализации заметным культурным отчуждением и снижением нравственных ориентиров. В связи с этим проблема противопоставления цивилизаций является одной из серьёзных и потенциально опасных проблем, способных реально способствовать усилению и углублению нравственного кризиса человечества. Поэтому всесторонний анализ и изучение произведений и наследия мыслителей мирового значения могут способствовать повышению уровня духовности и утверждению общечеловеческих ценностей на основе права и политики, а также играть ключевую роль в условиях усиления напряжённости и обострения противостояния культур. Прежде всего речь идёт о необходимости уделять приоритетное внимание духовным потребностям развивающегося и изменяющегося общества, которое способно приобрести совершенно новые формы и облик. В этом направлении изучение и исследование учения о единстве религий и ключевой роли любви в жизни человека приобретает особую значимость. Справедливо отмечает Президент страны, подчёркивая по этому поводу: «Историческое наследие выдающихся сынов нашего народа и сегодня имеет важное международное значение для национального самосознания, представления таджиков на мировом уровне и диалога цивилизаций» [97, С. 125].

Степень изученности научной темы. Произведения и наследие Ибн Араби ещё при его жизни привлекали внимание учёных из разных стран мира, а в современных условиях различные аспекты его учения также продолжают изучаться и исследоваться представителями мировой научной мысли. Исследователей творчества Ибн Араби в зависимости от современного уровня изучения, перевода и исследования его наследия условно можно разделить на шесть групп.

К первой группе можно отнести труды средневековых мыслителей, в которых впервые в той или иной форме были представлены биографические сведения, а также изложены и прокомментированы отдельные идеи, теории и положения учения Ибн Араби. В эту группу входят произведения на арабском языке, написанные его современниками, учениками, противниками и сторонниками его учения.

Первые сведения об Ибн Араби и его личности, дошедшие до наших дней, можно обнаружить в трудах многочисленных

мусульманских историков и учёных: аз-Захаби [1], Ибн Касира [20], Ибн Имад [10], Ибн Тагриберди [64], Джами [34; 35; 36; 37; 39; 76], Джалалуддина ас-Суюти [4] и других. Значительная часть приведённых ими сведений носит биографический характер, содержит перечень его произведений и изложение отдельных положений его идей и учения.

Онтологическое и гносеологическое учение Ибн Араби позволяет всесторонне реконструировать процесс формирования его мировоззрения и развития личного духовного опыта. В нём прослеживается единство онтологических, гносеологических и этических аспектов, а также концепция единства бытия, являющаяся одной из центральных составляющих его философского учения. Иными словами, именно истинное познание, согласно данной концепции, позволяет человеку достичь духовного совершенства. Совокупность указанных обстоятельств обусловила актуальность выбора темы настоящего исследования [2; 7; 8].

Вторую группу составляют мыслители, которые полностью поддерживали суфийское учение Ибн Араби [10; 45], защищали и отстаивали его учение, а также распространяли и пропагандировали его идеи в различных регионах и на разных языках исламского мира. Среди них можно выделить Кашани [23] и Кунави [26], однако особое место занимает Абдулваххаб аш-Шаарани [7; 8].

В действительности вокруг учения Ибн Араби в научных кругах развернулись острые дискуссии, о чём свидетельствуют названия ряда посвящённых ему трудов: [15] «Предостережение глупцов относительно обвинения Ибн Араби в неверии и ответ на него» и «Предостережение глупцов относительно оправдания Ибн Араби». Первый из них принадлежит Бурхануддину аль-Бикаи (1406–1480), второй - Джалалуддину ас-Суюти (1445–1505); оба являлись видными представителями исламской научной мысли.

Третью группу составляют современные европейские исследователи, труды которых посвящены биографии Ибн Араби. Например, «Поиски Красной серы» Клода Аддаса (1993), которое, вероятно, является одной из наиболее полных биографий Ибн Араби.

Однако **другую группу исследователей** составляют европейские учёные, в частности востоковеды, которые в современный период сыграли значительную роль в изучении и исследовании философии Ибн Араби, опираясь на современные

научные методы, что позволило им выявить ряд новых аспектов его философского учения.

Среди европейских востоковедов можно назвать труды Р. А. Николсона [45; 86; 87; 88; 89; 161; 162], Карра де Во [69], Андре Тора [107], Дж. Тримингэма [108], Анри Корбена [73; 74; 75; 76; 129; 157], Клода Аддаса [42], В. Читтика [35; 104; 113; 114; 141; 142; 153; 154] и других исследователей.

Следует также отметить значительный вклад русских философов-востоковедов и других исследователей из различных стран, писавших на русском языке, в выявление и раскрытие различных аспектов философии Ибн Араби. Такие исследователи, как М. Т. Степанянц [104; 105; 106; 139; 140], А. А. Игнатенко [66; 67; 122; 123; 124], А. В. Смирнов [12; 16; 19; 100; 101; 102; 103; 134; 135; 136; 137; 138], А. Кныш [13; 70; 71; 72; 125; 126; 127; 128], Т. А. Ибрагим [118; 119; 120; 121], А. Насыров [131; 132] и другие внесли существенный вклад в изучение, исследование, перевод и публикацию произведений Ибн Араби. При этом научные позиции и направления исследований каждого из них имеют свои особенности и отличаются друг от друга.

Что касается онтологических и гносеологических концепций Ибн Араби, то, по их мнению, они представляют собой совокупность различных идей и попытку объединить в единую систему положения различных философских школ и направлений, что, в частности, отмечали Карра де Во [69], Абу-ль-Ала Афифи [6; 14; 46], Т. Андре [107].

Четвёртую группу составляют научные труды, специально посвящённые комментированию и разъяснению произведений Ибн Араби, авторы которых преследовали различные цели, в том числе стремились принизить их значение и доказать их несоответствие исламскому учению. Под влиянием вышеупомянутых исследователей появился ряд исследований арабских учёных, таких как Абу ал-Ала Афифи [6; 14; 46], Наср Хамид Абу Зайд [85], Умар Фаррух [32; 109]. Они подчёркивали, что философия Ибн Араби представляет собой смешение различных идей, восходящих к различным философским учениям.

Можно назвать значительное число арабских исследователей, рассматривавших идеи Ибн Араби с различных позиций, - Абу-ль-Ала Афифи [6; 14; 46], Абдуллах аль-Муслих [3], Абдуррахман Вакид

[9], Абу Абдулазиз Идрис Махмуд Идрис [68], Абу Бакр Джабир аль-Джазаири [33], доктор Али аль-Хатиб [110], доктор Исом Касабджи [130], доктор Карам Амин Абдукарим [41], Абдулкадир ибн Хабибуллах [22], Лейла бинт Абдуллах [78], Махмуд Абдурауф аль-Касим [25], Мухаммад аль-Абла [27], Мухаммад Ахмад Лух [28], Сабир Таима [30], Фаллах ибн Исмаил ибн Ахмад [31], шейх Юсуф Хаттор Мухаммад [40] и др.

Также можно выделить значительную группу исследований современных иранских учёных, представителями которой являются Касим Кокаеи [77], Мухаммад Али Муваххид и Самад Муваххид [15], Мохсен Джахангири [112], Сайид Яхья Ясриби [99; 144], Мухаммад Шариф [116], Мохсен Тайеб Ния [147], Мортеза Разави [146] и Шарафуддин Хорасани [143].

Исследование Мортезы Разави существенно отличается от работ других исследователей своим стилем и подходом к Ибн Араби и его произведениям. Например, «он считает, что суфизм Ибн Араби не оказал влияния на южные районы Ирана – Фарс, Керман, Йезд, а также на Белуджистан Ирана и Пакистана. По его мнению, в этих регионах сохранился присущий им традиционный персидский суфизм. Именно поэтому особенности суфийского учения Ибн Араби не прослеживаются в произведениях таких авторов, как Хаджу Кермани, Хафиз Ширази и даже Саади, являвшегося его современником» [146; С. 16-19, 20].

Мотаххари также придерживается аналогичной позиции в отношении Ибн Араби и пишет: «Ни в отношении кого другого не высказывались столь противоречивые суждения, как в отношении Мухйиддина. Одни считают его одним из авлияуллах, совершенным человеком и величайшим полюсом, другие называют его неверующим отступником, а иногда Мумиту-д-дином (убийцей религии) и Мухйи-ад-дином (оживителем религии)» [83, С. 131].

Пятую группу составляют научные и исследовательские труды арабских и иранских исследователей, в которых рассматриваются различные философско-религиозные аспекты его учения, что можно назвать объяснительным подходом. К учению Ибн Араби также обращались с позиций континентальной философии, о чём свидетельствует книга Яна Алмонда [149; 150].

Здесь также следует отметить турецких и иранских исследователей Ибн Араби, которые перевели на другие языки почти

большинство его произведений и представили их вниманию исследователей и сторонников философии и мистицизма [15].

Шестую группу составляют отечественные исследователи, среди которых можно назвать И. Г. Зиёзода [54; 55; 56; 59; 60; 61; 62; 117] и Ё. Одинаева [92], рассматривавших различные аспекты религиозно-философского учения мыслителя, отдельные стороны его творчества и деятельность последователей школы Ибн Араби, а также раскрывших и разъяснивших основные направления его учения.

Связь исследования с программами (проектами) и научными темами. Диссертационное исследование выполнено в рамках пятилетней темы научно-исследовательских работ отдела истории философии Института философии и политологии имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана под названием «Методологические проблемы исследования философской, социально-этической мысли и картины мира в трудах таджикских мыслителей» на 2023–2027 годы.

Исследование также связано с приоритетными направлениями научной деятельности, государственными стратегиями и среднесрочными и долгосрочными программами Республики Таджикистан. В частности, его содержание соотносится с положениями «Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года», предусматривающей развитие науки, образования, человеческого капитала и сохранение историко-культурного наследия. В этом контексте изучение философского наследия Ибн Араби, его взглядов на бытие, познание и человека, а также концепции единства бытия (вахдат аль-вуджуд) имеет научное и познавательное значение.

Определённая связь исследования прослеживается и с основными положениями ежегодных посланий Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли, в которых особое внимание уделяется развитию науки и образования, повышению уровня просвещения, сохранению историко-культурного наследия и укреплению национального самосознания. Изучение философского наследия Ибн Араби способствует расширению научных представлений об истории восточной философии и духовно-интеллектуальном наследии мыслителей прошлого.

Теоретические и просветительские аспекты исследования также соотносятся с «Государственной стратегией противодействия

экстремизму и терроризму в Республике Таджикистан на 2021–2025 годы». В частности, научное и критическое изучение религиозно-философского наследия, анализ его идейного содержания и исторического контекста способствуют формированию аналитического подхода к религиозным учениям и повышению уровня научного осмысления религиозно-философских вопросов.

Кроме того, тематика диссертации имеет определённую связь с «Государственной программой патриотического воспитания и укрепления национальной идентичности молодёжи Таджикистана на 2023–2027 годы». Изучение философского наследия Ибн Араби, его нравственных и духовных взглядов способствует более глубокому осмыслению историко-культурных ценностей, расширению мировоззренческого кругозора молодёжи и укреплению уважительного отношения к интеллектуальному наследию прошлого.

Отдельные положения исследования также соотносятся с целями и задачами Года правового просвещения, в частности с вопросами повышения правовой культуры, формирования гражданской ответственности и укрепления нравственных ценностей в обществе. В этом отношении рассмотрение философско-этических взглядов Ибн Араби, его представлений о человеке, нравственности и ответственности представляет определённый научно-познавательный интерес.

В целом результаты исследования имеют научное и практическое значение для углублённого изучения истории восточной философии, определения места Ибн Араби в развитии философии и теоретического суфизма, анализа фундаментальных проблем бытия, познания и человека, а также совершенствования содержания преподавания философских дисциплин в высших профессиональных учебных заведениях.

ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

Цель и задачи исследования. Изучение и анализ суфийской философии Ибн Араби, особенностей его гносеологического и онтологического учения, их единства и неразрывной взаимосвязи посредством исследования учения о единстве бытия и связанных с ним проблем. Для реализации поставленной цели автор диссертации определил следующие задачи:

- кратко изложить биографию мыслителя, характеристики и особенности его произведений, личности, положения, влияния и

